# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
АПРЕЛ-ИЮНИ 2020

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Собир Вазиров,** муҳаққиқ
**Гиямшо Лама,** бонкдор
**Раҳматшо Сайисмонов,** иқтисодчӣ
**Манучеҳр Абдусамадзода,** коршинос

ГИЯМШО ЛАМА: "ҲАДАФИ МО ҲИССАГУЗОРӢ ДАР ТАМОМИ САМТҲОИ РУШДИ КИШВАР АСТ!" 44

IT'S TIME TO MINIMIZE THE PANDEMIC'S ECONOMIC IMPACT 62

ОСОБЕННОСТИ ЗАЛОГА ПРАВА ПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫМ УЧАСТКОМ С ПРАВОМ ОТЧУЖДЕНИЯ 23

НАЗАРСАНҶӢ ВОҚЕИЯТИ ВАЗЪРО МУАЙЯН ВА НИШОН МЕДИҲАД 70



## РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ МУБОРАК!



# 2019–2021
## “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»

Зарур аст, ки дар соли 2020 ва солҳои минбаъда шароити инфрасохтори сайёҳӣ дар ҳамаи мавзеъҳои сайёҳӣ беҳтар карда, сатҳу сифати хизматрасонӣ боз ҳам баланд бардошта шавад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ДАР ИН ШУМОРА:


**3**

**ПРЕЗИДЕНТ**
ШАРТИ МУҲИМТАРИНИ ХУШБАХТИИ ИНСОН – ЗИНДАГӢ ДАР ВАТАНИ ОРОМУ ОСУДА ВА ОБОДУ ЗЕБО МЕБОШАД.

**6**

**ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО**
Шӯрои иҷроияи ХБА дар доираи механизми қарздиҳии таъҷилӣ ҷиҳати мубориза бо пандемияи COVID-19 оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон . . .

**12**

**ДАСТУРАМАЛИ №240**
“Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ”





**51**

**НИЗОМИ БОНКӢ ВА САҲМИ ОН ДАР РУШДИ САНОАТИ ҶУМҲУРӢ**

**56**

**МУАММОҲОИ АНДОЗБАНДИИ АМАЛИЁТҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ИСЛОМӢ (ДАР МИСОЛИ МУРОБАҲА ВА ТАВАРРУҚ)**
Нахуст бояд зикр намоем, ки ҶСК “Тавҳидбонк” дар мавзӯи “Низоми иқтисоди исломӣ” ва “Фаъолияти бонкии исломӣ”, соли 2019 тариқи . . .

**28**

**НИЗОМИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ, КИ ҚАРЗДИҲИИ БОНКИРО ТАНЗИМ МЕНАМОЯНД**
Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин унсури асосии механизми танзими ҳуқуқӣ ба . . .





**33**

**РАВАНДҲОИ НАВИ ИНТЕРНЕТБАНКИНГ: БОНКҲО БА ПЛАТФОРМАҲО ТАБДИЛ МЕШАВАНД**

**62**

**IT’S TIME TO MINIMIZE THE PANDEMIC’S ECONOMIC IMPACT**
The National Bank of Tajikistan’s magazine “Bonkdori Tarakiyot Jahonishavi” has . . .

**67**

**КВД «ТОҶИКСУҒУРТА» ХАВФҲОИ ИҶТИМОИИ КОРОНАВИРУСРО КАМ МЕКУНАД!**
Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» бо ҳадафи паст кардани хавфҳои иҷтимоии . . .

# В ЭТОМ НОМЕРЕ:




**23**

**ОСОБЕННОСТИ ЗАЛОГА ПРАВА ПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫМ УЧАСТКОМ С ПРАВОМ ОТЧУЖДЕНИЯ**





**44**

Гиямшо Лама:
**“ҲАДАФИ МО ҲИССАГУЗОРӢ ДАР ТАМОМИ САМТҲОИ РУШДИ КИШВАР АСТ!”**

**70**

**НАЗАРСАНҶӢ ВОҚЕИЯТИ ВАЗЪРО МУАЙЯН ВА НИШОН МЕДИҲАД**

Назарсанҷии аҳолӣ бо мақсади муайянсозии ҳолат ва сатҳи фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 то 31 январи . . .

**78**

**САМОЙ ГЛАВНОЙ ЦЕЛЬЮ КИБТ ЯВЛЯЕТСЯ ПРЕДОСТАВЛЕНИЕ ДОСТОВЕРНЫХ, НАДЕЖНЫХ ОТЧЕТОВ О СОСТОЯНИИ КРЕДИТОРОВ КРЕДИТНЫМ ОРГАНИЗАЦИЯМ, ЧТОБЫ СНИЗИТЬ РИСКИ КРЕДИТОВАНИЯ И УЛУЧШИТЬ ПРОЦЕДУРЫ РИСК-МЕНЕДЖМЕНТА**



## Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
2 (89) АПРЕЛ-ИЮН, 2020



**Тел:** +992 (44) 600- 31- 24
**Факс:** +992 (44) 600- 32- 49

**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt. tj**



**РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ҷ. Нурмаҳмадзода
Аъзои Шӯрои машваратӣ:
Ҷ. Нуралиев, Ф. Ҳамрализода,
А. Миралиев, Н. Абибуллоев,
А. Қурбонов

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: А. Қурбонов
Сармутахассис: А. Мӯминов
Мутахассиси дараҷаи I: Л. Имомова



Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №114/МҶ- 97, аз 20 июни 2019 с.

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 511 нусха.
Дар матбааи
ҶСП «НАШРИЁТИ МУОСИР»
чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Зарнисор, 3.

# Шарти муҳимтарини хушбахтии инсон – зиндагӣ дар Ватани орому осуда ва ободу зебо мебошад.



Имрӯз мо бо ифтихор иброз медорем, ки ҳар як шаҳрванди бонангу номуси мамлакат барои мустаҳкам гардидани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ҳифзи осудагии кишвар, тақвияти пояҳои давлатдории миллӣ, рушду тараққиёти давлат ва ободии Ватани азизамон талош менамояд.

Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки бо гуноҳи азими роҳбарони ҳизби миллаткуш, яъне собиқ ҳизби террористиву экстремистии наҳзат ва хоҷагони хориҷии онҳо, яъне хоинону душманони миллати тоҷик ва давлати тозаистиқлоли тоҷикон рух дод, боиси ба ҳалокат расидани беш аз 150 ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон гардид.

**Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ**

26.06.2020 шаҳри Душанбе

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори Рӯзи Ваҳдати миллӣ, ки яке аз ҷашнҳои муҳимми даврони соҳибистиқлолии кишварамон мебошад, самимона табрик мегӯям.

Таъмин намудани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ки аз Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии мамлакат сарчашма мегирад, барои қатъи мухолифати мусаллаҳона ва ҷангу хунрезӣ, сарҷамъии миллати тоҷик, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва таъсиси низоми ҳуқуқии адолатпеша асоси мустаҳкам гузошт.

Маҳз ба ҳамин хотир, масъалаи ваҳдати миллӣ ба яке аз арзишҳои волои ҷомеаи мо табдил ёфта, барои мардуми шарифи Тоҷикистон қадру қимати баланд дорад.

Мақсади асосии онҳо дар Тоҷикистон бунёд намудани давлати исломӣ ва зӯран ба сари мардуми мо таҳмил кардани фарҳанги бегона буд.

Ин дастаи хоинони миллат ҳатто баъди имзои созишномаи сулҳ низ, ки 27-уми июни соли 1997 сурат гирифт, дар давоми чандин сол ба кирдорҳои нопоку душманонаи худ – тарконидани иншооту биноҳо, қатлу куштор ва террор идома дода, ҳатто якчанд маротиба ба табаддулоти ҳарбиву давлатӣ даст заданд.

Аз ин лиҳоз, хиёнати содиркардаи роҳбарони ин ҳизби террористиро мардуми Тоҷикистон ва таърихи халқи тоҷик ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд.

Дар ин раванд, мардуми мо, хусусан, наврасону ҷавонон бояд ҳамеша дар ёд дошта бошанд, ки ваҳдати миллии тоҷикон саҳлу осон ба даст наомадааст.

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ба мардуми Тоҷикистон дар натиҷаи саъю талоши шабонарӯзии фарзандони огоҳу бедордили миллат, музокироти бисёр мушкилу

тӯлонӣ ва ҳамзамон бо ин, бар ивази ҷони ҳазорон нафар ҷавонмардони содиқу ватандӯст муяссар гардидааст.

Дар робита ба ин, мехоҳам як нуктаи муҳимро бори дигар хотирнишон намоям.

Мо бо ҳизби террористиву экстремистии наҳзат ягон созишнома имзо накардаем.

Ҳукумати мамлакат Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистонро бо Иттиҳоди нерӯҳои мухолифин ба имзо расонидааст.

Яъне дар даврае, ки барои мардуми куҳанбунёди тоҷик воқеан тақдирсоз буд, ба хотири пешгирӣ намудани фоҷиаи даҳшатноки аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат зарур буд, ки саъю кӯшиши бесобиқа ба харҷ дода, наҷоти давлат ва миллатро ба ҳар қимате, ки бошад, таъмин намоянд.

Мо бо дарки амиқи масъулият дар назди сокинони мамлакат ва ояндаи кишвар тамоми чораҳои имконпазирро амалӣ гардонидем, ки ба ҷангу хунрезӣ хотима бахшида, оромӣ ва суботи сиёсиро ҳамчун тақозои ҳаётӣ ва умеду орзуи ягонаи хурду бузурги Тоҷикистон дар он айёми хатарзову фоҷиабор барқарор намоем.

Дар қадами аввал, мо фаъолияти сохтору мақомоти амалан фалаҷшудаи давлатиро барқарор кардем ва дар ин раванд, беш аз як миллион нафар ҳамватанонамонро, ки ба кишварҳои дуру наздики олам гуреза шуда буданд, ба Ватан баргардонидем.

Баъдан ислоҳоти конститутсиониро роҳандозӣ намуда, парламенти касбиро таъсис додем ва ҳамзамон бо ин, ислоҳоту дигаргуниҳои бунёдии иқтисодиву иҷтимоиро оғоз кардем.

Дар натиҷаи қабул ва амалӣ намудани тадбирҳои зарурӣ мо тавонистем, ки бо кумаку дастгирии самимонаи мардуми шарифи тоҷик ҷомеа ва давлатро аз буҳрони вазнини сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавӣ раҳоӣ бахшида, масири инкишофи минбаъдаи Тоҷикистонро муайян намоем.

Бинобар ин, имрӯз бори дигар бо ифтихор иброз менамоям, ки таъмини сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ хизмати бузургу таърихии халқи тоҷик аст ва қаҳрамони сулҳу ваҳдати миллӣ низ танҳо халқи Тоҷикистон мебошад.

Ҳоло Тоҷикистони азизи мо дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба сӯи фардои боз ҳам ободу осуда қадамҳои устувор мегузорад.

Нақшаву барномаҳои қабулкардаи мо доир ба рушди миллӣ, ки имрӯзу фардои миллату давлатро ба ҳам пайванд медиҳанд, бо заҳмати аҳлонаву созандаи мардуми Тоҷикистон пайгирона амалӣ шуда истодаанд.

Қобили зикри хос аст, ки сокинони кишвар, хусусан, ба хотири истиқболи арзандаи ҷашни муқаддасу бузурги миллиамон – сисолагии истиқлоли давлатӣ содиқонаву софдилона заҳмат мекашанд.

Яъне дар раванди ободонии Ватани маҳбубамон имрӯз саҳми ватандӯстонаи хурду бузурги мамлакат, соҳибкорону тоҷирон, шахсони саховатпеша ва ҳамватанони бурунмарзӣ торафт бештар мегардад.

Бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи онҳо барои заҳмати софдилонаву содиқонаашон миннатдории самимӣ баён менамоям.

Мехоҳам нақши бисёр арзишманди ҷавонони ватандӯсти Тоҷикистонро дар ҳимояи дастовардҳои истиқлол, пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва ободонии сарзамини аҷдодӣ махсус таъкид намоям.

Мо ифтихор мекунем, ки Тоҷикистон яке аз кишварҳои аҳолиаш ҷавонтарини дунё ба ҳисоб рафта, синни миёна дар он 24 солро ташкил медиҳад ва саҳми ҷавонон ҳамчун неруи созанда дар пешрафту ободии мамлакат ниҳоят арзишманд мебошад.

Ба хотири тарбияи кадрҳои замони нав аз байни наврасону ҷавонон мо рушди илму маориф, бахусус, илмҳои табиӣ ва риёзиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон кардем.

Чунки ояндаи ободи Тоҷикистон аз рушди илмҳои зикршуда вобаста аст ва пешрафти кишвар дар дасти кадрҳои замони нав, яъне мутахассисони сатҳи баланди касбӣ мебошад.

Ҳамчунин, хотирнишон менамоям, ки ҳифзи истиқлолу озодии Ватан, густариши пайвастаи худогоҳиву худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасот ва

рамзҳои давлатӣ, таърих, забон ва фарҳанги миллӣ, таблиғи аҳаммияти сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, сарҷамъии миллат, ваҳдати миллӣ, эҳтирому риояи Конститутсия ва қонунҳо, яъне таъмини волоияти қонун бояд вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди бонангу номус бошад.

Дар айни замон ин кори муҳим яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти ҳамаи шохаҳои ҳокимият, сохтору мақомоти давлатӣ, соҳаҳои илму маориф ва муассисаҳои таълимӣ, падару модарон, аҳли зиё, фаъолон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳар яки мо бояд як нуктаи бисёр муҳимро доим дар хотир дошта бошем, ки шарти муҳимтарини хушбахтии инсон – зиндагӣ дар Ватани орому осуда ва ободу зебо мебошад.

Ва агар дар мамлакат сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, сарҷамъии миллат ва ваҳдати миллӣ ҳукмфармо бошад, тамоми нияту ҳадафҳои нек ва нақшаву барномаҳо иҷро мегарданд ва ҳамаи масъалаву мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ батадриҷ бартараф карда мешаванд.

Танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро, ки бо иродаи мардуми Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи олии худ қарор додаем, устуворона идома диҳем ва барои сокинони мамлакат шароити мусоиду арзандаи зиндагиро муҳайё намоем.

Бори дигар таъкид месозам, ки сохти давлатдории Тоҷикистон, яъне моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазир мебошад, зеро он бо майлу иродаи халқи Тоҷикистон интихоб ва дар Конститутсия дарҷ гардидааст.

Мардуми мо, аз ҷумла наврасону ҷавонон, ки насли ояндасози кишвар мебошанд, ҳамеша дар ёд дошта бошанд, ки баъзе хоинони миллату давлати тоҷикон ва хоҷагони хориҷии онҳо ҳанӯз аз ниятҳои душманонаашон даст накашидаанд.

Терроризму экстремизм, радикализми динӣ ва хурофотпарастӣ хатарҳои асосӣ барои имрӯзуояндаи минтақа, аз ҷумла Тоҷикистони мо мебошанд.

Тавре ки борҳо гуфтаам, хурофот ҷаҳолат аст. Ҷаҳолат, ки нишонаи сатҳи пасти саводу маърифат мебошад, ҳамеша бадбахтӣ меорад ва дар роҳи пешрафту тараққиёти давлат, беҳтар шудани шароит ва сатҳи зиндагии мардум монеаи ҷиддӣ эҷод мекунад.

Бинобар ин, мо бояд доим ҳушёр бошем, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, дар ғафлат намонем ва барои ҳимояи муқаддастарину бузургтарин неъмати ҳастию зиндагиамон, яъне истиқлолу озодии кишварамон омода бошем.

Ҳамватанони арҷманди мо хуб мушоҳида мекунанд, ки вақтҳои охир авзои ҷомеаи ҷаҳонӣ босуръат тағйир ёфта, раванди ҷаҳонишавӣ ва мушкилоту масъалаҳои ҳаёти башарият беш аз пеш печидаву мураккаб гардида истодаанд.

Дар баробари буҳрони ҷаҳонии иқтисодиву молиявӣ ва таҳдиду хатарҳои муосири амниятӣ, бахусус, терроризм, экстремизми динӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, ки бехатарии бисёр минтақаву кишварҳои оламро сахт халалдор месозанд, имрӯз мушкилоти экологӣ, яъне тағйирёбӣ ё гармшавии иқлим ва оқибатҳои вазнини он, аз ҷумла хушксолӣ, беобӣ, обхезӣ, инчунин, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, аз қабили пандемияи КОВИД-19 ҳаёти миллионҳо нафар сокинони сайёраро таҳти хатари ҷиддӣ қарор додаанд.

Дар чунин шароит табиист, ки аҳаммият ва нақши худшиносии миллӣ, ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарастӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмии аҳли ҷомеа ва манфиатҳои давлату миллат беш аз ҳар вақти дигар меафзояд.

Бовар дорам, ки хурду бузурги кишвар минбаъд низ таҳти парчами истиқлолу озодӣ тамоми кӯшишу талоши худро ба хотири пешрафти давлат, ободии Ватан ва осоиши ҳар як фарди мамлакат сафарбар месозанд.

Бори дигар кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиро ба ифтихори Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрик гуфта, ба ҳар як сокини кишвар, пеш аз ҳама, саломатӣ, сулҳу оромӣ, иқболи баланд, файзу баракат ва ба Тоҷикистони маҳбубамон ваҳдати ҷовидона орзу менамоям.

Ҷашни Ваҳдати миллӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!

**www.president.tj**

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

## ◙ ТАЪИНОТИ КАДРӢ ДАР БМТ

18 июни соли 2020 дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кадрҳое, ки дар БМТ, вазоратҳои адлия, рушди иқтисод ва савдо, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, фарҳанг, кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохтору мақомоти давлатӣ ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин гардиданд, мулоқот анҷом доданд.

Бо Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуралиев Ҷамолиддин аз вазифаи муовини якум ва Салимова Лола аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон бинобар сабаби ба охир расидани муҳлати ваколаташон озод гардида, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуралиев Ҷамолиддин ба вазифаи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин гардид.

20 июни соли равон бо Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ва  Накҳатзода Моҳбону Киромиддин муовинони раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шуданд.

## ◙ ШӮРОИ ИҶРОИЯИ ХБА ДАР ДОИРАИ МЕХАНИЗМИ ҚАРЗДИҲИИ ТАЪҶИЛӢ ҶИҲАТИ МУБОРИЗА БО ПАНДЕМИЯИ COVID-19 ОИД БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҶУДО КАРДАНИ 189,5 МЛН. ДОЛЛАРИ ИМА ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД



6 майи соли 2020 Шӯрои иҷроияи Хазинаи байналмилалии асъор дар хусуси ҷудо намудани 189,5 млн. доллари ИМА ба Тоҷикистон барои дастгирии буҷет, аз ҷумла мусоидат дар қонеъ кардани талаботи бетаъхири маблағгузории тавозуни пардохт ва эҳтиёҷоти буҷет дар робита ба пандемияи COVID-19 қарор қабул кард.

Пандемияи COVID-19 ба Тоҷикистон осеби иқтисодӣ ва иҷтимоӣ расонида истодааст. Аз ин лиҳоз, бо мақсади нигоҳ доштани суботи молиявии кишвар, мақомоти расмӣ тадбирҳои заруриро ҷиҳати ҳарҷӣ зиёд намудани хароҷотҳо ба соҳаи тандурустӣ, таҳким бахшидани ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазир ва дастгирии корхонаҳо дар шароити таъсири шокҳо андешида истодаанд.

**Вашингтон, округи Колумбия.** Шӯрои иҷроияи Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) барои ҷудо кардани маблағ дар асоси механизми қарздиҳии таъҷилӣ (RCF) дар ҳаҷми баробар ба 139,2 млн. СДР (189,5 млн. доллари ИМА, 80 фоизи квота) барои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул кард. Маблағи мазкур барои қонеъ намудани талаботи бетаъхир дар маблағгузории тавозуни пардохт ва буҷет, ки бо хуруҷ кардани пандемияи COVID-19 ба амал омадааст, пешгирӣ намудани номуътадилии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҳамзамон нигоҳ доштани имкониятҳои бюджет барои хароҷотҳои зарурӣ ба соҳаи тандурустӣ ва талаботҳои иҷтимоии бо COVID-19 алоқаманд, кумак менамоянд.

Бӯҳрони мазкур, тавре интизор меравад, барои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Тоҷикистон оқибатҳои назаррас хоҳад овард. Айни замон тибқи пешгӯиҳо коҳиш ёфтани иқтисодиёти Тоҷикистон дар соли равон то 2 фоиз ва зиёд шудани касри (дефицит)-и умумии буҷет эҳтимол дорад.

Баъди муҳокимарониҳо дар Шӯрои иҷроия муовини директори ХБА ҷаноби Тао Чжан, чунин изҳор дошт: “Пандемияи COVID-19 барои Тоҷикистон ба бор овардани оқибатҳои ҷиддии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ эҳтимол дорад. Ноустуворӣ дар савдо ва дар рафтуомади нақлиётӣ ба якбора коҳиш ёфтани интиқоли маблағ ва даромадҳои давлатӣ боис гашта, эҳтиёҷоти бетаъхирро дар маблағгузории тавозуни пардохт ва буҷет ба миён овард.

Мақомоти расмии кишвар дар ҷавоб нақшаи

чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва боз доштани пандемияро қабул намуд. Хароҷот барои соҳаи тандурустӣ, дастгирии мақсадноки оилаҳои ниёзманд ва бахши иқтисод аз афзалиятҳои нақшаи давлат ба ҳисоб меравад. Дар чунин шароит афзоиши муваққатии касри буҷет (дефицит) ба миён меояд. Мақомоти расмии кишвар шаффофияти хароҷот ва пешниҳоди маълумот оид ба захираҳо ва маблағҳои барои ҳалли бӯҳрон истифодашуда, аз ҷумла нашри ҳисоботро таъмин менамояд. Дар ояндаи миёнамуҳлат мақомоти расмӣ роҳандозии чораҳо оид ба тақвияти буҷет ва бозбинии сиёсати пулӣ ҷиҳати кам кардани касри буҷетро дар назар дорад. Мақомоти расмӣ, ҳамчунин, мақсад дорад, ки мӯътадилии қурби табодул, беҳсозии фаъолияти бозори пул ҷиҳати дастгирии рушди иқтисодӣ ва тафсири хориҷиро таъмин намоянд ва дар баробари ин, лаппишҳову нуқсонҳо барои иқтисодро бартараф созанд. Дар доираи сиёсати пулию қарзӣ тағйирёбии бозоргирӣ ва таваррумро мисли пештара бо диққат назорат хоҳад намуд.

Кумаки молиявии ХБА дар доираи механизми қарздиҳии таъҷилӣ (RCF) қисми назарраси маблағгузориро, ки барои татбиқи чораҳои зиддибуҳронӣ зарур мебошад, таъмин менамояд. Барои бартараф намудани фарқияти боқимонда барои маблағгузорӣ нақши муҳимро маблағгузориҳои иловагии имтиёзнок ва грантӣ, ки аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ равона шудааст, мебозанд.

## ◙ БА ХАБАРҲОИ НОСАҲЕҲ ВА НОСАНҶИДА БОВАР НАКУНЕД!

Имрӯз тамоми ҷаҳон бо бемории сироятии коронавируси COVID-19, ки барои табибон ва олимони соҳаи тиб нав мебошад, мубориза бурда истодаанд ва кӯшиш доранд, ки дар якҷоягӣ, даст ба дасти ҳамдигар ниҳода, ба он пирӯз шаванд. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон, ки то 30 апрели соли 2020 ин бемории сироятӣ расман ба қайд гирифта нашуда буд, чораҳои пешгирии он дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ гардида буд. 30 апрели соли равон Ҷумҳурии Тоҷикистон низ расман аз гирифтор шудани чанд нафар аз шаҳрвандони кишвар ба бемории ҳамагири COVID-19 хабар дод.

Тоҷикистон пас аз дар кишвар ошкор гардидани ҳолати гирифторшавӣ ба ин беморӣ бо назардошти таҷрибаи дигар кишварҳо чораҳои пешгирӣ ва мубориза бо ин бемориро роҳандозӣ намуд ва тақвият бахшид. Мутаассифона, баъзе аз нафарони ҳангоматалаб аз пайдоиши ин бемории сироятӣ дар Тоҷикистон истифода карда, кӯшиш намуда истодаанд, ки мардумро ба таҳлука андозанд.

Аз ҷумла, рӯзҳои охир дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои ҳангомаҷӯ хабарҳои бардурӯғ дар хусуси гирифтори бемории илтиҳоби шуш (пневмания) ва бистарӣ гардидани Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев, Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода ва кормандони Бонки миллии Тоҷикистон маълумоти таҳрифшуда ва дур аз воқеият ба нашр расиданд.

Бонки миллии Тоҷикистон расман изҳор менамояд, ки ин хабарҳо асоси воқеӣ надошта, Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев, Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода сиҳату саломат ва дар дафтари корӣ аз пайи иҷрои вазифаҳои худ мебошанд.

Маврид ба зикр аст, ки маълумот дар хусуси бемории кормандон низ асоси воқеӣ надошта, қисме аз кормандони Бонки миллии Тоҷикистон дар рухсатии меҳнатии нақшавӣ қарор доранд ва кормандони боқимонда ба иҷрои вазифаҳои худ идома дода истодаанд.

Бонки миллии Тоҷикистон бори дигар аз ҳамаи шаҳрвандон эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки ба ҳар гуна хабару гузоришҳои беасос ва ҳангоматалаб, ки ин шабу рӯз зиёд гардидаанд, бовар накарда, ба сарчашмаҳои расмӣ ва манбаъҳои эътимоднок такя намоянд. Зеро танҳо дар сурати нигоҳ доштани оромӣ метавон ба ҳар навъ беморӣ ғолиб омад.

## ◙ ДАР ЯКҶОЯГӢ МЕТАВОНЕМ БА БЕМОРИИ СИРОЯТИИ COVID-19 ҒОЛИБ БАРОЕМ

Ин шабу рӯз мардуми Тоҷикистон дар баробари дигар халқҳои ҷаҳон бо пандемияи

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

COVID-19, ки бемории сироятии нав мебошад, мубориза бурда истодааст.

Аз ҷумла, Бонки миллии Тоҷикистон баҳри иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва кам кардани таъсири хавфҳои эҳтимолии коронавируси COVID-19 ба иқтисодиёти миллӣ ва бо мақсади пешгирӣ аз таъсири эҳтимолии пандемия Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири эҳтимолии пандемияи COVID-19 ба иқтисодиёти миллӣ, низоми бонкӣ ва суғуртаи мамлакат таҳия намуда, барои пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ ҷиҳати пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус ситод ташкил додааст ва кор дар ин самт бо маром идома ёфта истодааст.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон бо дарки амиқи заҳматҳои кормандони соҳаи тиб ва муҳиммияти фаъолияти пурсамари онҳо дар мубориза бар ин бемории сироятӣ, ҷиҳати дастгирии соҳаи тандурустии кишвар 15 апрели соли 2020 ба суратҳисоби махсуси Сарраёсати хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои пешгирии бемории коронавируси “COVID-19”) 150 000 сомонӣ маблағ гузаронид.

Илова бар ин, Бонки миллии Тоҷикистон ба маблағи 44 ҳазору 880 сомонӣ маводи доруворӣ, антисептикӣ ва либосҳои махсуси ҳимоявии тиббӣ барои кормандони соҳаи тиб, ки ин шабу рӯз эҳтиёҷ ба он зиёд гардидааст, харидорӣ намуда, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон тақдим кард.

Ҳамчунин, 04 майи соли 2020 Бонки миллии Тоҷикистон аз ҳисоби музди меҳнати кормандони бонк ба Фонди ёрӣ ба табибоне, ки барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории сироятии коронавируси COVID-19 сару кор доранд, 375 ҳазору 524 сомонӣ маблағ пардохт намуд.

Мо итминон дорем, ки дар якҷоягӣ, бо риояи чораҳои пешгирӣ, аз ҷумла гигиенаи шахсӣ, ҷамъиятӣ, парҳез аз рафтуомад ба ҷойҳои серодам ва баланд бардоштани масунияти бадани худ, мо метавонем бар зидди ин бемории сироятӣ ғолиб гардем.

## ◙ НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ҶИҲАТИ ПЕШГИРИИ ТАЪСИРИ ПАНДЕМИЯИ COVID-19 БА ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН

Паҳншавии пандемияи сирояти нави коронавирус (COVID-19) таъсири манфии худро ба иқтисодиёти ҷаҳон расонида истода, ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бинобар зиёд шудани таъсири омилҳои беруна бетаъсир намонд.

Бонки миллии Тоҷикистон  баҳри иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва кам кардани таъсири хавфҳои эҳтимолии коронавирус (COVID-19) дар ҷаҳон ба иқтисодиёти миллӣ ва бо мақсади пешгирӣ аз таъсири эҳтимолии пандемия Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири эҳтимолии пандемияи COVID-19 ба иқтисодиёти миллӣ, низомҳои бонкӣ ва суғуртаи мамлакат таҳия намуда, барои пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ ҷиҳати пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус ситод ташкил додааст.

Бо мақсади тақвият додани корхо дар бозори пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, истифодаи фишангҳои самараноки пулию қарзӣ ва дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани таваррум баҳри иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва кам кардани таъсири хавфҳои эҳтимолии коронавирус (COVID-19) дар ҷаҳон ба иқтисодиёти миллӣ Бонки миллии Тоҷикистон тадбирҳои зеринро андешида истодааст. Аз ҷумла, ҷиҳати дастгирии иқтисодиёти кишвар ва пеш гирифтани сиёсати ҳавасмандгардонии монетарӣ Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2020 меъёри бозтамвилро 1 банди фоизӣ паст карда, дар сатҳи 11,75 фоизи солона муқаррар намуд.

Захираҳои ҳатмӣ яке аз фишангҳои асосии татбиқи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, механизми танзими пардохтпазирии умумии низоми бонкиро, ки барои назорати унсурҳои пулӣ (дар сатҳи муайян нигоҳ доштани ҳаҷми пул

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

дар муомилот) истифода мешавад, ифода мекунанд. Аз ин рӯ, бо мақсади андешидани тадбирҳои саривақтӣ ва дастгирии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, бинобар эҳтимолияти зиёд гардидани таъсири хавфҳои ба пандемияи сирояти нави коронавирус (COVID-19) вобаста, меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва ӯҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд, аз 1 апрели соли 2020 бо пули миллӣ аз 3 фоизи амалкунанда ба 1 фоиз (2 банди фоизӣ) ва бо асъори хориҷӣ аз 9 фоизи амалкунанда ба 5 фоиз (4 банди фоизӣ) паст карда шуд. Иқдоми мазкур метавонад имкониятҳои молиявии ташкилотҳои қарзии молиявиро дар давраи бухронӣ беҳтар намуда, ба маблағи 241,7 млн. сомонӣ пардохтпазирии иловагиро барои низоми бонкӣ пешниҳод намояд.

Руйдодҳои вақтҳои охир, яъне паҳншавии бемории коронавирус (COVID–19) дар ҷаҳон ва тағйирёбии нархи нафт ба самтҳои мухталифи иқтисодиёти ҷаҳон таъсири манфии худро расонида истодааст. Ҷорӣ намудани ҳолатҳои карантинӣ дар мамлакатҳои шарикони стратегӣ, баста шудани сарҳадҳо ва давомёбии чунин ҳолатҳо метавонад хафвҳои эҳтимолиро ба соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла низоми бонкии кишвар баланд бардошта, фаъолияти самараноки низоми бонкии кишварро халалдор намояд.

Вобаста ба ин, бо назардошти муҳиммияти масъала бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, пешгирӣ намудани зиёдшавии ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол, нигоҳ доштани ҳолати пардохтпазирӣ ва ғ. Бонки миллии Тоҷикистон ташкилотҳои қарзии молиявиро бо мактуби хеш №05.1-630/1591 аз 15.04.2020с. вазифадор намудааст, ки нақшаи чорабинии дахлдор омода намуда, чараёни иҷроиши онро таҳти назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Дар баробари ин, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати зиёд кардани қарздиҳӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла истеҳсолоти воридотивазкунанда бо назардошти пешгирии хавфҳои бонкӣ, тавсияҳои дахлдор дода шуд.

Ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ имконият фароҳам оварда шуд, ки бо назардошти таъмин намудани ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ то 1 августи соли 2020 фаъолияти марказҳои хизматрасониҳои бонкии муаммодор ва зараровари худро муваққаттан мавқуф гузоранд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии  низоми бонкӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, ташкилотҳои қарзии молиявиро аз ҳаққи хизматрасонии ҳисоббаробаркунии байнибонкӣ тавассути низомҳои Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла низоми автоматишудаи байнибонкӣ (RTGS) ва низоми автоматишудаи байнибонкӣ (АБС) то 01 сентябри соли 2020 озод карда, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ тавсия додааст, ки ҳаққи хизматрасониҳои байнибонкиро ба мизоҷони худ таҷдиди назар намоянд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки тибқи нақша-чорабиниҳои пешниҳоднамудаи ташкилотҳои қарзӣ, айни ҳол ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба имкониятҳои ҷойдоштаи худ бо назардошти ҳолати молиявии муштариён қисми қарзҳои онҳоро тамдид ва таҷдид намуда, барои баъзе қарздороне, ки ҳолати молиявии мушкил доранд, мӯҳлатҳои имтиёзнок пешниҳод намуда истодаанд.

Дар баробари ин, ташкилотҳои қарзии молиявӣ вазифадор карда шудаанд, ки ҷиҳати ҳифзи саломатии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва пешгирӣ намудан аз паҳншавии вируси сироятии COVID-19 чораҳои дахлдор андешида, лавозимоти санитарӣ-гигиениро дар ташкилотҳои хеш таъмин намоянд.

Бояд қайд намуд, ки ҳанӯз аз пайдо шудани пандемияи   COVID-19 дар Осиёи Марказӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои марбута пешниҳодҳоро оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва низоми бонкӣ ирсол намуд.

Алҳол Бонки миллии Тоҷикистон бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, назири Хазинаи Байналмилалии Асъор, Гурӯҳи Бонки

ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Осиёии Рушд, Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд, Бонки рушди АвруОсиё, Бонки байнидавлатӣ, Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ, фондҳои байналмилалӣ, бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва сохторҳои бонкии кишварҳои хориҷи наздику дур ҳамкории судманд роҳандозӣ намудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат ва таъмини пардохтпазирии низоми бонкӣ идома хоҳад дод.

## ◙ ШӮРОИ ИҶРОИЯИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР (ХБА) ДАР БОРАИ ФАВРАН САБУК КАРДАНИ САРБОРИИ ҚАРЗИ 25 КИШВАР ҚАРОР ҚАБУЛ НАМУД

Вашингтон, округи Колумбия – Директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) хонум Кристалина Георгиева чунин изҳорот дод:

“Бо хушнудӣ ба иттилоъ мерасонам, ки имрӯз Шӯрои иҷроияи ХБА дар бораи фавран сабук кардани сарбории қарзи 25 кишвари аъзои ХБА дар доираи механизми бознигаришудаи ХБА – Фонди трастии маҳдуд ва рафъ кардани оқибатҳои фалокат қарор қабул кард. Ин амал иқдоми ҷавобии Фонд барои мусоидат дар бартараф кардани оқибатҳои пандемияи COVID -19 мебошад.

Тибқи ин қарор ба давлатҳои камбизоат ва нисбатан осебпазири аъзои ХБА барои пӯшонидани ӯҳдадориҳои қарзии онҳо дар назди ХБА дар давраи ибтидоӣ дар давоми шаш моҳи оянда грантҳо пешниҳод гардида, ба онҳо имкон медиҳад, ки захираҳои молиявии маҳдуди худро бештар барои расонидани ёрии фаврии тиббии ҳаётан муҳим ва дигар кӯмакҳо равона созанд.

Айни замон Фонди трастии маҳдуд ва рафъ кардани оқибатҳои фалокат метавонад наздики 500 млн. доллари ИМА барои сабук кардани хизматрасонии қарз дар асоси грантҳо, аз ҷумла ӯҳдадории қаблии Шоҳигарии Муттаҳида ба маблағи 185 млн. доллари ИМА, инчунин 100 млн. доллари ИМА, ки Япония дар шакли захираҳои фавран дастрасшаванда додааст, пешниҳод намояд. Дигар кишварҳо, аз ҷумла Хитой ва Нидерландия низ дар бораи саҳмгузории назарраси худ эълон мекунанд. Ман аз дигар донорҳо низ даъват менамоям, ки барои пурра кардани захираҳои Фонди трастӣ ва тақвияти минбаъдаи имкониятҳоямон барои пешниҳоди сабукиҳои иловагии қарз дар давоми ду сол ба кишварҳои камбизоати аъзои ХБА ба мо кӯмак расонанд.

Сабук кардани сарбории қарз имрӯз ба кишварҳои зерин татбиқ мегардад: Афғонистон, Бенин, Буркина-Фасо, Гаити,Гамбия, Гвинея, Гвинея-Бисау, Ҷазираҳои Комор, Яман, Ҷумҳурии Демократии Конго, Либерия, Мадагаскар, Малави, Мали, Мозамбик, Непал, Нигер, Руанда, Сан-Томе ва Принсипи, Ҷазираҳои Соломон, Серра – Леоне, Тоҷикистон, Того, Ҷумҳурии Африкаи Марказӣ ва Чад.

## ◙ ШУЪБАИ МАТБУОТИ БМТ -“МАРКАЗИ МАТБУОТИ СОЛ”



Дар ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба таҷлили “Рӯзи матбуоти тоҷик”, ки хеле гуворою хотирмон гузашт, Шуъбаи матбуоти Бонки миллии Тоҷикистон “Маркази матбуоти сол” эълон гардид.

Дар ҷараёни ҳамоиши бошукӯҳи фарҳангӣ дар вазъи тантанавӣ ғолибони номинатсияҳои “Журналисти сол”, “Рӯзномаи сол”,

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

“Телевизиони сол”, “Радиои сол” “Агентии иттилоотии сол”, “Маркази матбуоти сол” ва “Сармуҳаррири сол” номбар ва мукофотонида шуданд.

Зимни эълон намудани ғолиби номинатсияи “Маркази матбуоти сол” махсус таъкид карда шуд, ки Шуъбаи матбуоти Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати дар сатҳи баланд таъмин намудани инъикоси ҳамаҷонибаи масоили иқтисодӣ, низоми бонкӣ, аз ҷумла татбиқи сиёсати пулию қарзӣ нақши босазо дошта, бо ҷомеа ва бахусус бо намояндагони ВАО робитаи хуби кориро ба роҳ мондааст.

### ◙ ОЗМУНҲО ДАР МАВЗӮИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ ҶАМЪБАСТ ГАРДИДАНД

Аз 1 то 30 апрели соли равон Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои шарик дар доираи маъракаи байналмилалии Global Money Week-2020 моҳи саводнокии молиявиро баргузор намуд.

Дар доираи баргузории маъракаи байналмилалии Global Money Week-2020 Бонки миллии Тоҷикистон ҳамроҳ бо ширкати МегаФон Тоҷикистон, Фонди Хазинавии Ҳамкории Байналмилалии Олмон, Институти Ҷамъияти Кушода – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон ва ширкати “Сиёма” мактаббачагону донишҷӯёнро барои иштирок дар озмунҳои ба мавзӯи “Саводнокии молиявӣ” бахшидашуда, даъват намуд. Озмун дар ду марҳила баргузор гардида, дар он ҳамаи хоҳишмандон аз саросари кишвар иштироки фаъол доштанд. Дар ниҳоят, кумитаи тадорукоти озмун аз миёни акс, видеоролик ва флешмобҳои зиёди ба мавзӯи “Саводнокии молиявӣ” бахшидашуда, беҳтаринҳояшро интихоб ва бо мукофотҳо сарфароз гардонид.

Ба ҳамин тартиб, дар бахши “Расми беҳтарин дар мавзӯи саводнокии молиявӣ” Ариана Бобоева, хонандаи синфи 4-и Литсейи иноватсионии шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи аввал, Назира Қаландаршоева, хонандаи синфи 2-и мактаби №54-и шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи дуюм ва Азимхон Ҳасанов, хонандаи синфи 4-и Мактаби президентии шаҳри Хуҷанд соҳиби ҷойи сеюм гардиданд.

Дар бахши «Видеои беҳтарин дар мавзӯи саводнокии молиявӣ» Шавкат Азамов, хонандаи синфи 7-и Литсейи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи аввал, Аҳмадҷон Худойдодов, донишҷӯи курси 6-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон соҳиби ҷойи дуюм, Таҳмина ва Шаҳноза Камоловаҳо, хонандагони синфҳои 10 ва 11-и мактаби №14-и шаҳри Гулистон соҳиби ҷойи сеюм гардиданд.

Дар қисмати «Флешмоби беҳтарин дар мавзӯи саводнокии молиявӣ» Давлат Ҳайлонов, донишҷӯи курси 2 ва Гулафзои Карим, донишҷӯи курси 4-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соҳиби ҷойи аввал, Мижгона Маҳмудова, донишҷӯи курси 3-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соҳиби ҷойи дуюм, Диана Висотская, донишҷӯи курси 4-и Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ва Абдураҳмон Собиров, хонандаи синфи 9-и Литсейи №1 ба номи М.Осимии шаҳри Хуҷанд соҳиби ҷойи сеюм гардиданд.

Баргузории маъракаи байналмилалии Global Money Week-2020 барои ҷалби диққати бештар ба аҳамияти ҳуқуқҳои молиявӣ, хусусан барои кӯдакон ва ҷавонон мусоидат менамояд, зеро бо шарофати дастрасӣ ба маърифати молиявӣ, кӯдакон тарзи оқилона идора кардани пулро меомӯзанд.

Чорабинии имсолаи Global Money Week-2020 зери шиори расмии “Омӯзед! Захира кунед! Пул кор кунед!” баргузор гардида, дар доираи он давоми як моҳ ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон оид ба саводнокии молиявӣ барои хонандагон ва донишҷӯён семинару тренинг ва экскурсияҳо ташкил намуданд.

***Маводи бахш дар асоси маълумотҳои Департаменти равобити ҷамъиятии ХБА, Шуъбаи матбуот ва маҷаллаи “БТҶ”-и БМТ таҳия карда шудаанд.***

**Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз “30” ноябри с.2019, таҳти №993
“ба қайд гирифта шудааст”**

**Бо қарори Раёсати Бонки миллии
Тоҷикистон №128 аз 24 октябри с.2019
тасдиқ шудааст**

# Дастурамали №240 “Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ”

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **ташкилотҳои қарзии молиявӣ** – ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти дар қонун пешбинишударо амалӣ менамоянд;
- **амалиёти бонкӣ** – амалиёте, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд;
- **хавфи амалиётӣ**– ба амал омадани зарар дар натиҷаи ба мақсад, хусусиятҳо, миқёси фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ ва талаботи қонунгузории амалкунанда мувофиқ наомадани қоидаву тартиботи дохилӣ ва расмиёти гузаронидани амалиёти бонкӣ, риоя накардани онҳо аз тарафи кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шахсони дигар (дар натиҷаи амалҳои тасодуфӣ ё барқасдона ё беамалӣ), инчунин номутаносиб будани имконият ва вазифаҳои низомҳои иттилоотӣ, технологӣ ва дигар барномаҳои дар истифодаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ қарордошта ва аз кор мондани онҳо, ҳамчунин таъсири руйдодҳои берунӣ;
- **аутсорсинг** – чораҳои маҷмӯӣ оид ба вогузор намудани иҷрои кору хизматрасониҳои алоҳидаи ташкилоти қарзии молиявӣ (кору хизматрасониҳое, ки ба фаъолияти асосии он дохил намешаванд) ба зиммаи дигар ташкилоти хизматрасон.

2. Риояи талаботи Дастурамали мазкур барои ташкилотҳои қарзии молиявии зерин ҳатмӣ мебошад:

- бонкҳо ва бонкҳои исломӣ;
- ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ, ки ҳуқуқи ҷалби амонатро доранд;
- ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ.

3. Идоракунии хавфи амалиётӣ ба низоми идоракунии хавфҳои ташкилоти қарзии молиявӣ дохил буда, аз ошкор, баҳодиҳӣ, андозагирӣ, коҳишдиҳӣ, назорат ва мониторинги хавфи амалиётӣ иборат аст.
4. Омилҳои (сабабҳои) ба вуҷуд омадани хавфи амалиётӣ инҳо мебошанд:

- амалҳои тасодуфӣ ё қасдона ва ғаразноки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки хилофи манфиат ва мақсадҳои ташкилоти қарзии молиявӣ мебошанд;
- номукаммалии сохтори ташкилоти қарзии молиявӣ дар самти тақсими ваколатҳои воҳидҳо ва кормандон, тартиб ва расмиёти гузарондан, сабт, баҳисобгирӣ ва назорати амалиёти бонкӣ, аз тарафи кормандон риоя нагардидани тартибу қоидаҳои муқарраршуда, ғайрисамаранок фаъолият намудани назорати дохилӣ;
- шароит ва ҳолатҳои номусоиди берунӣ, ки аз доираи таъсир ва назорати ташкилоти қарзии молиявӣ берун мебошанд.

5. Ҳолатҳои ба вуҷуд омадани зарари амалиётӣ дар натиҷаи таъсири омилҳои гуногуни хавфи амалиётӣ ба намудҳои зерин тасниф карда мешаванд:

- суиистифода ё амалҳои ғайриқонуние, ки аз ҷониби кормандон ё бо иштироки онҳо сурат мегиранд (масалан, қаллобӣ, дуздӣ, суиистифода аз мақоми хизматӣ, қасдан ва ё ба таври ғаразнок пинҳон намудани

далелҳои гузарондани амалиёти бонкӣ ва дигар аҳдҳо, бе иҷозат истифода бурдани низомҳо ва захираҳои иттилоотӣ);
- амалҳои ғайриқонунии шахсони бегона (тарафи сеюм) нисбат ба ташкилоти қарзии молиявӣ (масалан, сохтакории ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, бе иҷозат ба низомҳои технологияҳои иттилоотӣ ворид шудан);
- аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ (корфармо) ё кормандони он вайрон гардидани талаботи қонунгузории меҳнат (масалан, сари вақт пардохт накардани музди меҳнат, пешниҳод накардани рухсатии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, риоя накардани дигар муқаррароти қонунгузории меҳнат ва шартҳои шартномаи меҳнатӣ);
- риоя накардани қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, қонунҳои бонкӣ, зиддиинҳисорӣ, муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва ғайра;
- дар назди муштариён ва дигар шахсони сеюм иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои шартномавӣ, ки ба фаъолияти асосӣ алоқаманд мебошанд;
- риоя накардани талаботи муомилоти расмӣ (хизматӣ) (масалан, дуруст истифода накардани маълумоти махфӣ ва забон як кардан аз рӯи нархҳо);
- осеб дидан ё гум шудани воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳои моддӣ (дар натиҷаи амалиёти террористӣ, офатҳои табиӣ, сӯхтор ва дигар ҳолатҳои фавқулода);
- аз кор баромадани таҷҳизот ва низомҳо (масалан, халалдор шудани раванди кории (аз кор мондани) низоми автоматишудаи бонкӣ, низоми алоқа, вайрон шудани таҷҳизот);
- дуруст ба роҳ намондани фаъолият, роҳ додан ба хатоӣ дар идоракунӣ ва иҷрои вазифаҳо (масалан, дар натиҷаи нодуруст ташкил намудани раванду қоидаҳои дохилӣ, нокифоя будани сатҳи назорат, набудани (номукаммалии) низоми ҳимоя ва тартиби дастрасӣ ба иттилоот, ташкили нодурусти гардиши иттилоот дар дохили ташкилоти қарзии молиявӣ, иҷро нагаштани уҳдадориҳо аз ҷониби хизматрасонҳо (иҷрокунандагони кор) дар назди ташкилоти қарзии молиявӣ, роҳ додан ба хатоиҳо ҳангоми дохил намудан ва коркарди маълумот оид ба амалиёт ва аҳдҳо, гум кардани ҳуҷҷатҳо) ва ғайра.

6. Зарари амалиётӣ метавонад дар намудҳои зерин зоҳир шавад:

- пастшавии арзиши дороиҳо;
- пеш аз муҳлат аз ҳисоб хориҷ кардани (баровардани) дороиҳои моддӣ;
- пардохтпулиҳои дар асоси қарори (ҳукми, ҳалномаи) судҳо, қарори мақомоте, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор шудаанд, анҷомшаванда;
- пардохтпулиҳое (ҷубронпулиҳое), ки ба муштариён ва контрагентҳо, ҳамчунин ба кормандони ташкилоти қарзии молиявӣ бо мақсади бо тартиби ғайрисудӣ ҷуброн кардани зарари бо айби ташкилоти карзии молиявӣ ба онҳо расида, анҷом дода мешаванд;
- хароҷотҳое, ки барои барқарор намудани фаъолияти хоҷагӣ ва рафъи камбудиҳо, оқибатҳои садама, офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои ба ин монанд анҷом дода мешаванд.

## БОБИ 2. АСОСҲОИ ТАШКИЛИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ХАВФИ АМАЛИЁТӢ

7. Дар ташкилоти қарзии молиявӣ сиёсати идоракунии хавфи амалиётӣ бо назардошти андоза, хусусият ва фарогирии амалиётҳои он таҳия гардида, аз ҷониби Шӯрои нозирони он тасдиқ мегардад.
8. Сиёсати идоракунии хавфи амалиётӣ метавонад ҳамчун ҳуҷҷати алоҳида ё қисмати сиёсати умумии идоракунии хавфҳои ташкилоти қарзии молиявӣ бошад ва ҳадди ақал масоили зеринро дар бар гирад:

- мақсаду вазифаҳои идоракунии хавфи амалиётӣ бо назардошти самтҳои афзалиятноки фаъолияти ташкилоти

қарзии молиявӣ;
- усулҳои асосии ошкор намудан, баҳодиҳӣ, андозагирӣ, коҳишёбӣ, назорат ва мониторинги хавфи амалиётӣ;
- усулҳои асосии назорат, пешгӯӣ намудан ва кам кардани хавфи амалиётӣ (андешидани чораҳо баҳри нигоҳ доштани хавф дар он сатҳе, ки ба манфиати қарздеҳон, амонатгузорон (пасандоздорон), дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ ва устувории ташкилоти қарзии молиявӣ таҳдид намекунад);
- тартиби пешниҳоди ҳисобот ва табодули маълумот доир ба масъалаи идоракунии хавфи амалиётӣ;
- тақсими ваколатҳо ва масъулият байни Шӯрои нозирон, Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ва мақомоти иҷроия барои татбиқи қоидаҳои асосии идоракунии хавфи амалиётӣ.

9. Сиёсати идоракунии хавфҳои амалиётӣ на камтар аз як маротиба дар як сол таҷдиди назар карда мешавад ва қоидаву тартибот ва дигар санадҳои меъёрии дохилӣ оид ба идоракунии хавфи амалиётӣ ҳангоми зарурат, вале на камтар аз як маротиба дар ду сол бо назардошти сатҳи идоракунии хавфҳои амалиётӣ дар ташкилоти қарзии молиявӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ таҷдиди назар карда мешаванд. Санадҳои мазкур бояд сари вақт ба кормандони дахлдори ташкилоти қарзии молиявӣ дастрас гардида, доир ба муқаррароти ин санадҳо маълумоти пурра ва дахлдор дошта бошанд.
10. Қоидаҳои асосии идоракунии хавфи амалиётӣ талаботҳои пешбиникардаи санадҳои меъёрии дохилии ташкилотҳои қарзии молиявиро, ки масъалаҳои зеринро танзим мекунанд, ба инобат мегиранд:

- сохтори ташкилоти қарзии молиявӣ, тақсим ва вогузор намудани ваколатҳо, ӯҳдадориҳои вазифавӣ, тартиби ҳамкориҳои байни воҳидҳои сохторӣ, кормандон ва тартиби табодули маълумот;
- тартиб, қоидаву расмиёти гузаронидани амалиёти бонкӣ ва дигар аҳдҳо, сиёсати ҳисобгирӣ, ташкили равандҳои дохилӣ;
- қоида, тартиб ва расмиёти фаъолият кардани низомҳои техникӣ, иттилоотӣ ва ғайра;
- тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисобот ва дигар маълумот;
- тартиби ҳавасманд кардани кормандон ва дигар масъалаҳои марбута.

Ҳангоми аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии дохилӣ ё дар таҳрири нав таҳия ва қабул намудани онҳо, ҷавобгӯ будани онҳо ба сиёсати идоракунии хавфи амалиётӣ таъмин карда мешавад.

11. Барои маҳдуд кардани хавфи амалиётӣ, ташкилоти қарзии молиявӣ оид ба масъалаҳои зерин санадҳои меъёрии дохилӣ таҳия ва қабул менамояд:

- оид ба ҳама намуди амалиётҳое, ки ташкилоти қарзии молиявӣ анҷом медиҳад;
- оид ба бехатарии ҷисмонии дороиҳо, аз ҷумла талабот ба биное, ки дар он саридора, воҳидҳои сохторӣ, анборҳо, сейфҳо, ҳуҷҷатҳо ва бойгонӣ ҷойгиранд, инчунин чораҳо оид ба ҳифзи ҷисмонии таҷҳизот ва технологияҳои иттилоотӣ;
- оид ба қабул, нигоҳдорӣ ва ҳамлу нақли маблағҳои пулӣ ва дигар сарватҳо;
- оид ба низомҳои технологияҳои иттилоотӣ;
- оид ба истифодаи аутсорсинг;
- нақшаҳои таъмини муназзамӣ ва ё барқароркунии фаъолият.

12. Шӯрои нозирони ташкилоти қарзии молиявӣ барои идоракунии хавфи амалиётӣ масъулияти асосӣ дошта, бо мақсади фароҳам овардани шароит барои идоракунии босамари хавфи амалиётӣ, дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- тасдиқи сиёсати идоракунии хавфи амалиётӣ;
- таъсиси сохтори ташкилии ташкилоти қарзии молиявӣ, ки ба қоидаҳои муҳими идоракунии хавфи амалиётӣ ҷавобгӯ аст;
- ташкили назорати пурра ва даврии санҷишҳои хадамоти аудити дохилӣ нисбат ба риоягардии қоидаҳои муҳими идоракунии хавфи амалиётӣ аз ҷониби

маҳомоти иҷроия ва воҳидҳои сохтории ташкилоти қарзии молиявӣ;

- тасдиқи чорабиниҳо баҳри таъмини фаъолияти муназзам ҳангоми гузарондани амалиёти бонкӣ ва дигар аҳдҳо, аз ҷумла накшаи амал ҳангоми рӯй додани ҳолатҳои ғайричашмдошт (нақшаҳои таъмини муназзамӣ ва ё барқароркунии фаъолият );
- баҳодиҳӣ ба самаранокии низоми идоракунии хавфи амалиётӣ;
- назорати фаъолияти мақомоти иҷроияи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти идоракунии самараноки хавфи амалиётӣ.

13. Барои идоракунии самараноки хавфи амалиётӣ мақомоти иҷроияи ташкилоти қарзии молиявӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- қабул намудани санадҳои меъёрии дохилӣ, ки тартиб, қоида ва ё расмиёти идоракунии хавфи амалиётиро тибқи сиёсати идоракунии хавфи амалиётии аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқшуда муайян мекунад;
- тақсими ваколатҳо ва масъулият оид ба идоракунии хавфи амалиётӣ дар байни роҳбарони воҳидҳои сохтории сатҳи гуногун, бо захираҳои зарурӣ таъмин намудани онҳо, муқаррар намудани тартиби ҳамкорӣ ва пешниҳоди ҳисобот;
- мунтазам баҳогузорӣ намудани сиёсати идоракунии хавфи амалиётӣ ва пешниҳод намудани таклифҳо оид ба такмилу татбиқи он;
- дар ҳолати дидани зарар аз натиҷаи ба амал омадани хавфи амалиётӣ, ташкил намудани санҷишҳои дохилӣ оид ба муайян намудани номукаммалӣ дар низоми идоракунии хавфи амалиётӣ ва пешниҳод намудани таклиф ба Шӯрои нозирон оид ба роҳҳои бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда.

14. Бо назардошти хусусият ва миқёси фаъолият, ҳамчунин бо мақсади таҷаммӯи захираҳо ва саъю кӯшишҳо барои идора кардани хавфи амалиётӣ, аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ воҳиди сохторӣ ё корманди масъуле, ки барои ҳамоҳангӣ ва идоракунии мутамаркази хавфи амалиётӣ ҷавобгар мебошад, таъсис дода ё таъйин карда мешавад.
15. Кормандони воҳиди сохторӣ ё корманди масъул оид ба идоракунии хавфи амалиётӣ бояд дорои малака ва донишу таҷрибаи зарурӣ бошад, ки ба сатҳи мураккабии амалиётҳо ва фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ мувофиқ мебошанд.
16. Воҳиди сохторӣ ё корманди масъул оид ба идоракунии хавфи амалиётӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- ҳадди ақал ҳар семоҳа дар бораи вазъи хавфи амалиётӣ ва низоми идоракунии он дар ташкилоти қарзии молиявӣ ба Шӯрои нозирон ва мақомоти иҷроия ҳисобот манзур менамояд;
- дар бораи ҳама гуна ҳолатҳои риоя накардани қонунгузорӣ ё санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳама гуна мукотибот аз Бонки миллии Тоҷикистон, ки оид ба риоя накардани талабот алоқаманд аст, ба тарзи фаврӣ Шӯрои нозиронро огоҳ менамояд.

Шӯрои нозирон вазифадор аст, ки назорати татбиқи чораҳои ислоҳиро таъмин намуда, ворид кардани тағйиротро ба қоидаву тартибот, механизмҳои назорати дохилӣ ва равандҳо бо мақсади пешгирии такроршавии ин камбудиҳо талаб намояд.

17. Дар санадҳои меъёрии дохилии ташкилоти қарзии молиявӣ ваколатҳо ва тартиби ҳамкории воҳиди сохторӣ ё корманди масъул оид ба идоракунии хавфи амалиётӣ бо дигар воҳидҳое, ки амалиёти бонкӣ ва дигар аҳдҳоро анҷом медиҳанд ва барои идоракунии дигар хавфҳои бонкӣ (қарзӣ/маблағгузорӣ, бозорӣ ва ғайра) ҷавобгаранд, ҳамчунин ҳамкорӣ бо кормандони назорати дохилӣ, муайян мегардад.
18. Ташкилоти қарзии молиявӣ барои такмили савияи донишу малакаи кормандон, аз ҷумла вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои вазифавии онҳо дар самти идоракунии хавфи амалиётӣ, ҳамчунин оид ба ҳавасмандгардонии онҳо барои ошкорсозии омилҳои (сабабҳои) хавфи амалиётӣ тартиби дохилӣ қабул намуда, онро мавриди амал қарор медиҳад.

## БОБИ 3. ОШКОРСОЗИИ ХАВФИ АМАЛИЁТӢ

19. Ошкорсозии хавфи амалиётӣ таҳлили тамоми шароити фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявиро нисбати мавҷудият ё имконияти ба миён омадани омилҳои хавфи амалиётии дар банди 4-и Дастурамали мазкур пешбинишуда дар назар дорад, ки он дар зинаҳои зерин гузаронида мешавад:

- таҳлили тағйироти умумии соҳаи молиявӣ (масалан, ҷорӣ кардани технологияи нав ё навовариҳои молиявӣ), ки ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ таъсир расонида метавонанд;
- таҳлили ба хавфи амалиётӣ дучор шудани самтҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо назардошти афзалиятнокии онҳо (таҳияи профили хавфҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ);
- таҳлили амалиётҳои алоҳида ва дигар аҳдҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- таҳлили расмиёти дохилӣ, аз ҷумла таҳлили низоми ҳисоботдиҳӣ ва табодули маълумот.

20. Дар марҳилаи ошкорсозии хавфи амалиётӣ ба ҳолатҳои бо ҳам омадани ваколатҳо ва масъулияти воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ диққати махсус додан зарур мебошад.
21. Барои ошкорсозии омилҳои хавфи амалиётӣ дар давраи таҳия шудани навовариҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла ҳангоми тағйир додани сохтори ташкилӣ ё санадҳои меъёрии дохилӣ, ҷорӣ кардани технологияҳо ва намудҳои хизматрасониҳои нав (аз ҷумла, бо истифодаи аутсорсинг) ва аз худ кардани самтҳои нави фаъолият, онҳо аз ҷониби воҳиди сохторӣ ё корманди масъул оид ба идоракунии хавфи амалиётӣ мавриди таҳлили амиқ қарор дода мешаванд.
22. Бо мақсади таъмини шароит барои дуруст ошкор кардани хавфи амалиётӣ, ҳамчунин баҳодиҳии он ташкилоти қарзии молиявӣ пойгоҳи таҳлилии иттилоот дар бораи зарарҳои амалиётии расонидашуда ташкил карда, дар он маълумот дар бораи намуд ва ҳаҷми зарари аз фаъолият, амалиёти алоҳидаи бонкӣ ва дигар аҳдҳо расонидашуда, ҳолатҳои пайдоиш ва ошкор кардани он дарҷ мегардад.

Ҳангоми ташкили пойгоҳи таҳлилии иттилоот, барои соддаву осон ва муқоисанамоии маълумот мумкин аст таснифи ҳолатҳои зарари амалиётии дар банди 5 Дастурамали мазкур пешбинишуда ва таснифи самтҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ истифода шавад.

Тартиби ҷамъоварии маълумот оид ба зарарҳои амалиётӣ, шакли пешниҳод ва талабот ба мухтавои маълумотҳои воридшуда барои сабт намудан дар пойгоҳи таҳлилии иттилоот, дар санадҳои меъёрии дохилии ташкилоти қарзии молиявӣ муқаррар карда мешаванд.

23. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар баробари пешбурди пойгоҳи таҳлилии иттилоот оид ба хавфи амалиётӣ, инчунин мунтазам аз манбаъҳои гуногун дар бораи ҳолатҳои зарари амалиётӣ маълумот ҷамъоварӣ намуда, таҳлил менамоянд.

## БОБИ 4. БАҲОДИҲӢ ВА АНДОЗАГИРИИ ХАВФИ АМАЛИЁТӢ

24. Баҳодиҳии хавфи амалиётӣ ин баҳодиҳии эҳтимолияти рух додани ягон воқеа ё ҳолатро, ки ба зарари амалиётӣ оварда мерасонад, инчунин баҳодиҳии ҳаҷми зарари эҳтимолиро дар назар дорад.
25. Дар санадҳои меъёрии дохилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ усули баҳодиҳии хавфи амалиётӣ муайян карда мешавад.

Ташкилотҳои қарзии молиявӣ метавонанд усулҳои баҳодиҳии хавфи амалиётиро мустақилона таҳия кунанд, ё усулҳои дар амалияи байналмилалии бонкдорӣ қабулшударо истифода баранд.

Дар амалияи байналмилалии бонкдорӣ усулҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- таҳлили омории тақсими зарари воқеӣ;
- усули бо хол ва вазн андозагирӣ кардани хавф (усули харитаҳои баҳодиҳӣ);
- моделсозӣ (таҳлил дар асоси пешгӯиҳои шартӣ).

26. Усулҳое, ки ба таҳлили омории тақсими зарари воқеӣ асос ёфтаанд, барои пешгӯӣ кардани зарари эҳтимолии амалиётӣ бо назардошти ҳаҷми зарари амалиётӣ, ки дар ин ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар гузашта ҷой дошт, имкон медиҳанд.

Ҳангоми истифодаи ин усулҳо маълумоти дар пойгоҳи таҳлилии иттилоот оид ба зарари амалиётӣ ҷамъгардида ба сифати маълумоти ибтидоӣ истифода бурда мешавад.

27. Моҳияти усули бо хол ва вазн андозагирӣ кардани хавф дар баҳодиҳии хавфи амалиётӣ дар муқоиса бо тадбирҳое, ки баҳри кам кардани он андешида мешаванд, ифода мегардад.

Дар асоси таҳлили экспертӣ нишондиҳандаҳои ахборотӣ барои идоракунии хавфҳои амалиётӣ интихоб гардида, муҳимияти нисбии онҳо (коэффитсиенти вазн) муайян карда мешавад. Баъдан нишондиҳандаҳои интихобшуда ба ҷадвал (харитаҳои баҳодиҳӣ) ҷой дода шуда, бо истифода аз дараҷаҳои гуногун баҳогузорӣ мешаванд.

Натиҷаҳои бадастомада бо назардошти коэффитсиенти вазн коркард шуда, аз рӯи самтҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, навъҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ ва дигар аҳдҳо байни ҳам муқоиса карда мешаванд.

Истифодаи усули бо хол ва вазн андозагирӣ кардани хавф (усули харитаҳои баҳодиҳӣ) дар баробари баҳодиҳии хавфи амалиётӣ, инчунин барои ошкорсозии ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати идоракунии хавфи амалиётӣ имконият медиҳад.

28. Бо усули моделсозӣ (таҳлил дар асоси пешгӯиҳои шартӣ) дар асоси таҳлили экспертӣ барои самтҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, навъҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ ва дигар аҳдҳо сенарияҳои эҳтимолии рӯй додани ҳодиса ё ҳолати марбут ба зарари амалиётӣ муайян карда шуда, модели тақсимоти зудии такроршавӣ ва ҳаҷми зарар, ки баъдан барои баҳодии хавфи амалиётӣ истифода мегардад, таҳия карда мешавад.

29. Ташкилоти қарзии молиявӣ мунтазам баҳодиҳии хавфи амалиётиро дар худи ташкилоти қарзии молиявӣ ва таснифи онро аз рӯи самтҳои фаъолияти худ, равандҳои дохилӣ, низомҳои технологияҳои иттилоотӣ ва амалиёту хизматрасонии бонкӣ анҷом медиҳанд.

Даврияти гузаронидани баҳодиҳии хавфи амалиётӣ бо санадҳои меъёрии дохилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ муайян карда мешавад.

## ◙ БОБИ 5. КОҲИШДИҲӢ ВА НАЗОРАТИ ХАВФИ АМАЛИЁТӢ

30. Коҳишдиҳии хавфи амалиётӣ ин андешидани маҷмӯи тадбирҳоро барои кам кардани эҳтимолияти сар задани воқеа ё ҳолати марбут ба зарари амалиётӣ ва ё кам ё маҳдуд кардани андозаи зарари эҳтимолии амалиётиро дар назар дорад. Дар ин маврид, усулҳои кам кардани хавфи амалиётӣ бо назардошти ба инобат гирифтани хусусият ва миқёси фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ истифода бурда мешаванд.

31. Усули асосии коҳишдиҳии хавфи амалиётӣ, ки дар сатҳи ташкилотҳои қарзии молиявӣ назорат карда мешавад, ин таҳияи сохтори ташкилӣ, қабули қоидаву расмиёти дохилӣ барои гузарондани ҳар як амалиёти бонкӣ ва дигар аҳдҳо бо назардошти кам ё пешгирӣ намудани эҳтимолияти ба миён омадани омилҳои хавфи амалиётӣ мебошад. Дар ин маврид, ба риояшавии усулҳои тақсими ваколатҳо, тартиби тасдиқ (мувофиқа) ва ҳисоботдиҳӣ аз рӯи ҳамаи амалиётҳои бонкӣ ва дигар аҳдҳо аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.

32. Назорати риояшавии қоидаву расмиёти муқарраршуда дар доираи низоми назорати дохилӣ дар самтҳои зерин амалӣ мегардад:

- риояшавии меъёрҳои муқарраршудаи анҷомдиҳии амалиётҳои бонкӣ ва дигар аҳдҳо;
- мунтазам муқоиса намудани ҳуҷҷатҳои аввалия ва ҳисобҳо аз рӯи амалиётҳои бонкӣ ва дигар аҳдҳое, ки анҷом дода ва ё баста мешаванд;
- риояи тартиби муқарраршудаи дастрасӣ ба

иттилоот ва дороиҳои моддии ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- тарбияву бозомӯзии самараноки кормандон.

33. Такмили низоми автоматишудаи бонкӣ ва ҳифзи иттилоот метавонад ба камшавии сатҳи хавфи амалиётӣ мусоидат намояд. Дар ин маврид, ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд табдилёбии эҳтимолии хавфи амалиётиро аз як намуд ба дигар намуд ба назар гиранд, аз ҷумла ҳангоми коркарди дастӣ эҳтимолияти зиёди ҳолатҳои зараровар (масалан, хатой дар вақти дохил кардани маълумот) ҷой дошта бошад ҳам, андозаи зарари эҳтимолӣ зиёд ё назаррас намешавад, бо баланд шудани сатҳи автоматизатсия эҳтимолияти ба миён омадани ҳолатҳои зараровар кам мешавад, вале андозаи зарари эҳтимолӣ метавонад хеле зиёд бошад (масалан, роҳ додан ба хатоӣ дар таъмини барномавӣ ё халалдор шудани низомҳо).
34. Сатҳи намудҳои алоҳидаи хавфи амалиётӣ метавонад ба воситаи интиқоли хавф ё як қисми он ба шахсони сеюм паст карда шавад, ба шарте ки чунин интиқоли хавф ё қисми он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад.

Қарор дар бораи истифодаи механизмҳои интиқоли хавф (масалан, аутсорсинг) дар асоси натиҷаҳои таҳлили амиқ ва бо дарназардошти хароҷоти интизорӣ, арзиш ва имконияти табдили як намуди хавф ба дигараш қабул карда мешавад.

Ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар баробари назорати сатҳи хавфи боқимонда аз рӯи андозаи хавфи амалиётии интиқолдодашуда низ назорат мебаранд.

35. Ҳангоми истифодаи аутсорсинг, ба он таваҷҷуҳ зоҳир мегардад, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ на танҳо барои натиҷаҳои ниҳоии фаъолият, балки барои тарзи ба даст овардани онҳо низ масъуланд. Бинобар ин, ҷорӣ кардани назорат аз рӯи сатҳи эътимоднокӣ, сифат ва риояшавии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми хизматрасонӣ муҳим ва зарур мебошад.

Аутсорсинг дар асоси шартномаҳое, ки тақсими ҳуқуқу уҳдадориҳо ва масъулияти байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилоти хизматрасонро пешбинӣ мекунад, анҷом дода мешавад. Дар шартномаи хизматрасонии аутсорсинг оид ба таъмини махфияти маълумот, ҳифзи иттилоот ва дастрасии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳар гуна маълумот мартбут ба кор ва хизматрасониҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба ташкилоти аутсорсинг интиқолдодашуда бояд пешбинӣ шуда бошад.

Ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санадҳои меъёрии дохилии худ тартиби танзими хавфҳои марбут ба аутсорсинг, аз ҷумла хавфи қатъ шудани хизматрасониро пешбинӣ менамоянд.

Пеш аз истифодаи аутсорсинг, ташкилотҳои қарзии молиявӣ фаъолияти ташкилоти аутсорсингро таҳлил менамоянд, ки он бояд:
- дорои захираҳои зарурӣ ва кормандони ботахассуси мувофиқ барои иҷрои кор ва хизматрасониҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба ташкилоти аутсорсинг интиқолдодашуда бошад;
- мақсад ва вазифаҳои ташкилотҳои қарзии молиявиро дар самти кор ва хизматрасониҳои интиқолдодашуда дарк намуда, мувофиқи он амал намояд;
- аз ҷиҳати молиявӣ устувор буда, уҳдадориҳои ба худ гирифтаро саривақт иҷро намояд.

36. Оқибатҳои молиявии хавфи амалиётиро (то ба ҳадди пурра пӯшондани зарари эҳтимолии амалиётӣ) ба воситаи суғуртанамоӣ низ метавон кам кард.

Ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба воситаи намудҳои маъмулии суғуртаи молу мулк ва ё шахсӣ метавонад объектҳои зеринро суғурта намоянд, аз ҷумла:
- биноҳо ва дигар молу мулкро (аз ҷумла, дороиҳои асъорӣ ва коғазҳои қиматнокро) аз харобшавӣ, осеб дидан, гум шудан дар натиҷаи офатҳои табиӣ ва дигар руйдодҳои тасодуфӣ, ҳамчунин дар натиҷаи амали шахсони сеюм;
- кормандонро аз ҳодисаҳои нохуш ва расидани зарар ба саломатӣ;
- воситаҳои сабти иттилоот ва худи

иттилоотро аз ҳолатҳои вайроншавӣ ё гумшавӣ.

Инчунин имкон дорад, ки хавфҳои хоси бонкӣ ба таври маҷмӯӣ (полиси маҷмӯии суғуртаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ) ва намудҳои алоҳидаи хавфҳо дар шакли ҷудогона суғурта карда шаванд (масалан, суғурта кардани хавфҳои марбут ба эмиссия ва гардиши кортҳои пардохт, суғурта кардани масъулияти касбии кормандон ва ғайра).

Ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба мақсад мувофиқ будани истифодаи суғуртаи маҷмӯиро бо назардошти арзиши суғурта, эҳтимолияти баамалоии ҳодисаи суғурташаванда ва таъсири он ба вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ баҳо медиҳанд. Баҳое, ки суғуртакунандагон дар рафти бастани шартномаи суғурта медиҳанд, метавонад барои беҳтар кардани идоракунии хавфи амалиётӣ истифода гардад.

Ҳангоми бастани шартномаи суғурта ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд бештар ба қоидаву расмиёт ва муҳлати пардохти суғуртапулӣ аҳамият диҳанд.

37. Бо мақсади маҳдуд намудани хавфи амалиётӣ ва таъмини муназзамии фаъолияти молиявӣ ҳангоми гузаронадани амалиёти бонкӣ ва дигар аҳдҳо, ташкилотҳои қарзии молиявӣ маҷмӯи чорабиниҳоро, аз ҷумла дар ҳолатҳои ғайричашмдошт тавассути таҳия ва татбиқи нақшаҳои таъмини муназзамӣ ва ё барқароркунии фаъолият меандешанд.

Ҳангоми таҳияи нақшаҳои таъмини муназзамӣ ва ё барқароркунии фаъолият, ба зарари эҳтимолӣ аз руйдодҳои ғайричашмдошт, хароҷоти пешбинишаванда барои таҳия ва татбиқи нақшаҳои дахлдор, чараёни минбаъдаи рӯйдодҳое, ки хатари зарарро ба миён меоранд, баҳо дода мешавад.

Инчунин, ба хавфҳои эҳтимолияти пайдоишашон паст, вале хеле зараровар, ки сарчашмаҳои пайдоиши онҳо аз назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ берун аст, баҳогузорӣ карда мешавад.

38. Зери мафҳуми нақшаи таъмини муназзамӣ ва ё барқароркунии фаъолияти молиявӣ дар Дастурамали мазкур санаде (ҳуҷҷате) фаҳмида мешавад, ки он равандҳои зеринро дар бар мегирад:

- муайян кардани соҳаҳои (ҷараёнҳои) дохилии муҳофизатшаванда;
- сатҳи таъминшавандаи муҳофизат (муддати муайян муътадил нигоҳ доштани фаъолият, муддати муайян дар сатҳи камтарини ҷоиз нигоҳ доштани фаъолият, идома додани фаъолият дар реҷаи пастравии тадриҷии фаъолият, нисбатан зудтар ва безарар қатъ кардани фаъолият ё раванди халалдоршуда, барқароркунии минбаъдаи реҷаи муътадили фаъолияти қатъгардида);
- қоидаву расмиёти гузаштан ба реҷаи садамавӣ ва тартиби фаъолият дар ин реҷа;
- таъмини захираҳои зарурӣ (аз ҷумла биноҳо, таъмин кардан бо кормандони соҳибтахассус, таҷҳизот ва техникаи ҳисоббарор, барномаҳо, васоити алоқа);
- муайян кардани макони иловагии ташкилоти қарзии молиявӣ барои барқарорсозии фаъолият;
- аз нав тақсим кардани вазифаю ваколатҳо ва уҳдадориҳои воҳидҳои сохторӣ ва кормандон;
- тартиби барқарор кардани қобилияти кории равандҳо ва низомҳои дохилии халалдоршуда ва бозгашт ба реҷаи муътадили фаъолият;
- қоидаҳои иловагии реҷаи муътадили фаъолият, ки барои фароҳам овардани шароити гузариш ба реҷаи садамавӣ ва имконияти бо ин реҷа фаъолият кардан равона шудаанд (аз ҷумла, нусхабардории эҳтиётӣ, ташкили бойгонии низоми автоматишуда дар коғаз);
- тартиби ба роҳ мондани алоқаву робита бо тарафҳои алоқаманд;
- чорабиниҳо оид ба истифодаи аутсорсинг.

39. Нақшаҳои таъмини муназзамӣ ва ё барқароркунии фаъолият дар маҷмӯъ бо дигар чорабиниҳое, ки барои кам кардани хавфҳои дахлдори амалиётӣ равона шудаанд, аз ҷумла дар асоси натиҷаҳои стресс-тестинг ва баҳодиҳии хавфҳо таҳия мегарданд.

Ҳамчунин, мутобиқати нақшаҳои таъмини муназзамӣ ва ё барқароркунии

фаъолият ба ҷанбаву хусусият ва миқёси фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ мунтазам санҷида мешавад. Ҳангоми зарурат ё аз рӯи натиҷаҳои санҷиш нақшаҳои мазкур метавонанд таҷдиди назар карда шаванд.

40. Ташкилоти қарзии молиявӣ мунтазам чорабиниҳои таълимиро ҷиҳати таъмини дарки мақсаду вазифаҳои нақшаҳои таъмини муназзамӣ ва ё барқароркунии фаъолият барои кормандони худ ва шахсони дигари бо нақшаҳои мазкур алоқамандро мегузаронад.
41. Нусхаҳои иловагии нақшаҳои таъмини муназзамӣ ва ё барқароркунии фаъолият берун аз маҳалли фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ, инчунин дар макони иловагии барқарорсозӣ, нигоҳ дошта шуда, аз тарафи якчанд корманди роҳбарикунандаи масъул, ки ба зиммаи онҳо масъулияти муайян дар доираи нақшаҳои зикршуда вогузор шудааст, дар ҳолатҳои зарурӣ бояд бемонеа дастрас бошанд.

## БОБИ 6. МОНИТОРИНГИ ХАВФИ АМАЛИЁТӢ

42. Мониторинги хавфи амалиётӣ бо мақсади пешгирии эҳтимолияти зиёд шудани дараҷаи хавфи амалиётӣ гузаронида мешавад.
43. Мониторинги хавфи амалиётӣ бо роҳи омӯзиши мунтазами нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ (аз ҷумла, нишондиҳандаҳои оморӣ ва ё молиявӣ) гузаронида мешавад.

Ташкилотҳои қарзии молиявӣ даврияти гузарондани мониторинги хавфи амалиётиро бо назардошти муҳимияти он дар самти дахлдори фаъолият, раванди дохилӣ ё низоми иттилоотию технологӣ муайян менамоянд.

44. Барои мониторинг кардани хавфи амалиётӣ низоми нишондиҳандаҳои сатҳи хавфи амалиётӣ - нишондиҳандаҳое, ки ба таври назариявӣ ё таҷрибавӣ бо сатҳи хавфи амалиётии ташкилотҳои қарзии молиявӣ алоқамандатанд, ташкил карда мешавад.

Ба сифати нишондиҳандаҳои сатҳи хавфи амалиётӣ метавонанд маълумот дар бораи миқдори амалиётҳои анҷомдоданашуда ё нотамоми бонкӣ ва дигар аҳдҳо, зиёдшавии такрорёбӣ ва ҳаҷми онҳо, азкорравии кормандон, такроршавии хатоиҳои роҳдодашаванда ва қоидавайронкуниҳо, вақти бекормонии низомҳои технологияҳои иттилоотӣ ва дигар нишондиҳандаҳо истифода гарданд.

Барои ҳар як нишондиҳанда меъёрҳо муқаррар мегарданд. Ин гуна меъёрҳо имкон медиҳанд, ки хавфҳои амалиётии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ошкор шуда, саривақт барои рафъи онҳо чораҳои дахлдор андешида шавад.

Ғайр аз ин, ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд даврияти азнавдидабароии низоми нишондиҳандаҳои сатҳи хавфи амалиётиро муқаррар намоянд.

45. Мониторинги хавфи амалиётӣ ҳам дар сатҳи воҳидҳои сохтории алоҳидаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ҳам аз ҷониби воҳиди сохторӣ ё корманди масъул оид ба идоракунии хавфи амалиётӣ гузаронида мешавад. Иттилооте, ки дар рафти мониторинги хавфи амалиётӣ дар бораи тағйироти эҳтимолии сатҳи хавф ба даст омадааст, саривақт ба маълумоти Шӯрои нозирон ё мақоми иҷроия ва воҳиди сохтории дахлдори ташкилоти карзии молиявӣ барои андешидани чораҳои зарурӣ расонида мешавад.

## БОБИ 7. НАЗОРАТИ САМАРАНОКИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ХАВФИ АМАЛИЁТӢ

46. Ташкилоти қарзии молиявӣ тартиби анҷом додани назорати самаранокии низоми идоракунии хавфи амалиётиро муайян менамояд.
47. Низоми идоракунии хавфи амалиётӣ ҳадди ақал на камтар аз як маротиба дар як сол ва ҳар вақт бо салоҳдиди Шӯрои нозирони ташкилоти қарзии молиявӣ таҳти аудити дохилӣ қарор мегирад.

Вазифаи аудити дохилии ташкилоти қарзии молиявӣ дар самти идоракунии хавфи амалиётӣ, ин назорати татбиқ шудани сиёсати идоракунии хавфи амалиётӣ ва мустақилона

баҳогузории қоидаҳо, равандҳо ва расмиёти идоракунии хавфҳои амалиётӣ мебошад.

48. Дар санадҳои меъёрии дохилии ташкилоти қарзии молиявӣ оид ба хавфи амалиётӣ масъалаҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

- тартиби баррасӣ ва санҷиши далелҳои зарари амалиётӣ ва сабабҳои пайдоиши он, ҳамчунин тартиби истифодаи чораҳои маъмурӣ нисбат ба аъзои Шӯрои нозирон, мақомоти иҷроия ва кормандоне, ки ба пайдоиши ин гуна хавфҳо гунаҳкоранд;
- шумора ва давраи баҳогузорӣ кардани натиҷаи санҷиши далелҳои зарари амалиётӣ ва сабабҳои пайдоиши онҳо аз тарафи мақомоти идоракунии ташкилоти қарзии молиявӣ (мутобиқи ваколатҳое, ки дар асоси оиннома ва санадҳои меъёрии дохилии ташкилоти қарзии молиявӣ ба онҳо дода шудаанд);
- баҳодиҳии сатҳи идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилоти қарзии молиявӣ.

49. Дар ҳолати ба миён омадани зарари амалиётӣ ташкилоти қарзии молиявӣ онро ба натиҷаи баҳогузориҳои дурнамои ба зарари амалиётӣ, ки дар давраи дахлдор муайян шуда буд, муқоиса намуда, сабабҳои фарқияти онҳоро таҳлил карда, ба тартибу усулҳои истифодашудаи идоракунии хавфи амалиётӣ тағйироти лозимӣ ворид менамояд.
50. Бо мақсади ошкор кардани сарчашмаи хавфи амалиётӣ, ки пештар ба ҳисоб гирифта нашуда буданд, ташкилоти қарзии молиявӣ мунтазам равандҳо, расмиёту қоидаҳо ва низомҳои истифодашавандаи технологияҳои иттилоотиро аз нав таҷдиди назар менамояд. Шумора ва давраҳои таҷдиди назари онҳо бо санадҳои меъёрии дохилии ташкилоти қарзии молиявӣ тибқи талаботи Дастурамали мазкур муайян карда мешавад.
51. Бо мақсади назорати самаранокии низоми идоракунии хавфи амалиётӣ, ба қадри зарурат таҷдиди назар намудани қоидаҳои асосии идоракунии хавфи амалиётӣ дар асоси таҳлили зерин ба анҷом расонида мешавад:

- дар кадом сатҳ қарор доштани идоракунии хавфи амалиётӣ;
- таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи идоракунии хавфи амалиётӣ;
- тағйироту дигаргуниҳое, ки дар бозорҳои молиявӣ ба миён меоянд;
- дигар омилҳои дохилӣ ва беруна, ки ба нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ метавонанд таъсир расонанд.

## БОБИ 8. ИФШОИ МАЪЛУМОТ ОИД БА НИЗОМИ ИДОРАИ ХАВФИ АМАЛИЁТӢ

52. Ташкилоти қарзии молиявӣ ба саҳмиядорон, иштирокдорон, қарздеҳон, амонатгузорон (пасандоздорон), дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ ва дигар муштариён, аудиторони берунӣ, агентиҳои баҳогузорӣ (рейтингӣ) ва дигар шахсони манфиатдор маълумотро оид ба низоми идораи хавфи амалиётӣ (аз ҷумла, дар таркиби ҳисоботи солона) мерасонад.
53. Дараҷаи мушаххаси маълумоти ифшошаванда бояд бо хусусият ва миқёси фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ мувофиқат намояд.

## БОБИ 9. ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТ БА БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

54. Ташкилоти қарзии молиявӣ ба воҳиди сохтории Бонки миллии Тоҷикистон оид ба назорати бонкӣ ҳисоботи зеринро пешниҳод менамояд:

- оид ба ҳама гуна ҳодисаи дорои хавфи амалиётии моддӣ, ки боиси зарар ба маблағи 5 000 (панҷ ҳазор) сомонӣ ва зиёд аз он гардидааст, на дертар аз 24 соат пас аз ба вуҷуд омадани ҳодиса;
- тибқи замимаи Дастурамали мазкур ҳар семоҳа ҳисобот оид ба мониторинги ҳодисаҳои хавфи амалиётӣ, ки боиси зарар ба маблағи 5 000 (панҷ ҳазор) сомонӣ ва зиёд аз он гардидааст.

Замима ба
Дастурамали №240
**“Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ”**

Ҳисобот оид ба ҳодисаҳои хавфҳои амалиётӣ,
ки ба зарар дар ҳаҷми 5000 сомонӣ ва зиёда аз он оварда расонидаанд
________________________ аз «__» ____________ с. 20__
(номи ташкилоти қарзӣ)

| № | Муҳтавои ҳодисаҳои хавфи амалиётӣ, ки ба зарари ташкилоти қарзӣ оварда расонидаанд (сабабҳои зарар) | Ҷойе, ки дар он ҳодисаҳои хавфи амалиётӣ рӯй додаанд | Санаи рӯй додани ҳодисаи хавфи амалиётӣ | **Шакл ва ҳаҷми пайомадҳо аз ба вуқӯъ омадани ҳодисаҳои хавфҳои амалиётӣ (бо сомонӣ)** | | | | | | | | | Маблағи барқароршуда аз рӯи ҳодисаҳои хавфи амалиётӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Ҷаримаҳои рӯёнидашуда, ки дар асоси қонунгузорӣ муқаррар шудаанд | Хароҷотҳои судӣ ва ҷаримаҳои дар асоси қарори суд ситонидашуда | Ҷуброни ғайрисудии кормандон | Ҷуброни ғайрисудии муштариён | Дороиҳои моддии пеш аз мӯҳлат аз ҳисоб баровардашуда | Хароҷотҳои бо бартараф намудани натиҷаҳои ба амал омадани хавфи амалиётӣ алоқаманд | Зарарҳои дигари аз ҳисоби захира пӯшонидашуда | Коҳиши арзиши дороиҳо | Дигар ҳодисаҳои хавфҳои амалиётӣ | |
| р/т | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
| 1 | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | |
| … | | | | | | | | | | | | | |

# Особенности залога права пользования земельным участком с правом отчуждения



> Одним из способов обеспечения баланса интересов кредиторов – минимизация кредитных рисков и заемщиков – улучшение условий доступа к источникам финансирования является использование института обеспечения исполнения кредитных обязательств.

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон утвердил символ Годов развития села, туризма и народных ремёсел, которые продлятся с 2019 года по 2021 год.

Важнейшим направлением деятельности по реализации названного Указа Президента Республики Таджикистан является обеспечение всестороннего стимулирования предпринимательства на селе, в том числе и производителей сельскохозяйственной продукции.

Одним из основных проблем, без решения которой невозможно повысить экономическую эффективность сельскохозяйственного производства, являются существующие обременительные для предпринимателей на селе условия доступа к источникам финансирования.

Анализ деятельности кредитных организаций страны с момента обретения ею независимости свидетельствует о том, что они придерживаются консервативной кредитной политики и стараются избегать совершения спекулятивных операций.

Практика показывает, что эта политика позволяет кредитным организациям минимизировать риски невозврата основного долга по выданным кредитам и уплаты процентов по ним.

Подобная позиция кредитных организаций вполне объяснима, учитывая, что основной целью их коммерческой деятельности является извлечение максимальной прибыли при минимальных рисках.

Вместе с тем, несмотря на имеющуюся тенденцию к снижению, существующая нагрузка по установленным ставкам процентов ложится тяжелым бременем на плечи сельских предпринимателей.

Безусловно, ясно, что в один день и за короткий срок времени эта проблема не сможет быть решена.

Одним из способов обеспечения баланса интересов кредиторов – минимизация кредитных рисков и заемщиков – улучшение условий доступа к источникам финансирования является использование института обеспечения исполнения кредитных обязательств.

Как показывает практика, одним из самых распространенных способов обеспечения исполнения кредитных обязательства является залог, предусмотренный статьей 354 Гражданского кодекса Республики Таджикистан.

Сегодня, после принятия Закона Республики Таджикистан от 01.08.2012 г. № 891 «О внесении изменений и дополнений изменений и дополнений в Земельный кодекс Республики Таджикистан» и Закона Республики Таджикистан от 2 января 2020 года № 1685 «О внесении изменений и дополнений в Закон Республики Таджикистан «Об ипотеке»», стало возможным на практике использовать еще один предмет ипотеки – право пользования земельным участком с правом отчуждения.

Вместе с тем, использование права пользования земельным участком с правом отчуждения характеризуется рядом специфических особенностей.

> С учетом повышенного риска в качестве дополнительной меры контроля необходимо предусмотреть открытие отдельного ссудного счета и оплаты платежных поручений заемщика за товарно-материальные ценности с этого счета безналичным путем.

В соответствии с частью 1 статьи 7 Закона Республики Таджикистан «Об ипотеке» предметом ипотеки может быть право собственности или иное вещное право на недвижимое имущество.

Применительно к праву пользования земельным участком с правом отчуждения мы имеем дело с вещным правом, так как землепользователь, не являясь собственником земли, наделяется правомочиями собственника, то есть правами владения, пользования и распоряжения. При этом землепользователь распоряжается не непосредственно землей, как объектом недвижимости, а своим правом владения – фактического обладания земельным участком, и пользования – извлечения полезных свойств.

В соответствии со статьями 11, 12 и 13 Земельного кодекса Республики Таджикистан предусмотрены такие виды землепользования, как бессрочное, пожизненное наследуемое и срочное пользование.

Право пользования земельным участком может выполнять обеспечительную функцию в качестве залога только в том случае, если оно сохраняется на более длительный срок, чем срок, на который выдан кредит.

Согласно статьей 21 Земельного кодекса Республики Таджикистан землепользователи обязаны:

- обеспечить использование земли в соответствии с целевым назначением и условиями ее предоставления;
- эффективно использовать предоставленную им землю, применять природоохранную технологию производства, не допускать ухудшения экологической обстановки территории в результате хозяйственной

деятельности;
- осуществлять комплекс мероприятий по охране земель.

Кредитование не должно быть самоцелью кредитных организаций. Помимо своих коммерческих задач они должны решать и общие задачи экономического и социального характера. В рамках кредитования сельских товаропроизводителей эти задачи заключаются в поддержке бизнеса на селе, в обеспечении рационального, эффективного использования и сохранности земли.

Эта особенность связана с порядком легализации права пользования земельным участком с правом отчуждения.

В частности в рамках управления рисками сотрудники кредитной организации должны знать, что документ, подтверждающий право пользования земельным участком с правом отчуждения, выдается уполномоченным органом в области землеустройства. Однако, наличие такого документа еще не является достаточным основанием для принятия права пользования земельным участком с правом отчуждения в качестве залога.

В соответствии со статьей 8 Закона Республики Таджикистан «О государственной регистрации недвижимого имущества и прав на него» внесение в государственный реестр является обязательным юридическим действием для фактического возникновения у землепользователя права пользования земельным участком с правом отчуждения. Таким образом, сертификат землепользователя, выданный уполномоченным органом по землеустройству, не является документом, юридически закрепляющим за землепользователем право пользования земельным участком с правом отчуждения. Этот документ, в целях кредитования, может служить лишь средством идентификации предмета залога, то есть конкретного земельного участка.

Имеет свою специфику порядок оценки предмета залога.

Определяющее значение для кредитной организации имеет вопрос о том, насколько реальная рыночная стоимость предмета залога может покрыть сумму основного долга и причитающиеся проценты.

В ранее действовавшей редакции статьи 46 Закона Республики Таджикистан «Об ипотеке» была неприемлемая для кредитных организаций оговорка о том, что стоимость права пользования земельным участком с правом отчуждения не может быть ниже кадастровой стоимости. В соответствии с Законом Республики Таджикистан «Об оценке земли» кадастровая стоимость устанавливается исключительно для целей налогообложения. Залогодержатель, получив земельный участок в счет погашения долга по кредиту, будет оплачивать налог по кадастровой стоимости, независимо от того обработана ли или необработанна земля. Рыночная же стоимость зависит от состояния земельного участка.

Исходя из этого, Законом Республики Таджикистан «О внесении изменений и дополнений в Закон Республики Таджикистан «Об ипотеке» от 2 января 2020 года № 1685 в статью 46 внесено изменение, согласно которого стоимость права пользования земельным участком с правом отчуждения устанавливается в договоре залога права пользования земельным участком в соответствии с отчетом

об оценке, определяемой оценщиком с соблюдением требований нормативных правовых актов Республики Таджикистан об оценочной деятельности и в порядке определения стоимости права пользования земельным участком с правом отчуждения.

Однако, особенностью рынка является то, что формирование цен зависит от сложившегося на определенный момент спроса и предложения. Это значит, что стоимость права пользования земельным участком с правом отчуждения на момент обращения взыскания в счет погашения кредита может оказаться ниже, чем на момент выдачи кредита. Кредитная организация должна учитывать возможность наступления такого негативного последствия.

Для заключения договора залога права пользования земельным участком с правом отчуждения обязательным условием является его государственная регистрация в Едином государственном регистре недвижимого имущества и прав на него в порядке, установленном Законом Республики Таджикистан «О государственной регистрации недвижимого имущества и прав на него».

Залог возникает с момента регистрации договора о залоге права пользования земельным участком с правом отчуждения.

Кроме того, в качестве дополнительной гарантии безопасности в проекте Положения предусматривается, что при переходе права пользования земельным участком с правом отчуждения другому лицу в порядке наследования, залог сохраняет свою силу. При этом производится перерегистрация договора о залоге права пользования земельным участком с правом отчуждения.

Предоставление кредита по целевому назначению предполагает контроль со стороны кредитора за соблюдением заемщиком этого условия. Действующий механизм контроля предусматривает проведение периодического мониторинга деятельности заемщика со стороны кредитной организации.

С учетом повышенного риска в качестве дополнительной меры контроля необходимо предусмотреть открытие отдельного ссудного счета и оплаты платежных поручений заемщика за товарно-материальные ценности с этого счета безналичным путем.

Одновременно с этим необходимо предусмотреть создание четкого механизма погашения кредита и выплаты процентов путем составления графика выплат, который бы предусматривал его погашение несколькими этапами в зависимости от перспективы поступления денежных потоков.

Специфика сельскохозяйственного производства требует определенных навыков для обеспечения действенного контроля за целевым использованием заемщиком полученного кредита. В этих целях следует определить конкретные объекты контроля. В частности, по кредитам, предоставленным на выращивание сельскохозяйственных культур, в процессе мониторинга кредитная организация должна изучать наличие посевов, состояние посевов, своевременное проведение необходимых агротехнических мероприятий. А по кредитам, предоставленным на финансирование строительства, в процессе мониторинга кредитная организация должна осуществлять контрольный обмер объема выполненных работ на кредитуемом объекте, в сроках и условиях, оговоренных в кредитном

договоре.

Внесенные в законодательство новации несколько упростили порядок обращения взыскания на предмет залога. В частности, более детально регламентирован порядок внесудебного порядка обращения взыскания на предмет залога. Так, из статьи 38 Закона Республики Таджикистан «Об ипотеке» усматривается, что для обращения взыскания на предмет залога во внесудебном порядке необходимо соблюсти следующие условия:

– договор об ипотеке или нотариально удостоверенное соглашение между залогодержателем и залогодателем, которое заключено в период действия договора об ипотеке, в том числе после возникновения оснований для обращения взыскания на предмет ипотеки, и устанавливает удовлетворение требований во внесудебном порядке по взысканию за счет заложенного имущества.

При соблюдении этого условия взыскание производится путем совершения исполнительной надписи нотариуса.

Несмотря на улучшение условий обращения взыскания на предмет залога, все еще имеются проблемные моменты. В частности, заключаются они в том, что все еще отсутствует возможность упрощения процедуры обращения взыскания в судебном порядке путем разрешения споров в форме выдачи судебных приказов. Кроме того, в случае принятия права землепользования земельным участком на баланс кредитора согласно части 4 статьи 41 Закона Республики Таджикистан «Об ипотеке» (в редакции Закона Республики Таджикистан от 2 января 2020 года за № 1685 «О внесении изменений и дополнений в Закон Республики Таджикистан «Об ипотеке»), отчуждение принятого на баланс права пользования земельным участком должно быть осуществлено в течение одного года после принятия на баланс.

Установление ограниченного срока отчуждения создает повышенный риск для кредитной организации, так как в случае нарушения этого требования закона предмет залога может быть изъят, а залоговое отношение прекращено без удовлетворения требований по выданному кредиту.

Для улучшения условий финансирования предпринимательства на селе и одновременно минимизации кредитных рисков, нам кажется, целесообразным разработать механизм, который бы детализировал условия кредитования под залог права пользования земельным участком с правом отчуждения с учетом приведенных выше особенностей.

В связи с этим, Ассоциацией Банков Таджикистан при технической поддержке Проекта по развитию рынка прав землепользования в рамках программы «Продовольствие во имя будущего» в Таджикистане, организована и проводится работа по разработке Проекта специального документа, регламентирующего порядок кредитования под залог права пользования земельным участком с правом отчуждения.

***Сайисмонов Рахматшо,***
***заместитель***
***Председателя***
***Ассоциации Банков***
***Таджикистана,***
***к.э.н., доцент,***

***Валерий Ким,***
***начальник юридического***
***Департамента***
***Ассоциации Банков***
***Таджикистана.***

# Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки қарздиҳии бонкиро танзим менамоянд



Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин унсури асосии механизми танзими ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Тавре дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”[1] аз 26 марти соли 2009 омадааст, санади меъёрии ҳуқуқӣ – ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршудаест, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ё аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ва ё бекор мекунад.

> Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад”

Онҳо (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) хусусияти умумиҳатмӣ дошта, иҷрои онҳо аз ҷониби ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошанд.

Дар асоси моддаи 7 Қонуни мазкур ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд;
- Санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст.
- қонунҳои конститутсионӣ;
- кодексҳо, қонунҳо;
- қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фармоишҳои вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ, инчунин қарорҳои кумитаҳои давлатӣ;
- қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва

1 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (дар қироати дуюм қабул гаштааст) соли 2009, №3, мод.99; Қонуни ҶТ аз 1.03.2010 № 597;аз11.03.2010с., №597; аз 28.06.11с., №730.

шаҳри Душанбе;
- қарорҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;
- қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо;
- қарорҳои раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо;
- қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.

Танзими ҳуқуқии қарздиҳии бонкӣ бо доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ алоқаманд аст.

С.Э. Жилинский низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки фаъолияти бонкро танзим менамояд ба се гурӯҳ ҷудо менамояд.

1. санадҳои характери умумидошта – Конститутсия, Кодекси гражданӣ.
1. санадҳои махсусгардонидашуда – қонунҳо ва санадҳои зериқонунӣ.
1. санадҳои локалӣ – санадҳое, ки аз тарафи ташкилотҳо баровварда шудааст (масалан, дастурамал, низомнома, тавсияҳо ва ғайра)[2].

Чунин гурӯҳбандии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар дигар сарчашмаҳо низ ба назар мерасад[3].

Инчунин ҷои махсусро дар танзими муносибатҳои фаъолияти бонкӣ одатҳо ташкил медиҳанд. Онҳо на ҳамавақт ба тариқи расмӣ баромад менамоянд, лекин Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ба сифати сарчашмаи танзим эътироф намудааст.

Дар байни низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавқеи муҳимро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд. Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд (м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон)[4].

Дар доираи омӯзиши мавзӯи мазкур моддаи 12 Конститутсия аҳамияти аввалиндараҷа дорад, зеро қарздиҳии бонкӣ як намуди амалиёти бонкӣ ба шумор меравад. Фаъолияти бонкӣ, ин фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Қабули Конститутсия ва дар он ҷой додани моддаи 12, яке аз навовариҳои конститутсионӣ барои рушду ташаккули соҳибкорӣ, иқтисодӣ ва молу мулкӣ баромад намуда, кафолатдиҳандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва гуногуншаклии моликият ба ҳисоб меравад.

Тибқи меъёри моддаи мазкур "Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад".

Дар шароити муосир бинобар дар сатҳи Конститутсионӣ мустаҳкам гардидани эътирофи шаклҳои гуногуни моликият, хусусан моликияти хусусӣ ва кафолати фаъолияти озодӣ соҳибкорӣ барои ташаккули муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ дар асоси рақобати озод, ҷалби шаҳрвандон ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва таъсиси соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ, озодона бастани шартнома ва ворид шудан ба муомилоти гражданӣ, бо такя ба принсипҳои мустақилият ва баробарӣ имкон дод, ки иқтисодиёти кишвар ба маротиб афзуда, сатҳи некӯаҳволии мардум тадриҷан боло равад.

Дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пас аз Конститутсия дар танзими муносибатҳо вобаста аз

2 Жилинский С.Э. Правовая основа предпринимательской деятельности (предпринимательское право). - М., Норма-Инфра-М. 1998. С. 468.
3 Таджибаев, Ш.А.. Правовое регулирование фьючерсных договоров заключаемых на товарных биржах : дис. ... канд. юрид. наук : 12.00.03 / – Душанбе., 2015. С. 45.
4 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо таъғйироту иловаҳо 26 сентябр соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 маи 2016 (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ): матни расмӣ. - Душанбе, «Нашриёти Ганҷ», 2016.

қарздиҳии бонкӣ ҷойи муҳимро ишғол менамояд, ин Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Кодекси мазкур муносибатҳоеро, ки аз шартномаи қарз (м. 827, қ. 2 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва шартномаи кредит (м. 839, қ. 2 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) бармеоянд танзим намуда, тартиби бастан, тарафҳо, шакли шартнома ва дигар меъёрҳоро муқаррар кардааст.

Инчунин, дар Кодекси мазкур иҷрои ӯҳдадориҳо вобаста аз қарздиҳии бонкӣ ва таъмини он, объекти моликият, принсипҳои бастани шартнома ва ғайра гирд оварда шудааст.

Дар қатори Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими муносибатҳо вобаста аз қарздиҳии бонкӣ нақши дигар кодексҳо ба монандӣ Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси андоз, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон басо калон аст.

Санадҳои махсусгардонишуда, яъне қонунҳо дар танзими муносибатҳо вобаста ба қарздиҳии бонкӣ ҷойи намоёнро ишғол менамоянд. Хусусан қонунҳои ин соҳа, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" аз 28 июни соли 2011, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" аз 19 майи соли 2009, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қарзгирии давлати ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад" аз 11 декабри соли 1999, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таърихи қарз (кредит)" аз 26 марти соли 2009, "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" аз 16 апрели соли 2012..

> Барои амалӣ гаштани мақсади мазкур тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали 2011, таҳти № 1021 "Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ карда шуд.

Илова бар ин, тарафҳои гуногуни қарздиҳии бонкӣ бо меъёрҳои қонунҳои дигар, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз 26 июли соли 2014, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ва ғайра ба танзим дароварда мешаванд.

Дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии қарздиҳии бонкӣ санадҳои зериқонунӣ, аз он ҷумла фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоишҳои вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ, инчунин қарорҳои кумитаҳои давлатӣ нақши муҳим мебозанд. Масалан, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи лоиҳаи созишномаи кредитӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонки воридотӣ - содиротии Ҷумҳурии Халқии Чин" аз 5 августи соли 2009[5].

Ҳамзамон, дар танзими муносибатҳо вобаста ба қарздиҳии бонкӣ мавқеи санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон, ки ҷузъи санадҳои зериқонунӣ мебошанд, ногузир аст. Хусусан дар ин ҷода як қатор дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистонро, ба монандӣ Дастурамал №186 "Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ"[6], Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ"[7] номбар

5 www.adlia.tj
6-7 www.nbt.tj

кардан мумкин аст.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Нақши онҳо дар танзими муносибатҳои қарздиҳии бонкӣ хеле калон, хусусан баста шудани як қатор созишномаҳо ба монанди Созишномаи кредитӣ (№ 47221) байни ширкати саҳомии холдингии шакли кушодаи “Барқи Тоҷик” ва Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи “Савдои қувваи барқии байниминтақавӣ” (CASA - 1000)[9], ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2015, тасдиқ шудааст, инчунин Созишномаи кредитӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушди Шоҳигарии Арабистони Саудӣ оид ба лоиҳаи “Сохтмон ва таҷҳизонидани мактабҳои миёна”[10], ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2013 қабул гардидааст.

Доираи дигари низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки қарздиҳии бонкиро танзим менамоянд ин санадҳои локалӣ, яъне санадҳое, ки аз тарафи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ қабул карда мешаванд, аз ҷумлаи оинномаи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, қоидаҳои тартиботи дохила ва ғайра ташкил медиҳанд.

Масалан, дар Оинномаи Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2010 таҳти №166 тасдиқ шудааст, чунин меъёрҳо муқаррар гардидаанд[11].

Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», (минбаъд -Бонк), шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ махсуб ёфта, дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ба даст овардани фоида, ҳамаи амалиётҳои бонкӣ ва аҳдҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» пешбинигардидаро анҷом медиҳад.

Дар Оинномa зикр гардидааст, ки бонк дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ва бо тартиби муқаррарнамудаи он амалиётҳои бонкиро вобаста ба додани қарзҳо (кредитҳо)-и (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла, қарзҳои (кредитҳои) истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ ва факторингро[11] иҷро мекунад.

Инчунин дар оинномаи мазкур муқаррароти умумӣ, амалиёти бонкӣ, фаъолияти сармоягузории бонк, муносибати бонк бо муассис ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, кормандони роҳбарикунандаи бонк, ҳисобдорӣ ва ҳисоботи молиявии бонк, дороиҳои бонк, тафтиши бонк, филиалҳо, намояндагиҳо ва марказҳои хизматрасонии (оҷонсиҳои) бонк, ҳуқуқҳои муштариёни бонк ва ҳимояи онҳо, ҳуқуқҳои бонк ва муқаррароти хотимавӣ муқаррар шудааст.

Имрӯз соҳаи қонунгузории кишвар мунтазам мукаммал шуда истодааст, доир ба инкишофи қонунгузорӣ аз тарафи давлат як қатор чораҳои амалӣ андешида истодааст. Дар ин ҷода бо ақидаҳои пешниҳоднамудаи олим, ҳуқуқшинос Раҳимзода М.З. розӣ шудан мумкин аст. Мавсуф қайд менамояд, ки дар оянда дар соҳаи гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ зарурияти гузаронидани ислоҳотҳо ба миён меояд, аз инҷо мумкин аст ба қонунгузории амалкунанда низ бо мурури вақт тағъйиру иловаҳо ворид карда шавад ё қонунҳои мукаммал қабул гардида, механизмҳои нави танзими ҳуқуқӣ ҷорӣ карда шавад. Дар чунин шароит

8-9 www.adlia.tj
10 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи оинномаи бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»» аз 30 марти соли 2010 таҳти №166.
11 факторинг- маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ.

стратегияи ба мақсад мувофиқи ҳуқуқэъҷодкунӣ ва татбиқи он зарур аст, ки бо назардошти ҳалли талаботу вазифаҳои дарозмуддат дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар соҳаҳо инкишофи қонунгузорӣ амалӣ карда шавад. Бо назардошти ҳолатҳои зикргардида қонунгузории ҳозиразамон бояд ба консепсияҳо ва барномаҳои дарозмуддати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мутобиқ гардонида шавад, то ки дар алоқамандӣ барои рушду нумӯи кишвар мусоидат намояд.

Барои амалӣ гаштани мақсади мазкур тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали 2011, таҳти № 1021 "Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ карда шуд. Бо мақсади татбиқи талаботи Консепсияи мазкур якчанд барномаҳо, аз ҷумла дар соҳаи қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ аз 1 марти соли 2012, инчунин молия, андоз, гумрук ва фаъолиятӣ бонкӣ аз 3 апрели 2012 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд. Дар барномаҳои зикршуда ба масъалаи такмили қонунгузории соҳаи гражданӣ, соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, меҳнат, молия, андоз ва бонкӣ аҳамияти махсус дода шуда, ворид намудани тағйиру иловаҳои ҷиддӣ ба қисми 1, 2 ва 3 Кодекси гражданӣ, қабули Кодекси бонкӣ, Кодекси буҷетӣ, инчунин дигар қонунҳои танзимкунандаи соҳаҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ пешбинӣ карда мешавад[12].

Ҳамин тариқ, доираи низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки ба танзими муносибатҳо оид ба қарздиҳии бонкӣ нигаронида шудаанд, ба чунин гурӯҳҳо метавон тасниф намуд:

1. Санади меъёрии ҳуқуқии асосӣ (базавӣ), ки ба он, пеш аз ҳама, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад;
2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумӣ, ки ба он Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", "Дар бораи ҳимоя ва датгирии давлатии соҳибкорӣ", "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" ва дигарҳо дохил мешаванд;
3. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсусгардонидашуда, ки ба онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор", "Дар бораи таърихи қарз (кредит)"-ро дохил намудан мумкин аст. Инчунин, ба ин гурӯҳи санадҳо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ки бевосита масъалаҳои ҷудогонаи қарздиҳии бонкиро танзим менамоянд, дохил мешаванд;
4. Дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар байни санадҳои танзимкунандаи қарздиҳии бонкӣ, ҷойи махсусро ишғол менамоянд.
5. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст.

***Қаландарова Маҳфиза,***
***Магистранти курси 2-юми ихтисоси ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.***

12 Раҳимов М.З., «Қонунгузории соҳибкорӣ: инкишоф ва проблемаҳо» // Маводҳои семинари ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Мушкилоти рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва амалия», (26.10.2013 с.). - Душанбе, ДМТ, 2014. С. 35.




# Равандҳои нави интернетбанкинг: бонкҳо ба платформаҳо табдил мешаванд

**Дар баробари инкишофи босуръати шабакаи интернет дар ҷаҳон бонкдории рақамӣ низ ба таври сареъ рушд меёбад. Дар ин замина бонкҳо аз фанновариҳои ҷадид истифода мекунанд ва хизматрасонии онҳо ба мизоҷон беҳтар мешавад.**

## ИНТЕРНЕТБАНКИНГ БАРОИ КӢ РУШД МЕКУНАД?

Ба андешаи коршиносони соҳа, раванди рушди бонкдории рақамӣ дар солҳои охир ин навъи бонкдориро ба интернетбанкинг ва мобилбанкинг ё худ онлайн-бонкинг ҷудо кардааст. Ҳоло интернетбанкинг ва мобилбанкингро аз рӯи нақши истифодаи онҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Баъзе мизоҷон аз бонкдории интернетӣ истифода мебаранд, бархеи дигар бошад, барномаҳои бонкдории мобилиро барои худ афзалтар медонанд.

> Раванди нави дигари интернетбанкинг пешниҳоди хадамот барои пешбурди тиҷорати мизоҷ мебошад. Мизоҷ метавонад, бо ёрии бонкҳо аз тариқи сайтҳо ба мизоҷонаш ё ба шариконаш ва ҳамкоронаш SMS ва ё email фиристонад.

Алъон, раванде мушоҳида мешавад, ки бештари соҳибкорони дорои тиҷорати хурд аз хизматрасониҳои мобайлбанкинг истифода мебаранд ва онҳо тадриҷан ба корбарони mobile only (танҳо мобайл)-и бонкдории рақамӣ табдил меёбанд. Аммо интернетбанкинг бештар ҳамчун воситаи ширкатҳои бузурги пешрафта ё дороии истифодабарандагони касбӣ (масалан, муҳосибҳо) қабул мешавад.

Вале ин маънои онро надорад, ки барои бонкҳо тамоман рушд додани интернетбанкинг лозим нест, балки ба ин маънӣ аст, ки рушди интернетбанкинг дар навбати аввал барои корбарони муайян зарур аст.

Чаро корбарон интернетбанкингро истифода меба-

ранд? Сабабҳои истифодаи интернетбанкинг ба ҷойи мобайлбанкингро метавон ба таври зайл шарҳ дод:
- дар фазои орому осуда анҷом додани пардохтҳои ҳаррӯзаи суратҳисоб;
- имкони дар як замон истифода бурдани барномаҳои дигар;
- лозим будани экрани калон, азҷумла, барои таҳлили ҳароҷот;
- зарурати ворид кардани маълумоти зиёд ҳангоми гузаронидани амалиёт;
- зарурати фавран чоп кардани ҳуҷҷат.

## РАВАНДҲОИ ҶАДИД ДАР ИНТЕРНЕТБАНКИНГ:

### МУЛТИБАНКИНГ

Бо назардошти афзоиши талабот равандҳои ҷадиди интернетбанкинг дар кишвар мушоҳида мешаванд. Хизматрасонии мултибанкинг раванди нави интернетбанкинг ба шумор меравад. Агар мизоҷ дар чанд бонк суратҳисоб дошта бошад, ин хизматрасонӣ барояш имкон медиҳад, ки ба воситаи ҳуҷраи шахсии интернетиаш якбора аз бонкҳои дигар низ феҳрасти амалиёти суратҳисобҳояшро дастрас намояд. Ба ғайр аз ин, аз як интернетбанкинг имкони ташкил кардани супоришномаи пардохтӣ дар бонки дигар имконпазир шудааст.

### ҲУҶҶАТГУЗОРӢ

Илова бар ин, дар интренетбанкинг мизоҷон имкони ҳуҷҷатгузориро пайдо карданд. Мизоҷон аз қолабҳои омоданамудаи ташкилоти қарзӣ истифода бурда, метавонанд ҳисобҳои пардохтӣ, санадҳои корҳои иҷрошуда ва шартномаҳои намунавиро ба даст оранд. Ҳуҷҷатҳои пуркардашуда барои истифода дар оянда метавонанд дар интернетбонк нигаҳдорӣ шаванд.

### ҲИСОББАРОБАРКУНИИ АНДОЗҲО

Бонкҳо дар баъзе кишварҳо пардохти андозҳои мизоҷонро ба воситаи интернетбонк ба роҳ мондаанд. Агар пештар пардохти андозҳо ба воситаи интернетбанкинг танҳо низоми содакардашудаи андозро дарбар мегирифт, ҳоло дар бархе аз кишварҳо мизоҷ метавонад, ба куллӣ намудҳои асосии андозро низ тариқи интернетбанкинг ҳисоббаробаркунӣ намояд.

### ҲАМГИРОӢ БО CRM

Инчунин ҳама амалиёти пулии муштарӣ бо тарифаҳои дигар ба таври худкор дар CRM (низоми мудирияти муносибат бо мизоҷ) нишон дода мешаванд. Бартариаш дар он аст, ки муштарӣ метавонад амалиёти фурӯшро пайгирӣ кунад ва ҳисоботро пеш барад ва инчунин мавқеъи супоришҳои ба кормандон додашударо назорат кунад.

### ХАДАМОТ БАРОИ ПЕШБУРДИ ТИҶОРАТИ МИЗОҶ

Раванди нави дигари интернетбанкинг пешниҳоди хадамот барои пешбурди тиҷорати мизоҷ мебошад. Мизоҷ метавонад, бо ёрии бонкҳо аз тариқи сайтҳо ба мизоҷонаш ё ба шарикон ва ҳамкоронаш SMS ва ё email фиристонад. Ё худ метавонад, тариқи телефон аз бонк рамзҳои интерактивиро барои фурӯш дарёфт кунад.

### ВОҚЕЪИЯТИ ХАВФСАНҶӢ ДАР ИНТЕРНЕТБАНКИНГ

Навгонии дигар дар интернетбанкинг дар он зоҳир мегардад, ки бонк амалиёти мизоҷро таҳлил намуда, муайян мекунад, ки он то кадом андоза хавф дорад ва то куҷо бастани суртаҳисоб имконпазир аст. Бонк инро ҳамчун шохис нишон медиҳад. Дар баробари ин, низоми муносиби огоҳкунӣ ва тавсиядиҳӣ кор мекунад.

Дуруст аст, ки ҳоло ҳамаи ин намудҳои фанновариҳоро тамоми бонкҳо истифода намебаранд, вале метавон гуфт, ки онҳо тадриҷан дар бонкҳои пешқадаму рушёбанда пайдо хоҳанд шуд. Рақобат барои ҷалби мизоҷони бештар бонкҳоро

ба ин ҳавасманд месозад.

Ба ин тартиб, ба назар мерасад, ки интернетбанкинг рӯз то рӯз доираи фаъолияташро густарда мекунад ва бонкҳо бо фанноварихои ҷадиди худ талош мекунанд, ба мизоҷон хизматрасонии бузургтару беҳтарро пешниҳод намоянд.

## ТАҲАВУЛОТ: БОНКҲО БА ПЛАТФОРМАҲОИ РАҚАМӢ ТАБДИЛ МЕЁБАНД!

Дар роҳи тавсиъаи худ, онлайн-банкинг 4 марҳиларо тай мекунад: бонкдории ҳаррӯза, офиси рақамӣ, платформаи рақамӣ ва марҳилаи расонаӣ (медиа). Онлайн-банкинг ба хидматрасонии мукаммал барои амалиёти асосӣ мубаддал гардида, вақте ки тамоми роҳҳои дигари муоширати мизоҷ бо бонкро (дафтари корӣ ва зангҳо) иваз мекунад, ба марҳилаи офиси рақамӣ ворид мешавад. Ин сатҳи кунунии рушди интернетбанкинг барои тиҷорати хурд мебошад. Аллакай якчанд бонк бо мизоҷон комилан аз дур кор мекунанд.

Аз дафтар ё офиси рақамӣ, интернетбанкинг ба самти табдил шудан ба платформаи рақамӣ ҳаракат мекунад, ки он дар худ натанҳо хизматрасониҳои бонкиро фаро мегирад, балки воситаҳои дигари пешбурд ва рушди тиҷоратро аз бақайдгирӣ ва муҳосибот то хизматрасониҳое, чун таҳия кардани вебсайтро дарбар мегирад. Бонкҳо тадриҷан ба платформае табдил меёбанд, ки ҳамаи ин хизматрасониҳоро дар худ муттаҳид мекунанд.

## БОНКҲОРО ТАСМИМИ ҶИДДӢ МЕБОЯД

Дар баробари рушди хадамоти рақамӣ ҳоло ҳар як бонкро зарур аст тасмим бигирад, ки оё хизматрасониҳои рақамӣ барояш як омили ҷалб ва нигоҳдорандаи мизоҷон аст ва ё чизи бештар аз ин?

Агар бонк муштариёнро бо як қатор роҳҳои дигар ҷалб кунад, пас ҳоҷат ба давидан аз қафои пешсафони ин бозор ва равандҳои рақамӣ нест. Зеро барои маҳдуд кардани рушди хизматрасониҳои рақамӣ чанд чизи оддӣ кифоя аст:

- сабабҳои хуруҷи муштариёнро вобаста ба хидматрасонии онлайн пайгирӣ ва рафъ кунад;
- фикру мулоҳизаҳои муштариёнро ба инобат гирад ва танҳо он чизеро иҷро кунад, ки ба онҳо воқеан ҳам зарур аст;
- сатҳи хизматрасониро дар сатҳи бозор нигоҳ дорад ва дарк кунад, ки ҳамагон дорои тарафҳои мусбату манфӣ мебошанд.

## РОҲИ РУШДИ ХАДАМОТИ РАҚАМӢ БАРОИ БОНКҲО КАДОМ АСТ?

Вале, агар барои бонкҳо хадамоти рақамӣ воситаи ҷалби муштариён ба шумор равад, коршиносон барои бонкҳо дар айни замон ду роҳи рушди хадамоти рақамии бонкҳоро муайян кардаанд:

1. Ба роҳ мондани таҷрибаи беҳтарини корбарӣ – ба як тараф гузоштани модели зам кардани хусусиятҳо ва илова кардани арзишҳо барои муштариён: шинохтани сенарияи истифода аз хизматрасонӣ ва иҷро намудани он бо равиши роҳаттарин.
2. Сохтани платформаи тиҷорат - барои муштарӣ чизи бештаре аз бонк шудан.

Бонкдории анъанавӣ як қисми хурди ҳаётии давраи соҳибкорӣ - ҳама чизҳои вобаста ба муносибатҳои пулӣ бо шарикон, интиқол аз худ ба худ ва робитаҳои

> Муштариён метавонанд дар қисмати “Смарт интиқол”-и ин барнома, маблағро байни суратҳисобҳои худ интиқол диҳанд. Интиқолҳо бо рақами телефон, бо QR-рамз, бо NFC-технология ва ё бо email имконпазир аст.

ҳамкорӣ бо бонкҳоро фаро мегирад. Консепсияи гузариш ба платформаи соҳибкорӣ густариши салоҳиятҳои бонкро дар назар дорад: бонк вазифаҳои соҳибкориро ба ҳадди аксар бо хадамоти рақамии худ фаро мегирад. Барои ин, бонк бояд ҳамчун як ширкати хидматрасонӣ фикр кунад ва барои шарикӣ ва ҳамгироии доимӣ омода бошад.

## РАВАНДҲОИ БОНКДОРИИ РАҚАМӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Соли 2019 дар Тоҷикистон бонкдории рақамӣ рӯ ба рушд ниҳод. Ба назар мерасад, ки ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон низ аз равандҳои нави интернет-банкинг канор монданӣ нестанд. Дар айни замон аксарияти бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди кишвар дар шабакаи интернет сайтҳои худро доранд, ки ҳатман дар он гӯшаеро интернетбанкинг оро медиҳад.

ҶСК“Спитаменбонк”, ҶСК“Ориёнбонк”, ҶСП “Бонки Эсхата”, ҶСК “Алиф Бонк”, ”ТАҚХ “Имон интернешнл” ва ТАҚХ “Ҳумо” аз пешгомони бонкдории рақамӣ дар кишвар ба шумор мераванд. Онҳо талош доранд, ки хадамоти рақамии худро ҳарчӣ беҳтару бештар тавсиъа диҳанд. Алалхусус, ҶСК“Спитаменбонк” ва ҶСК



“Алиф Бонк” хадамоти тозаи интернетбанкингро ба мизоҷон пешниҳод мекунанд.

ҶСК “Алиф Бонк” хизматрасониҳои гуногуни интернетиро ба воситаи сомонаи худ ба мизоҷон пешниҳод мекунад. Бонк барномаи вижаеро барои смартфонҳо сохта, барои насб кардан ба мизоҷон пешниҳод кардааст. Мизоҷон ба воситаи ҳамёни рақамии alif.mobi имкон доранд, ки якчанд кортҳои бонкиашонро пайваст карда, мустақиман пардохтҳои худро анҷом диҳанд. Инчунин, мизоҷон метавонанд, аз маблағҳои кортҳои «Корти миллӣ», Visa ва MasterCard суратҳисоби онро пур карда, ҳангоми зарурат барои анҷоми ин ё он амалиёт истифода баранд. Ин барнома ба мизоҷ имкон медиҳад, ки маблағҳои дар суратҳисоби alif.mobi будаoriginal ба корти пардохтии «Корти миллӣ» гузаронад ва онро ба таври нақд аз бонкомат дастрас кунад. Ҳоло хизматрасониҳои онлайнии бонкии ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки суратҳисоб ҳама вақт зери назорати мизоҷ бошад ва дар дилхоҳ вақту соат ӯ метавонад, бақия ва ҳаракати воситаҳои пулиашро тафтиш кунад. Ҳамёни рақамии alif.mobi низ барои анҷоми пардохтҳо ва ворид шудани маблағҳо барномаи бисёр осон буда, мизоҷон ба воситаи он метавонанд дар дилхоҳ вақту соат ҳақи хизматрасонӣ ва пули молҳоро пардохт намоянд.

Хушбахтона, тавре ба назар мерасад, ки дигар ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон низ бо пайравӣ ба ҶСК “Алиф Бонк” аз равандҳои нави интернет-банкинг дур намемонанд. Аз ҷумла, ТАҚХ “Ҳумо” барномаи  “Ҳумо Онлайн”-ро сохтааст, ки бо он намудҳои гуногуни хизматрасониҳои бонкиро анҷом додан мумкин аст. Муштариён бо




насби он дар смартфонҳои худ метавонанд, дар дилхоҳ вақт ба таври шабонарӯзӣ ҳар гуна амалиёти интиқоли маблағ ва пардохти хизматрасониро бидуни комиссия ва омадан ба филиал анҷом диҳанд.

"Ҳумо Онлайн" анҷом додани пардохтҳои 70 таъминкунандагони хизматрасониҳоро, ки дар ин барнома ҷамъ оварда шудаанд, мумкин кардааст. Муштариён метавонанд дар қисмати "Смарт интиқол"-и ин барнома, маблағро байни суратҳисобҳои худ интиқол диҳанд. Интиқолҳо бо рақами телефон, бо QR-рамз, бо NFC-технология ва ё бо email имконпазир аст. Пардохти ҳисобҳо дар "Ҳумо Онлайн" дар 3 пахш, дар давоми якчанд сония анҷом ёфта, ба мизоҷ расиди рақамӣ пешниҳод мешавад.

## ОЁ ДАР ТОҶИКИСТОН НИЁЗ БА ИНТЕРНЕТБАНКИНГ ҲАСТ?

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон зарурати рушди интернетбанкингро дар кишвар ба ҳисоб гирифтаанд. Зеро бо сабаби дар минтақаи кӯҳистон ҷойгир будани Тоҷикистон ва аз ҳам дур қарор доштани маҳалҳои зисти сокинон интернетбанкинг аз бонкдории анъанавӣ афзалияти бештар дорад. Барои мисол, хизматрасонии интернетбанкинг ба сокинони кӯҳистон имкон медиҳад, ки масофаи зиёдеро тай карда, ба маркази ноҳия наравандy аз хонаи худ амалиёти бонкиро анҷом диҳанд.

Омили дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгир будани қисмати зиёди деҳоту манотиқи аҳолинишини Тоҷикистон интернетбанкингро ба яке аз воситаҳои муҳими дастрасии мардум ба хизматрасониҳои бонкӣ табдил медиҳад. Мардум метавонанд, бо истифодаи интернетбанкинг аз маҳали худ дур нарафта, амалиёти бонкӣ анҷом диҳанд. Ниёз ба хадамоти интернетбанкинг бо баробари густариши интернет ва рушди иқтисоду бозорҳои молия афзоиш хоҳад ёфт. Ба ин далел, интернетбанкинг дар оянда аз бахшҳои муҳими бонкдорӣ дар Тоҷикистон хоҳад буд.

## ОЯНДАИ ИНТЕРНЕТБАНКИНГ АЗ БИОМЕТРИЯ ШУРУЪ МЕШАВАД

Ба андешаи коршиносон, Интернетбанкинг дар оянда низ рушд хоҳад кард. Бештари мутахассисони варзидаи соҳа биометрия ва хадамоти воҳидро барои тиҷорати хурд ва шахсони воқеъӣояндаи интернетбанкинг медонанд. Дар айни замон ҳувиятшиносии биометрӣ дар ҳоли рушдёбӣ қарор дорад. Вале баъди он ки дар амал татбиқ мегардад, ин раванд хеле зуд ба хадамоти арзишманд барои соҳибкорӣ табдил меёбад. Он вақт барои соҳибкорон чунин шароити мусоиде пайдо мешавад, ки бо бонк фақат бо гузинаҳои рақамӣ ҳамкорӣ кунанд ва ҳатто имкон дорад, ки онҳо ягон бор бо ҳам суҳбати рӯ ба рӯ надошта бошанд.

***Аслам Мӯминов,***
***шореҳи "БТҶ".***

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ АВВАЛИ СОЛИ 2020 | | | ◙ ДОРОИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2020 | 31.03.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 4 340 596 106 | 4 265 971 100 | 74 625 006 | 1,7% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 3 123 316 149 | 2 638 146 546 | 485 169 603 | 18,4% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 2 120 108 110 | 2 005 495 840 | 114 612 270 | 5,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 950 179 876 | 741 271 623 | 208 908 253 | 28,2% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 829 122 020 | 777 207 519 | 51 914 501 | 6,7% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 524 323 779 | 705 637 734 | -181 313 955 | -25,7% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 431 340 176 | 390 647 318 | 40 692 858 | 10,4% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 339 007 576 | 340 856 878 | -1 849 302 | -0,5% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 259 951 681 | 294 674 612 | -34 722 931 | -11,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 203 355 215 | 188 003 476 | 15 351 739 | 8,2% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 142 019 074 | 105 060 032 | 36 959 042 | 35,2% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 141 249 804 | 154 973 844 | -13 724 040 | -8,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 81 616 744 | 85 754 201 | -4 137 457 | -4,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 66 895 512 | 68 198 767 | -1 303 255 | -1,9% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ АВВАЛИ СОЛИ 2020 | | | ◙ ҚАРЗҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2020 | 31.03.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 953 675 285 | 2 259 489 509 | 694 185 776 | 30,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 556 110 546 | 1 376 301 312 | 179 809 234 | 13,1% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 615 887 724 | 745 499 376 | -129 611 652 | -17,4% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 394 330 741 | 324 481 779 | 69 848 962 | 21,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 326 115 057 | 229 085 664 | .97 029 393 | 42,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 125 186 614 | 123 102 849 | 2 083 765 | 1,7% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 119 631 191 | 75 081 830 | 44 549 361 | 59,3% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 64 236 726 | 46 339 304 | 17 897 422 | 38,6% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 56 660 240 | 52 206 339 | 4 453 901 | 8,5% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 55 127 297 | 47 753 635 | 7 373 662 | 15,4% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 20 733 863 | 32 813 694 | -12 079 831 | -36,8% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 20 344 311 | 19 664 280 | 680 031 | 3,5% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 4 260 942 | 4 792 741 | -531 799 | -11,1% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 2 751 156 | 26 621 642 | -23 870 486 | -89,7% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ АВВАЛИ СОЛИ 2020 | | | ◙ ӮҲДАДОРИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2020 | 31.03.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 901 713 715 | 3 860 405 303 | 41 308 412 | 1,1% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 270 531 308 | 1 927 328 243 | 343 203 065 | 17,8% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 724 591 442 | 1 658 842 266 | 65 749 176 | 4,0% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 812 064 005 | 635 929 946 | 176 134 059 | 27,7% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 725 053 471 | 675 285 498 | 49 767 973 | 7,4% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 416 446 162 | 577 816 863 | -161 370 701 | -27,9% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 306 083 136 | 279 197 162 | 26 885 974 | 9,6% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 283 871 978 | 288 089 638 | -4 217 660 | -1,5% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 130 518 155 | 200 055 588 | -69 537 433 | -34,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 130 325 478 | 111 211 089 | 19 114 389 | 17,2% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 88 619 880 | 53 466 862 | 35 153 018 | 65,7% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 54 965 687 | 70 371 045 | -15 405 358 | -21,9% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 25 065 340 | 21 346 688 | 3 718 652 | 17,4% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 24 411 867 | 47 085 194 | -22 673 327 | -48,2% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ АВВАЛИ СОЛИ 2020 | | | ◙ ПАСАНДОЗҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2020 | 31.03.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 427 918 727 | 3 382 575 726 | 45 343 001 | 1,3% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 645 500 039 | 1 319 990 171 | 325 509 868 | 24,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 024 570 548 | 993 626 233 | 30 944 315 | 3,1% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 696 203 972 | 568 008 957 | 128 195 015 | 22,6% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 375 436 168 | 367 756 734 | 7 679 434 | 2,1% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 312 449 367 | 470 248 429 | -157 799 062 | -33,6% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 292 952 114 | 271 223 258 | 21 728 856 | 8,0% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 85 846 848 | 193 780 035 | -107 933 187 | -55,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 61 439 934 | 39 143 682 | 22 296 252 | 57,0% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 48 346 796 | 37 544 951 | 10 801 845 | 28,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 18 850 594 | 12 576 494 | 6 274 100 | 49,9% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 15 080 470 | 2 716 929 | 12 363 541 | 455,1% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 14 307 785 | 33 755 188 | -19 447 403 | -57,6% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 557 654 | 423 044 | 134 610 | 31,8% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ АВВАЛИ СОЛИ 2020 | | | САРМОЯ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2020 | 31.03.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 852 784 841 | 710 818 303 | 141 966 538 | 20,0% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 438 882 391 | 405 565 797 | 33 316 594 | 8,2% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 395 516 668 | 346 653 574 | 48 863 094 | 14,1% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 138 115 871 | 105 341 677 | 32 774 194 | 31,1% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 129 433 526 | 94 619 024 | 34 814 502 | 36,8% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 125 257 040 | 111 450 156 | 13 806 884 | 12,4% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 107 877 617 | 127 820 871 | -19 943 254 | -15,6% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 104 068 549 | 101 922 021 | 2 146 528 | 2,1% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 86 284 117 | 84 602 799 | 1 681 318 | 2,0% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 73 029 737 | 76 792 387 | -3 762 650 | -4,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 57 204 877 | 38 669 007 | 18 535 870 | 47,9% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 55 135 598 | 52 767 240 | 2 368 358 | 4,5% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 53 399 194 | 51 593 170 | 1 806 024 | 3,5% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 41 830 172 | 46 852 079 | -5 021 907 | -10,7% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ АВВАЛИ СОЛИ 2020 | | | ФОИДА | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 31.03.2020 | 31.03.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 90 995 860 | 24 607 446 | 66 388 414 | 269,8% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 12 572 874 | 12 353 633 | 219 241 | 1,8% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 10 034 321 | 8 714 940 | 1 319 381 | 15,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 3 334 916 | 3 417 904 | -82 988 | -2,4% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 2 879 707 | 4 567 778 | -1 688 071 | -37,0% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 1 748 646 | 1 471 534 | 277 112 | 18,8% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 1 708 009 | -339 422 | 2 047 431 | 603,2% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 1 270 033 | 2 739 844 | -1 469 811 | -53,6% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 1 172 413 | 3 774 634 | -2 602 221 | -68,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 1 127 063 | 390 458 | 736 605 | 188,7% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 1 049 287 | 891 366 | 157 921 | 17,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 649 399 | -474 832 | 1 124 231 | 236,8% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | -506 677 | 2 702 791 | -3 209 468 | -118,7% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | -1 450 094 | 159 288 | -1 609 382 | -1010,4% |

## Гиямшо Лама:
# "Ҳадафи мо ҳиссагузорӣ дар тамоми самтҳои рушди кишвар аст!"



*Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар доираи нашри силсиламусоҳибаҳо бо роҳбарони ташкилотҳои қарзии кишвар тасмим гирифт дар бораи вазъи молиявӣ, мушкилоту дастовардҳо, роҳҳои расидан ба нишондиҳандаҳои иқтисодии мусбат дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ, нақшаҳои корӣ ва дигар паҳлуҳои фаъолият дар низоми бонкӣ бо раиси яке аз бонкҳои кишвар - ҶСП "Аввалин Бонки молиявии хурд" Гиямшо Лама суҳбати ҷолибе анҷом диҳад. Хушбахтона, ин имконият ба хабарнигорони маҷалла ба даст омад ва бо камоли майл муҳтавои онро ба хонандагони гиромӣ пешниҳод менамоем.*

**- Тавре маълум аст, ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" аз ибтидои фаъолияташ бо мақсади сармоягузории иқтисодии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд. Метавонед бигӯед, ки бонки Шумо то куҷо ба ин мақсад ноил шудааст?**

- ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" (минбаъд дар матн АБМХ) моҳи августи соли 2003 барои анҷом додани амалиётҳои молиявии хурд ташкил гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Бонк Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ моҳи сентябри ҳамон сол дастрас намуда, моҳи феврали соли 2004 фаъолияти худро оғоз намуд. Саҳомони АБМХ Бонки рушди Олмон (KFW) ва сохторҳои Шабакаи Оға Хон оид ба рушд (AKDN) – гурӯҳҳои агентии рушд дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, фарҳанг, иқтисодиёт ва рушди маҳалҳои дурдаст, пеш аз ҳама, дар минтақаҳои Осиё ва Африқо мебошад. Ҳадафи бонк ин мусоидат намудан ба рушди иқтисодиёти кишвар ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ бо пешниҳод кардани хизматрасониҳои молиявӣ ва бонкӣ мебошад. Бонк кӯшиш карда истодааст, ки хизматрасониҳои сатҳи баланд ва боваринокро барои мизоҷони худ дар тамоми манотиқи кишвар пешниҳод намуда,

> Бонк бӯҳрони молиявии солҳои 2014-2016-ро паси сар намуда, қавитар гардид. Дар натиҷа нуфузу эътибори бонк баланд гардида, якчанд мизоҷони дохилӣ ва байналмилалиро ҷалб намуд.

тибқи меъёрҳои байналмиллӣ дар самти ахлоқ, эҳтиёткорӣ ва хизматрасонии мизоҷон, амал намояд.

Ҳайати Шӯрои нозирони Бонк аз мутахассисони баландихтисос ва таҷрибадор дар соҳаҳои бонкдорӣ, идоракунии хавфҳо, муҳосибот, аудит, рушд ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ иборат мебошад, ки онҳо бонкро дар самти устувории молиявӣ ҳамеша дастгирӣ ва раҳнамоӣ менамоянд. АБМХ бонки тиҷоратии дорои иҷозатномаи пурраи бонкӣ буда, як қатор маҳсулотҳои бонкӣ ва хизматрасониҳоро пешниҳод мекунад ва инчунин соҳибкории хурду миёна ва корпоративиро хизматрасонӣ менамояд. Бонк саравввал ҳамчун ташкилоти маблағгузории хурд ташкил шуда, соли 2011 қарздиҳиро ба соҳибкории хурду миёна ба роҳ монд, зеро соҳибкории хурду миёна ин мояи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, барои ташкил намудани ҷойи корӣ ба аҳолӣ имконият фароҳам меорад. Солҳои охир бонк инчунин корпоратсияҳоро низ маблағгузорӣ намуда истодааст. Бо назардошти он, ки сармоягузории Ташкилоти Оғо Хон оид ба рушд (AKDN) барои рушди дарозмӯҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, Бонк бо мақсади ҳиссагузорӣ намудан дар тамоми самтҳои рушди кишвар, ҳамкориҳоро бо агентиҳои гуногуни байналмилалӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мебаранд, давом дода истодааст.

> Дастгирии рушди тамоми манотиқи кишвар онро дарк менамоянд, ки мо бояд бонки худро бо тамоми имкониятҳояш дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд диҳем. Қисми зиёди Марказҳои хизматрасонии бонк дар манотиқи дурдаст ҷойгиранд.

Бонк фаъолияти худро тавассути 7 филиал ва 37 марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ, ки дар тамоми манотиқи кишвар ҷойгиранд, пеш бурда истодааст. Шабакаи бонки мо ҳадафи иҷтимоӣ ва хусусияти қарздиҳии хурд доштани бонкро инъикос менамояд, зеро 60%-и онҳо дар минтақаҳои дурдасти кишвар фаъолият менамоянд. Дар 10 соли охир АБМХ зиёда аз 300 ҳазор мизоҷонро маблағгузорӣ намудааст, ки қисми зиёди онҳо дар минтақаҳои дурдаст мебошанд. Бонк мунтазам мизоҷони худро зиёд карда истодааст. Дар соли 2019 сандуқи тозаи қарзии Бонк 26% ва ҳаҷми пасандозҳо 18% афзуд.

**- Вазъияти молиявии Бонк ҳоло дар кадом сатҳ қарор дорад? Шумо аз натиҷаҳои фаъолияти бонк ҳамчун роҳбар қаноатманд ҳастед? Оё нишондиҳандаҳои сандуқи қарзии бонк қаноатмандкунандаанд?**

- Қобили қайд аст, ки Бонк дорои нишондиҳандаҳои хуби молиявӣ мебошад. Дар соли 2019 даромаднокии сармоя (ROE) 23% ва даромаднокии дороиҳо (ROA) 3%-ро ташкил дод. Меъёри кифоятии сармоя устувор буда меъёри кифоятии сармояи дараҷаи 1 ба 19% ва дараҷаи 2 ба 12% баробар аст. Бо назардошти ҳолати воқеии бо сабаби вируси COVID-2019 ва тағйирёбии нархи нафт ба миён омада, бонк фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳоро тибқи талаботҳои МБҲМ9 (IFRS9) зиёд намуд. Ин фонди иловагӣ барои пӯшонидани талафот аз рӯи қарзҳо ба бонк имконият медиҳад, ки ба таъсирҳои манфии ба иқтисодиёт расанда, тобовар бошад. Сатҳи пардохтпазирии бонк баланд аст. Ба ҳолати охири соли 2019 сатҳи пардохтпазирии ҷории бонк зиёда аз 77% буд, ки талаботи БМТ 30% мебошад. Инчунин бонк зиёда аз 100 млн. сомонӣ маблағгузориҳои кӯтоҳмуддат дорад, ки ин маблағҳо метавонанд дар ҳолатҳои фавқулода истифода бурда шаванд. Риояи

талаботҳои сиёсати қарздиҳӣ қавӣ буда, бонк дар ҳамкорӣ бо мизоҷон ва мақомотҳои назоратӣ шаффоф мебошад.

**- Дар ин чанд соли фаъолият кадом корҳои назаррасро метавонед дастовардҳои бонки худ шуморед?**

- Бонк буҳрони молиявии солҳои 2014-2016-ро паси сар намуда, қавитар гардид. Дар натиҷа нуфузу эътибори бонк баланд гардида, якчанд мизоҷони дохилӣ ва байналмилалиро ҷалб намуд. Солҳои пешин вобастагӣ аз сармоягузорони хориҷӣ зиёд буд. Дар панҷ соли охир бошад, ҳаҷми пасандозҳо ба таври назаррас афзуд, ки ин боварии мизоҷонро нисбат ба бонк нишон медиҳад. Ин ҳолат ба бонк барои афзун намудани ҳаҷми қарзҳо мусоидат намуд.

АБМХ ним-финалисти Ҷоизаи Аврупоии молиявии хурди соли 2017 (The European Microfinance Award 2017) шуд. Ҷоиза барои муайян намудани ташкилотҳои молиявие, ки дастрасии аҳолии камбизоатро барои таъмини манзили беҳтари зист маблағгузорӣ менамоянд, эълон шуда буд. Ҳангоми интихоб 37 дархост аз 23 кишварҳои гуногун иштирок намуда буданд. АБМХ ягона бонк дар Осиёи Миёна буд, ки то давраи нимфиналӣ расид.

АБМХ сазовори ҷоизаи Технология ва амалиёти байналмилалии Тоҷикистон (the Tajikistan International Technology&Operations Bank of the Year award) дар номинатсияи "Фаъолияти бонкӣ ва молиявӣ дар Осиё дар самти савдои яклухт дар соли 2019" (The Asian Banking & Finance Wholesale Banking Awards 2019) дар Сингапур гардид.

АБМХ сазовори "Грамотаи фахрӣ"-и Кумитаи андоз барои дуруст риоя намудани талаботҳои Кодекси андоз ва ҳиссагузории назаррас ба буҷети давлат дар соли 2019 гардид.

АБМХ ягона аъзо аз Осиёи Марказӣ дар Алянси ҷаҳонӣ барои арзишҳои бонкӣ (Global Alliance for Banking on Values) мебошад. GABV соли 2009 ташкил шуда, шабакаи лидерони бонкҳо аз тамоми ҷаҳон мебошад, ки ҳаводорони тағйиротҳои мусбӣ дар соҳаи бонкианд. Мақсади асосӣ он ба андозае такмил додани низоми бонкӣ аст, ки низоми бонкӣ шаффоф бошад, устувории иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологиро дастгирӣ намояд ва аз институтҳои гуногуни бонкӣ, ки иқтисодиёти воқеиро хизматрасонӣ менамояд, иборат бошад.

Мо ба такмили савияи дониши кормандони худ аҳамияти ҷиддӣ дода, барои ин мақсад сармоягузориро дареғ намедорем. Ҳамкорӣ бо аъзои Шӯрои нозирон ба кормандони бонк, ки дониш ва таҷрибаи онҳоро истифода менамоянд, нафъи зиёд овард. Кормандони бонк инчунин дар конференсияҳои байналмилалӣ иштирок карда, фаъолияти бонкро дар ин чорабиниҳо муаррифӣ менамоянд ва бо мутахассисони таҷрибадор аз давлатҳои гуногун табодули таҷриба мекунанд. Зиёда аз ин, кормандон дар курсҳои тахассусӣ ва тренингҳои гуногун иштирок намуда сатҳи дониш ва малакаи худро такмил дода, мутахассисони баландихтисос ва таҷрибадор гардиданд.

**- Ҳоло ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" кадом соҳаҳои иқтисодиётро маблағгузорӣ мекунад?**

- Бонк дар айни замон ба қарздиҳӣ мизоҷоне, ки ба тиҷорат дар самти воридоти маҳсулотҳои воридотӣ машғул ҳастанд, афзалият дода, ҳамзамон ба соҳибкории истеҳсолӣ бо меъёри фоизи нисбатан пасттар қарз дода истодааст. Соҳаи дигаре, ки бонк айни замон маблағгузорӣ карда истодааст, ин кишоварзӣ мебошад ва ба ин соҳа низ бо меъёри фоизи паст қарз дода мешавад. Аз аввали соли ҷорӣ бонк иқдоми махсусро ба қарзҳои соҳаи кишоварзӣ ҷорӣ намуд, ки дар доираи ин иқдом

кишоварзон метавонанд бо шарту шароити мусоид барои кишту кор ва хариди нуриҳои минералӣ қарз дастрас намоянд. Ғайр аз ин, бонк қарзҳои истеъмолӣ ва ипотекиро дар тамоми манотиқи кишвар зиёд карда истодааст.

Бонк ҳамзамон дар самти амалиётҳои мубодилавӣ ба мизоҷоне, ки ба ворид намудани маҳсулотҳои ниёзи аввал, аз ҷумла гандум, орд ва маводҳои сӯзишворӣ машғуланд, бартарӣ медиҳад.

**- То ҷое огоҳ ҳастем, бонки Шумо ҳанӯз ду сол пеш эълон карда буд, ки барои рушди соҳаи сайёҳӣ қарз медиҳад. Гуфта метавонед, ки қарзҳои пешниҳоднамудаи Шумо то андозае ба рушди ин соҳа мусоидат намудаанд? Шумо самараи он қарзҳоро дар чӣ мебинед?**

- Мо боварӣ дорем, ки қарзҳои бо фоизи нисбатан пасттар ба маблағи 7,6 млн. сомонӣ ба 625 мизоҷони дар соҳаи туризм фаъолияткунанда додашуда, барои рушди хизматрасонии онҳо мусоидат намуда, даромади онҳоро зиёд кардааст. Қобили зикр аст, ки қисми зиёди мизоҷони бонк, ки қарзҳоро барои рушди туризм дастрас намудаанд дар минтақаҳои дурдаст ҷойгиранд ва онҳо ин қарзҳоро барои таъмири манзили зист, чойхона ва бо мақсади қабули сайёҳон истифода бурданд ва инчунин ҷойҳои нави корӣ ташкил карданд. Дар доираи рушди туризм, бонк барои хариди воситаҳои нақлиётии мувофиқ барои хизматрасонӣ ба сайёҳон дар минтақаҳои кӯҳистон, ба мизоҷон қарз пешниҳод намудааст, ки ин ҳам дар навбати худ хизматрасонии нақлиётиро дар соҳаи туризм рушд додааст.

**- Шумо барои ҷалби мизоҷон ва ҷиҳати баланд бардоштани эътимоди мизоҷон ба бонкатон чӣ гуна корҳоро анҷом дода истодаед?**

- Илова ба нуфузу эътибори қавии саҳомон ва Шӯрои нозирони бонк, мо боварӣ дорем, ки иҷро намудани принсипҳои бонк, аз қабили устувории дарозмуддат, боандешагӣ, рафтор, муошират бо шарикон ва дастгирии рушди тамоми манотиқи кишвар, боварии аҳолиро баланд мебарорад. Устуворӣ маънои онро дорад, ки бонк нақши муҳими фоиданокиро дар ҳифзи таҳким ва устувории дарозмуддати молиявии худ, дарк менамояд. Бонк мақсад дорад, ки нишондиҳандаҳои молиявиро нигоҳ дорад, зеро баланд шудани онҳо аз афзоиши сандуқи амонатӣ ва нишондиҳандаи мусбии даромаду хароҷот вобаста аст.

Боандешагӣ маънои онро дорад, ки бонк усули консервативиро дар рушди тиҷорат пеш гирифта, принсипҳои идоракунии хавфҳо ва мутобиқ будан ба тамоми талаботҳои қонунгузорӣ дар самти бонкдориро ҷорӣ кардааст. Ахлоқ ва рафтор маънои онро дорад, ки фаъолияти ҳаррӯзаи бонк бо эҳтиром ба худ, кормандони худ, мизоҷони худ, саҳомони худ, мақомотҳои назоратии худ ва ба ҳамаи шарикони худ, аз ҷумла, ба тамоми ҷомеа ва аҳолии Тоҷикистон, ташкил карда шудааст. Дастгирии рушди тамоми манотиқи кишвар онро тақозо менамояд, ки мо бояд бонки худро бо тамоми имкониятҳояш дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд диҳем. Қисми зиёди Марказҳои хизматрасонии бонк дар манотиқи дурдаст ҷойгиранд. Солҳои охир бо дархостҳои мизоҷон, бо мақсади пешниҳод намудани хизматрасониҳои бонкӣ ба шумораи зиёдтари мизоҷон бонк марказҳои хизматрасонии худро дар минтақаҳои сераҳолӣ ва тиҷоратӣ низ боз намуд.

**- Муштариёни бонки Шумо асосан аз кадом гурӯҳи аҳолӣ иборат мебошанд?**

- Бонк ҳамаи намуди маҳсулотҳои қарзиро ба мизоҷоне, ки ба маблағгузории хурд ниёз доранд, ба соҳибкории хурду миёна

ва кишоварзӣ машғуланд, бахши хусусӣ ва инчунин кормандони ташкилотҳои байналмилалии ғайридавлатӣ, ки қарзҳои истеъмолӣ дархост менамоянд, хизматрасонӣ менамояд. Дар ҳамкорӣ бо Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, бонк ба пешниҳоди қарзҳои калон низ шуруъ намуд. Дар сандуқи пасандозӣ бошад, мизоҷон аз ширкатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва инчунин сафоратҳои давлатҳои хориҷӣ иборат мебошанд. Бонк пешниҳоди хизматрасониҳоро дар тамоми манотиқи кишвар ба роҳ мондааст.

**- Барои дастгирии бахшҳои воқеиию истеҳсолии иқтисодиёт паст кардани меъёри фоизи қарзҳо зарур мебошад. Дар ин ҷода оё бонк ягон иқдомеро рӯйи даст гирифтааст?**

- Бонк мунтазам меъёри фоизҳои худро аз рӯи қарзҳо бо эълон намудани иқдомҳои гуногун ба соҳаҳои истеҳсолот ва кишоварзӣ коҳиш дода истодааст. Соли 2018 меъёри миёнавазни фоизҳо аз рӯйи қарзҳои аз тарафи бонк додашуда бо асъори миллӣ 29% буд, ки он дар соли 2019 то 25% поён фаромад. Мавриди зикр аст, ки бо таъсири буҳрони иқтисодӣ, дар солҳои 2014-2015 бисёр ташкилотҳои қарзӣ меъёри фоизи қарзро баланд бардоштанд. Аммо бонк дар чунин давраи вазнин ҳам меъёри фоизи қарзро баланд накард. Бонк омодааст, ки бо фоизҳои пасттар ба соҳаи тиҷорат бо назардошти хавфҳои ҷойдошта қарз пешниҳод намояд, яъне меъёри фоизи қарз аз хавфи қарзӣ вобаста буда, дар ҳолати паст будан сатҳи хавфи қарзӣ мутаносибан меъёри фоизи қарз метавонад қоҳиш ёбад. Дар ин ҷода ба мизоҷоне, ки бо бонк солҳои зиёд ҳамкорӣ доранд ва таърихи хуби қарзӣ доранд, тахфифҳо пешниҳод мегардад. Илова ба ин бонк нақша дорад, ки андозаи фоизи қарзро ба самтҳои барои давлат муҳим, ки бо мушкилоти бо сабаби пандемияи COVID-19 ба миён омада, вобастаанд, коҳиш диҳад.

**- Оё бонки Шумо бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҳамкорӣ дорад ва он дар чӣ зоҳир мегардад? Дар айни замон бонк кадом намуди лоиҳаҳоро бо ёрии ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ карда истодааст? Ва ин лоиҳаҳо дар сурати татбиқ шуданашон чӣ натиҷа хоҳанд дод?**

- Бонк ҳамкорӣ ва муносибатҳои хуби тиҷоратиро бо Институтҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла, бо Symbiotics, Blue Orchard, Triodos, Incofin, OicoCredit ва дигарон ба роҳ мондааст. Бо назардошти сохтори қавии корпоративӣ ва нишондиҳандаҳои хуби молиявӣ доштани бонк, сармоягузорони хориҷӣ барои зиёд намудани ҳамкориҳо бо бонк ҳавасманд мебошанд. Дар робита ба ин метавон баъзе барномаҳоро номбар кард:

Ҳамкории АБМХ ва Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) таҳти Фонди маблағгузорӣ ба устуворӣ ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон (The Tajik Climate Resilience Finance Facility). Ташаббуси мазкур аз тарафи БАТР эълон гардида, мақсади он маблағгузорӣ ва ҳамкории техникии бизнес ва таҳияи маҳсулот ҷиҳати устуворӣ ба тағйирёбии иқлим мебошад.

Бонк бо БАТР созишномаи тақсими хавфҳоро баст, ки ин барои маблағгузории қарзҳои калон, ки аз тарафи бонк ва БАТР баҳо дода мешаванд, мусоидат менамояд. АБМХ инчунин шартнома бо БАТР оид ба Барномаи мусоидат ба савдоро бастааст. Мақсади асосии ин барнома дастгирии мизоҷон дар Тоҷикистон ҷиҳати рушди савдои байналмилалӣ мебошад. Ин барнома ба ширкатҳои дохилӣ ҷиҳати қоҳиш додани хавфҳои тиҷоратӣ ва воридоти маҳсулот аз хориҷи кишвар бо истифода аз аккредитив ва кафолати бонкӣ, мусодат менамояд. АБМХ аз БАТР таҳти

Барномаи "Зан дар тиҷорат" (Women in Business) қарз дастрас намудааст. Мақсади асосии ин барнома дастгирии дастрасии занони соҳибкор ба маблағҳои қарзӣ ва гирифтани маслиҳат аз БАТР мебошад.

Ба ғайр аз сармоягузорӣ ба сармояи оинномавии бонк, АБМХ аз Бонки рушди Олмон (KfW) қарзҳои дарозмуддатро ба андозаи фоизҳои нисбатан пасттар дастрас намудааст. Аз ҷумла, бонк зиёда аз 80 млн. сомонӣ тавассути Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз KfW дастрас кардааст.  Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва KfW, АБМХ-ро ҳамчун шарик дар Барномаи беҳдошти манзили зист интихоб намуданд.

Фонди Оғо Хон дар ИМА ва Агентии Иёлоти муттаҳид оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) ба маблағи 1 млн. доллари ИМА амонат ва ба маблағи 1 млн. доллари ИМА-и дигар қарзи субординарӣ барои дастгирии сармояи танзимшавандаи Бонк пешниҳод намуданд.

АБМХ бо Фонди кафолати қарзҳои Тоҷикистон, ки ин лоиҳаи Корпоратсияи маблағгузории Олмон (German Investment Corporation) ва Бонки Рушди Олмон (KFW) мебошад ва хизматрасониҳои худро ба соҳибкорони хурду миёна пешниҳод менамояд, ҳамкорӣ карда истодааст. Намояндагони Фонди номбурда айни замон танҳо дар ш.Душанбе ва вилояти Суғд фаъолият доранд ва бо дархости мо фаъолиятро дар вилояти Хатлон ва ВМКБ низ оғоз намуданд. Фаъолияти онҳо ба соҳибкорони хурду миёна барои гирифтани қарзҳои калонҳаҷм ва васеъ намудани бизнеси худ дар оянда, мусоидат менамояд.

**- Лутфан бигӯед, ки Шумо тафовути "Аввалин бонки молиявии хурд"-ро аз бонкҳои дигари ҷумҳурӣ дар чӣ мебинед?**

- АБМХ кушодани Марказҳои хизматрасонии худро асосан дар минтақаҳои дурдаст оғоз намудааст ва то ҳол 60%-и ин марказҳо дар ноҳияҳои дурдаст ҷойгиранд. Бонк сараввал ба додани қарзҳои хурд машғул буд, аммо бо назардошти дорои Иҷозатномаи пурраи бонкӣ буданаш пешниҳоди қарзҳои миёна, калон ва инчунин пешниҳоди як қатор маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои дигарро низ ба роҳ монд. Бо назардошти ҳадафҳои Бонк ва риояи сиёсат ва роҳнамоиҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ дар саросари кишвар, аз ҷумла, дар минтақаҳои аз ҷиҳати фаъолнокии иқтисодӣ суст, ба монанди ВМКБ ва водии Рашт паҳн гардидаанд. Бонк бо ин роҳ фаъолияти самаровари худро ҷиҳати рушди иқтисодии ин минтақаҳо равона карда истодааст.

**- Ба назари Шумо барои ҷалби сармояи хориҷӣ чӣ зарур аст? Оё дар ин ҷода барои ҷалби сармоягузорон ягон мушкилоте вуҷуд дорад? Умуман, бонки Шумо дар роҳи рушду такомули худ мушкилоту монеаҳо дорад? Агар вуҷуд дошта бошад, Шумо барои ҳалли онҳо чӣ корҳоеро мехоҳед анҷом диҳед?**

- Талаботи якуми сармоягузорони байналмилалӣ ин шаффофият ва мавҷудияти ҳисоботҳои молиявии аз аудит гузашта мебошад, ки он бояд осону дастрас бошад ва мунтазам ба нашр расад. Сармоягузорон муассисон, саҳомон, молик-бенефитсиарон ва иқтидори сохтори идоракунии ташкилотҳоро донистан мехоҳанд. Сармоягузорони хориҷӣ мехоҳанд қонунгузорӣ ва тартибот муайян ва фаҳмо бошад, то ки онҳо тавонанд дар асоси ин қонунгузориҳо бемонеа амал намоянд. Онҳо аз беасос батаъхир гузоштани додани иҷозатнома ва бақайдгирии сармояи худ, норозигӣ баён менамоянд. Сармоягузорон ҳамзамон аз низоми андозбандӣ,

махсусан андоз аз дивиденд ва боздоштани андоз аз фоизҳо норозӣ ҳастанд. Тартибот ва ҳисоботҳои молиявии бонк шаффоф мебошанд ва мо, хушбахтона, бо мушкилоти зиёд дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва шарикон рӯ ба рӯ нашудем ва албатта, мо ҷиҳати беҳтар намудани фаъолият аз рӯи имкониятҳои ҷойдошта, кӯшиш ба харҷ медиҳем.

**- Дар ин шабу рӯз қарзҳои ғайрифаъол барои баъзе ташкилотҳои қарзӣ ба мушкилии ҷиддӣ табдил ёфтаанд. Бонки Шумо барои ҳалли чунин масъала чӣ кор мекунад?**

- Дар бонк Кумитаи кор бо қарзҳои мушкилситон амал менамояд, ки дар он қарзҳои мушкилситон баррасӣ гардида, баҳо дода мешавад. Мо мизоҷони худро бо пешниҳод намудани мухлатҳои имтиёзӣ ва таҷдид намудани қарзҳо дастгирӣ менамоем, ки ин ба онҳо барои сабук намудани пардохти уҳдадориҳои қарзӣ дар давраи вазнинӣ, имконият медиҳад. Ҳол он ки мо ба хубӣ медонем, ки таҷдид намудани қарзҳо ба Бонк хароҷоти иловагӣ меорад ва ба нишондиҳандаҳои молиявии Бонк таъсири манфӣ мерасонад.

**- Оё метавонед дар поёни суҳбат ба хонандагони маҷаллаи “БТҶ” бигӯед, ки “Аввалин Бонки молиявии хурд” чӣ гуна дурнамои фаъолиятро ба нақша гирифтааст?**

- Бонк барои соли 2020 ба нақша гирифта буд, ки теъдоди Марказҳои хизматрасонии бонкӣ, хизматрасонии рақамӣ ва дигар хизматрасониҳоро зиёд намуда, ба мизоҷон маҳсулотҳои бештару хубтарро пешниҳод намояд. Аммо бо назардошти таъсири пандемия ба иқтисодиёти ҷаҳон, баста шудани сарҳадҳо, паст шудани нархи нафт ва маҳдуд гардидани савдо нақшаҳои мо то андозае маҳдуд шуданд. Бинобар ин, мо бояд таъсири ин омилҳоро ба иқтисодиёт, ба мизоҷони худ ва ба тиҷорати худ аз нав баҳогузорӣ намоем, зеро дар ин ҷо тағйиротҳои зиёд ба вуқуъ омадаанд ва айни замон муайян намудани нақшаи ҳаматарафаи мувофиқ мушкилӣ эҷод менамояд.

Новобаста аз ин, бо мақсади фавран амал намудан, бонк Нақшаи фаъолияти худро таҳия намуда, аз рӯи он амал карда истодааст. Бонк бо мақсади таъмини дархостҳои мизоҷон пардохтпазириро дар сатҳи хуб қарор дода, пешниҳоди қарзҳоро каме маҳдуд намудааст. Мо мақсад дорем, ки қарздиҳиро ба кишоварзон ва соҳаҳои асосие, ки барои давлат муҳим мебошанд, дастгирӣ намоем.

Нақшаи дарозмуҳлати бонк ин афзун намудани теъдоди Марказҳои хизматрасонӣ, пешниҳоди зиёди маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ дар саросари кишвар ва ҷалби бештари мизоҷон мебошад. Мо нақша дорем, хизматрасониҳои рақамиро, ки ба коҳиш додани хароҷоти амалиётӣ мусоидат менамояд ва ба мизоҷон фоиданоктар ва мусоидтар мебошад, рушд диҳем. Инчунин, бонк нақша дорад, ки сармоягузориро барои рушди кормандони худ идома диҳад, то ки сатҳи саводнокии онҳо баланд гардида, ҳамқадами замон ва мутахассиси касбии соҳа бошанд.

**- Ҷаҳони сипос, барои суҳбати ҷолиб ва судманд.**

***Мусоҳибон,***
***Аслам Мӯминов,***
***Лоиламо Имомова,***
***маҷаллаи “БТҶ”.***




# Низоми бонкӣ ва саҳми он дар рушди саноати ҷумҳурӣ

***«Саҳми низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, махсусан, саноатикунонии кишвар калон буда, фаъолияти муътадили иқтисодиёт аз сифат ва гуногуннамудии хизматрасониҳои бонкӣ вобастагии зиёд дорад.»***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Фаъолияти устувор ва самараноки низоми бонкӣ дар рушди соҳаи саноат, махсусан дар раванди саноатикунонии кишвар, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи чоруми миллӣ эълон гардид, нақши калидӣ дорад. Имрӯз низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёти миллии кишвар мавқеи хосаро доро буда, маҳз аз фаъолияти натиҷабахши он, рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, минҷумла соҳаи саноат вобастагии калон дорад. Қайд намудан бамаврид аст, ки соҳаи саноат асоси иқтисодиёти мамлакатҳои рушдёфта мебошад ва дар аксарияти давлатҳои пешрафта бонкҳо ба рушди соҳаи саноат ва бахши воқеӣ таъсири бевосита мерасонанд.

> Тавре аз таҳлилҳои гузаронида бармеояд, баъзе бонкҳои тиҷоратӣ дар фаъолияти худ қарздиҳии корхонаҳои истеҳсолиро ҳамчун самти афзалиятнок нашумурда, фаъолияташонро бештар ба қарздиҳии истеъмолӣ ва чакана равона мекунанд.

Бахши бонкӣ яке аз ҷойгоҳи намоёнро дар раванди саноатикунонии кишвар ишғол намуда, рушди шабакаҳои муассисаҳои бонкӣ дар минтақаҳои мамлакат таъсири мусбии худро ба тамоюли рушди



***Фирузҷон Ғафоров, номзади илмҳои иқтисодӣ, устоди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон***

иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои ҷумҳурӣ мерасонад. Айни ҳол низоми бонкӣ ба яке аз бахшҳои мустақили иқтисодиёти миллӣ мубаддал гардидааст.

Рушд ва самаранокии низоми бонкӣ ба фаъолнокии фаъолияти сармоягузории бонкҳои тиҷоратӣ иртибот дорад. Дар ин замина, рушди устувори бахши бонкӣ дар ҷалби ҳарчи бештари муштариён ва васеъ намудани пешниҳоди хизматрасониҳои муосир асос меёбад. Ба ақидаи баъзе муҳаққиқони соҳаи иқтисод фаъолнокии сармоягузории бонкҳо аз сатҳи рушдёбии иқтисодӣ ва саноатии кишвар вобастагӣ дорад. Ба ин васила, рушдёбии саноат дар мамлакат талаботро ба қарзҳои бонкӣ зиёд гардонида, ба фаъолнокии фаъолияти қарзии онҳо оварда мерасонад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз усулҳои сармоягузории рушди иқтисодиёти кишвар ин қарзҳои бонкӣ мебошад. Дар шароити муосири муносибатҳои бозоргонӣ баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти мамлакат ва ташаккули инфрасохтори онро бидуни таъмин ва истифодаи муносибатҳои қарзӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Қарз рушди қувваҳои истеҳсолкунандаро ҳавасманд гардонида, ҷараёни босуръати ташаккули сарчашмаи сармояро барои васеъ намудани такрористеҳсол дар заминаи дастовардҳои илмӣ-техникӣ таъмин менамояд. Ба ибораи дигар, бе дастгирии қарзӣ таъмини босуръати саноатикунонӣ ғайриимкон аст. Тибқи маълумотҳои расмӣ ҳаҷми калони қарзҳои ба корхонаҳои истеҳсолӣ додашуда, дар баъзе давлатҳои алоҳида фаъолкунонӣ, сафарбарӣ ва якҷоякунонии (интеграция)-и сармояро ба иқтисодиёт таъмин менамояд.

Имрӯз корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ ба маблағгузориҳо ниёз доранд ва дар ин замина қарзҳои бонкӣ яке аз омилҳои ҳалли мушкилоти онҳо маҳсуб меёбад.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Бонки миллии Тоҷикистон ва БДА «Амонатбонк» супориш доданд, ки ҷиҳати ба таври назаррас зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт, алалхусус, бахшҳои истеҳсолӣ ва паст кардани фоизи он чораҳои таъхирнопазир андешида шавад. [1]

Тибқи маълумотҳои Бонки миллӣ дар давоми 11 моҳи соли 2019 ба андозаи 8,2 млрд. сомонӣ қарз ба иқтисодиёт пешниҳод шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,5 млрд. сомонӣ ё 23 фоиз зиёд мебошад. Қобили қайд аст, ки 40 фоизи қарзҳои додашуда асосан ба соҳибкории истеҳсолӣ равона карда шудаанд, ки ба саноатикунонии кишвар мусоидат менамоянд. [4]

Тавре аз таҳлилҳои омори бонкӣ бармеояд, дар давраи солҳои 2012-2018 қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ ба соҳаи саноат 3 маротиба афзудаанд ва дар соли 2018 қарзҳои бонкӣ маблағи 2 млрд. 530 млн. сомониро ташкил намудаанд (Ҷадвали 1), ки ин нишондиҳанда барои рушди корхонаҳои истеҳсолии калон кам аст. Ба ин васила, ҷиҳати расидан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ зарур аст, ки инфрасохтори қарзӣ-молиявӣ ривоҷ дода шуда, қарзҳои имтиёзнок пешниҳод карда шаванд.

Таҳлили фаъолияти молиявии корхонаҳои саноатӣ дар давраи солҳои 2012-2018 нишон медиҳад, ки дар соли 2018 теъдоди 904 корхонаи

Ҷадвали 1

**Динамикаи қарзҳои бонкҳо аз рӯи соҳаҳо ва бақияи пасандозҳои (амонатҳои) ҷалбшуда дар давраи солҳои 2012-2018, млн. сомонӣ [2, с.42, 28-30]**

| **Ҳаҷми қарзҳои бонкҳо** | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Номгӯй** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2018/2012, маротиба** |
| **Ҳамагӣ:** | **4486,3** | **6155,3** | **7889** | **9350** | **8230,1** | **6913** | **6701** | **1,5** |
| *Саноат* | *828,7* | *1254,2* | *1502,5* | *2254,6* | *2424,8* | *2613,4* | *2530* | *3* |
| *бо %* | *18,5* | *20,4* | *19* | *24,1* | *29,5* | *37,8* | *37,8* | - |
| **Бақияи пасандозҳои (амонатҳои) ҷалбшуда** | | | | | | | | |
| **Номгӯй** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2018/2012, маротиба** |
| **Ҳамагӣ:** | **4816,9** | **5296,1** | **6446,4** | **8172,4** | **8848,7** | **8720,5** | **9041,1** | **1,9** |
| *Аз шахсони ҳуқуқӣ* | *1951,8* | *1763,6* | *2383,6* | *3060,8* | *3571,8* | *4376,1* | *4933,2* | *2,5* |
| *Аз шахсони воқеӣ* | *2865,1* | *3532,5* | *4062,9* | *5111,6* | *5276,9* | *4344,4* | *4107,9* | *1,4* |

саноатӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2012 ба андозаи 1,6 маротиба зиёд аст.

Пешниҳоди қарзҳои бонкӣ ба рушди соҳаҳои афзалиятноки саноат ва истифодаи мақсадноки онҳо ба боло бурдани ҳосилнокии меҳнат, таъмини рақобатпазирии корхонаҳо, рушди зеҳнӣ, фаъол кунонидани соҳибкории истеҳсолӣ ва ғайраҳо оварда мерасонад.

Аз маълумотҳои диаграммаи 1 дида мешавад, ки дар давраи солҳои 2016-2018 ҳиссаи бақияи пасандозҳои бонкӣ нисбат ба ҳиссаи қарзҳои додашудаи бонкҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт барзиёд аст.

Ончуноне, ки дар боло қайд намудем, яке аз омилҳои сармоякунонии иқтисодиёти кишвар ин

**Диаграммаи 1. Таносуби қарзҳои бонкӣ аз рӯи соҳаҳо ва бақияи пасандозҳо дар давраи солҳои 2012-2018, млн. сомонӣ**



қарзҳои бонкӣ мебошад, аммо захираҳои асосии қарзҳои бонкӣ – пасандозҳои (амонатҳои) ҷалбшуда ба шумор мераванд. Таҳлилҳои омори бонкӣ нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2012-2018 бақияи пасандозҳои ҷалбшуда дар бонкҳо 1,9 маротиба зиёд ё 87,7% афзудааст. Бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳо дар соли 2018 маблағи 4107,9 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 5,8% коҳиш ёфтааст. Ҳамзамон дар ҳамин давра бақияи пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ бошад, 11,3% афзудааст. (Ҷадвали 1) Бақияи пасандозҳо дар низоми бонкӣ дар соли 2019 бошад, зиёда аз 9,5 млрд. сомониро ташкил дод.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 январи соли 2020 зимни таҳлили вазъи соҳа таъкид доштанд, ки дар натиҷаи бад шудани нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои алоҳида, паст гардидани пардохтпазирии ташкилотҳои қарздиҳанда ва афзоиш ёфтани хавфҳои қарзӣ раванди фаъолияти қарздиҳӣ дар кишвар коҳиш ёфтааст.[2] Бинобар ин, таъкиди Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, баланд бардоштани эътимоди мардум ба низоми бонки, беҳтар гардонидани сифат ва ҷорӣ кардани хизматрасониҳои нав[2], саривақтӣ буда, ҳарчи зудтар амалӣ гардидани онҳоро тақозо менамояд.

Ҷадвали 2

**Динамикаи маблағгузории қарзии бонкҳо, дар давраи солҳои 2012-2018, млн. сомонӣ [3, с.463]**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| **Ҳамагӣ:** | **2192,4** | **3052,0** | **3905,8** | **4186,2** | **3810,3** | **3537,5** | **3913,3** |
| *кӯтоҳмуддат* | *1571,8* | *2208,7* | *2349,0* | *2338,5* | *2284,1* | *2091,6* | *2479,9* |
| *бо %* | *71,7* | *72,4* | *60,1* | *55,9* | *59,9* | *59,1* | *63,4* |
| *дарозмуддат* | *620,6* | *843,3* | *1556,8* | *1847,7* | *1526,2* | *1445,9* | *1433,4* |
| *бо %* | *28,3* | *27,6* | *39,9* | *44,1* | *40,1* | *40,9* | *36,6* |

Тибқи маълумотҳои оморӣ маблағгузории қарзии бонкҳо ба корхонаҳои хусусӣ, кишоварзӣ, давлатӣ, шахсони алоҳида ва ғайра дар давраи солҳои 2012-2018 маблағи 24597,5 млн. сомониро ташкил дод. Дар ин давра қарзҳои кӯтоҳмуддат ба маблағи 15323,6 млн. сомонӣ ва дарозмуддат ба маблағи 9273,9 млн. сомонӣ дода шудаанд (Ҷадвали 2). Дар ин замина, барои рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт муҳим аст, ки ҳаҷми қарзҳои дарозмуддат зиёд карда шавад. Аммо дар робита ба ин, бояд қайд намуд, ки ҳаҷм ва мӯҳлати қарзҳои бонкӣ вобаста аз сарчашмаҳои ташаккули онҳо ба танзим дароварда мешаванд.

Тавре аз таҳлилҳои гузаронида бармеояд, баъзе бонкҳои тиҷоратӣ дар фаъолияти худ қарздиҳии корхонаҳои истеҳсолиро ҳамчун самти афзалиятнок нашумурда, фаъолияташонро бештар ба қарздиҳии истеъмолӣ ва чакана равона мекунанд. Бояд гуфт, ки ба ин амалҳо даст задани онҳо сабабҳои худро дорад. Тадқиқотҳои муҳаққиқони соҳа нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосии ба дараҷаи зарурӣ маблағгузорӣ нашудани истеҳсолоти воқеӣ, ин пеш аз ҳама, хавфи

баланди маблағгузорӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт ва характери кӯтоҳмуддат доштани манбаъҳои захираҳои бонкӣ мебошад. Имрӯз сиёсати қарзии бонкҳо барои пешниҳоди қарзҳои кӯтоҳмуддат равона гардидааст. Ин раванд дар мамлакатҳои Ғарб тамоман ба таври дигар ба роҳ монда шудааст. Дар ин кишварҳо ба корхонаҳо қарзҳои дарозмуддат ва имтиёзнок ба муҳлатҳои аз 10 то 20 сол пешниҳод мегардад. Барои мисол, дар Олмон бонкҳои универсалӣ фаъолият менамоянд ва давлат ҷиҳати дастгирии рушди корхонаҳои хурду миёна ҳатман аз болои риояи меъёри фоизӣ назорат мебарад. Омӯзиши ҳадафмандонаю амиқ ва бо мурури замон давра ба давра татбиқи ин таҷрибаи самаровар дар шароити тараққиёти иқтисодиёти миллӣ муҳим аст.

Тавре аз омӯзиши маълумотҳои дигари оморӣ маълум гардид, ҳаҷми қарздории кредитории соҳаи саноат дар давраи солҳои 2012-2018 маблағи 117852,4 млн. сомонӣ ва ҳаҷми қарздории дебитории соҳаи саноат дар ин давра 38546,2 млн. сомониро ташкил медиҳад.[3] Бинобар ин, дастгирии корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулотҳои рақобатпазир ва ба хориҷи кишвар содиротшаванда зарур мебошад.

Тавре маълум аст, комёбию дастовардҳои дилхоҳ аз ҳамкориҳои дутарафаи судманд ба даст меояд. Бинобар ин, дар навбати худ корхонаҳои саноатӣ бояд саъю кӯшиш ба харҷ диҳанд, то ки маҳсулотҳои рақобатпазирро тавлид намоянд, зеро айни замон аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ба онҳо қарзҳои кӯтоҳмуддат пешниҳод мегардад. Ва маълумдор аст, ки барои саривақт пардохтани қарз, маҳсулоти истеҳсолшуда бояд ҳарчи зудтар дар бозори дохилию хориҷӣ ба фурӯш равад. Аз ҷониби дигар, ҷиҳати саривақт пардохт намудани қарз корхонаҳо ба имтиёзҳо ҳангоми гирифтани қарз ниёз доранд, ки ин дар навбати худ яке аз проблемаҳои ташкилотҳои қарзии мамлакат маҳсуб меёбад.

Ҳоло корхонаҳои саноатӣ дар баробари истифодаи воситаҳои дигар кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки аз ҳисоби маблағҳои худ ва саҳомон ё сармояи хориҷӣ фаъолияти хешро ба роҳ монанд. Дар робита ба ин, қайд кардан бамаврид аст, ки ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои саноатикунонии кишвар дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки барои дастгирии соҳибкории хурду миёна, махсусан, дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва содироткунандагони ватанӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ бонк таъсис диҳад.[1] Таъсиси чунин бонки махсусгардонидашудаи соҳавӣ як қадами устувор дар самти рушди соҳаи саноати ватанӣ ва соҳибкории истеҳсолӣ мегардад.

Ва ниҳоят, бо мақсади саҳм гузоштани низоми бонкӣ дар рушди соҳаи саноат ва бахши воқеии иқтисодиёти мамлакат дастгирии давлатӣ ва ҷалби бештари сармоя ба низоми бонкӣ муҳим буда, дар шароити рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, алалхусус соҳаи саноати ватанӣ, мукаммалсозӣ ва мутобиқсозии санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи бонкӣ ва инкишофи имкониятҳои молиявии бонкҳо оид ба пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва дарозмуддат муҳим ва зарур аст.

***Фирузҷон Ғафоров,***
***номзади илмҳои иқтисодӣ,***
***устоди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон***

**Рӯйхати адабиёт :**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 с. // www.president.tj
2. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // http://president.tj/node/22136
3. Бюлетени омори бонкӣ // Нашри расмӣ. – Душанбе, БМТ, 2018. - №12 (281). – С.42, 28-30
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ҶДММ «ТоРус». 2019. – С.463
5. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон // http://nbt.tj/tj/news/492760/

# Муаммоҳои андозбандии амалиётҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ *(дар мисоли муробаҳа ва таварруқ)*




**Нахуст бояд зикр намоем, ки ҶСК "Тавҳидбонк" дар мавзӯи "Низоми иқтисоди исломӣ" ва "Фаъолияти бонкии исломӣ", соли 2019 тариқи сомона ва саҳифаҳои бонк дар шабакаҳои иҷтимоӣ озмуни мақолаи беҳтарин эълон карда буд. Бо иҷрои шартҳои эълоншуда 12 муаллиф мақолаҳои худро оид ба масъалаҳои зикршуда ба комиссияи озмун пешниҳод намуданд. Чанде пеш аъзои комиссия тамоми мақолаҳоро мавриди мутолиа ва муҳокима қарор додаанд. Мутобиқи талаботи озмуни баргузоргардида, дар мақолаҳо бояд мушкилиҳои ҷойдошта дар самти татбиқи низоми бонкии исломӣ дар ҷумҳурӣ дарҷ гардида, роҳҳо ҳалли асосноки**

> Тавре маълум мегардад, истифодаи бонкдории исломӣ аз чунин низомҳои андозбандӣ масъала ва ё мушкилоти гуногунро ба миён меорад ва яке аз роҳҳои ҳалли масъалаҳои андозбандии он метавонад бештар таваҷҷуҳ намудан ба омили "моҳият"-и амалиётҳои бонкдории исломӣ бошад.

**онҳо вобаста ба шароит ва ҳолати воқеӣ дар мамлакат пешниҳод мегардиданд. Тавре дар ҶСК "Тавҳидбонк" ба маҷаллаи "БТҶ" иттилоъ доданд, қисмати зиёди мақолаҳои пешниҳодшуда характери умумии иттилоотӣ дошта, ягон монеа ва мушкилоти соҳаро дар бар намегирифтанд. Дар байни ҳамаи онҳо мақолаи номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи рушди маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ Собир Вазиров таҳти унвони "МУАММОҲОИ АНДОЗБАНДИИ АМАЛИЁТҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ИСЛОМӢ" (ДАР МИСОЛИ МУРОБАҲА ВА ТАВАРРУҚ), ки бо таҳлили ҳамаҷонибаи илмию нишон додани монеаву мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои асосноки ҳалли онҳо фарқ мекард, сазовори шоҳҷоизаи бонк гардонида шуд.**

**Бинобар ин, тасмим гирифта шуд, ки бо мақсади ба доираи васеи хонандагон дастрас намудани мақолаи номбурда, онро дар саҳифаҳои маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" ҷойгир ва пешкаш намоем.**

Низоми андози як кишвар аз кишвари дигар фарқ мекунад. Аммо аксарияти давлатҳо низоми андозбандии корхонаҳо ва шахсони воқеъӣ доранд, ки ба воситаи он фоидаи соҳибкорӣ ва даромад аз сармоягузориро андозбандӣ намуда, ҳамзамон ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андозбандӣ барои баъзе хароҷотҳо тарҳҳо иҷозат дода мешавад.

Бояд гуфт, ки дар умум низомҳои андозбандӣ дар чорчӯбаи амалиётҳои молиявии

анъанавӣ таҳия ва рушд намуда, дар он унсурҳои иқтисодии молияи исломӣ камтар ҷой доранд ва бинобар ин, ҳангоми истифодаи амалиётҳои бонкҳои исломӣ бо чунин низомҳои андоз ҳалли масъалаҳои гуногунро ба миён меорад. Ҳоло дар зиёда аз 60 кишвари олам бонкҳои исломӣ фаъолият доранд, ки дар соли 2016 ҳаҷми умумии дороиҳои бонкҳои исломӣ қариб 2,0 трлн. доллари ИМА–ро ташкил медиҳад. Бонкдории исломӣ дорои хусусиятҳои хоси аз бонкдории анъанавӣ фарққунанда дошта, маҳаки он манъи гирифтани фоизи устувор барои додани қарз (пул) мебошад. Мақсади мақолаи мазкур баррасии масъалаҳои андозӣ вобаста ба анҷоми баъзе аҳдҳои бонки исломӣ ва дарёфти роҳҳои ҳаллӣ онҳо мебошад.

Яке аз омилҳои фарққунандаи як низоми андоз аз низоми дигар дар он аст, ки дар яке нисбатан таваҷҷуҳи бештар ба «шакл», яъне чӣ тавр амалиёт аз нигоҳи қонунгузорӣ арзёбӣ мегардад ва дигар ба «моҳият», яъне ба моҳияти иқтисодии амалиёт таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Вале низоми андозе, ки танҳо ба яке аз ин омилҳо асосёфта бошад вуҷуд надорад ва бисёр кишварҳо дар низоми андози худ аз ҳар ду ин омил истифода мебаранд.

Барои бештар пайдо кардани фаҳмиши ин омилҳо метавон ширкатҳои ба ном "якрӯза" -ро мисол овард: ширкатҳои ба ном "якрӯза" бо риояи талаботи қонунгузорӣ аз қайди давлатӣ гузашта, бо сӯистифода аз муқаррароти қонунгузорӣ барои ширкатҳои алоҳида механизми хароҷотӣ сохта ё ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) тартиб медиҳанд, ки мақсади ҳамаи ин канорагирӣ аз андозбандӣ мебошад. Барои пешгирӣ аз чунин амалиётҳо дар низоми андозбандӣ бештар омили моҳияти иқтисодӣ ба кор бурда мешавад. Аз ҷумла, мувофиқи қисми 3 моддаи 23 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КА ҶТ) барои дуруст муайян намудани ӯҳдадориҳои андоз мақомоти андоз ҳуқуқ дорад, амалиётеро, ки барои андозсупоранда моҳияти назарраси иқтисодӣ надоранд ба эътибор нагиранд.

Тавре маълум мегардад, истифодаи бонкдории исломӣ аз чунин низомҳои андозбандӣ масъала ва ё мушкилоти гуногунро ба миён меорад ва яке аз роҳҳои ҳалли масъалаҳои андозбандии он метавонад бештар таваҷҷуҳ намудан ба омили "моҳият"-и амалиётҳои бонкдории исломӣ бошад. Аммо, новобаста аз ин, ворид намудани тағйирот ба қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, зеро низоми андози кишвари мо асосан дар омили «шакл» сохта шудааст.

Дар низоми андоз ба таври васеъ истифода бурдани омили "моҳият" имконият медиҳад, ки даромадҳои иқтисодӣ андозбандӣ гардида, ба хароҷоти молиявӣ, иқтисодӣ тарҳи андозӣ пешбинӣ карда шаванд ва зарурияти ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ камтар мешавад. Бо мақсади дарки амиқи ин масъала, сохтори амалиётҳои Муробаҳа ва Таварруқи бонкдории исломӣ ва масъалаҳои умумии андозии онҳо баррасӣ карда мешаванд.

Дар нақшаи боло амалиёти соддаи Муробаҳа пешниҳод карда шудааст. Барои мисол, мизоҷ мехоҳад барои истеҳсоли мол таҷҳизоти зарурӣ дошта бошад, вале барои харидорӣ намудани он имконияти молӣ надорад. Ба ҷойи мизоҷ бо дархости вай бонк таҷҳизотро ба маблағи 1000 сомонӣ харидорӣ мекунад ва онро бо маблағи 1100 сомонӣ бо таъхири вақти пардохт ба мӯҳлати як сол ба мизоҷ мефурӯшад. Мизоҷ дарҳол соҳиби таҷҳизот бо арзиши 1000 сомонӣ шуда, ҳамзамон ӯҳдадор мешавад, ки дар муҳлати як сол 1100 сомонӣ ба бонк пардохт кунад. Ин 100 сомонии иловагие, ки мизоҷ пардохт мекунад, аз нигоҳи иқтисодӣ арзиши маблағгузорӣ ё худ фоида (комиссия)

**Муробаҳа**



**Муробаҳаи молӣ ё Таваррук**




аст. Вале аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба маблағи 1000 сомонӣ фурӯши таҷҳизот ба бонк як фурӯш ва минбаъд аз ҷониби бонк ба маблағи 1100 сомонӣ фурӯши ҳамин таҷҳизот ба мизоҷ бо таъхири вақти пардохт ба муҳлати як сол фурӯши ҷудогонаи дигар ба ҳисоб меравад.

Қайд кардан зарур аст, ки амалиёти Муробаҳа яке аз шаклҳои маблағгузории исломӣ ба шумор меравад, ки барои хариди амволи ғайриманқул низ истифода мегардад, ба ибораи дигар, ҷойивазкунандаи ипотекаи бонкҳои анъанавӣ мебошад. Андозбандии ипотекаи бонкҳои анъанавӣ ҳангоми мизоҷ амволи ғайриманқулро аз шахси сеюм (новобаста аз он, ки маблағҳои худ ё бонкро истифода менамояд) як маротиба сурат мегирад.

Ҳамзамон бо ин мақсад агар амалиёти Муробаҳаи бонки исломӣ истифода гардад, аз эҳтимол дур нест, ки андозбандии дукарата ба миён биояд. Зеро дар ҷараёни анҷом додани амалиёти ипотекӣ тавассути Муробаҳа ду хариди ҷудогонаи як моликият анҷом меёбад, якум бонк аз шахси сеюм барои фурӯши амволи ғайриманқул ва дигар вақте, ки мизоҷ ҳамин амволро аз бонк бо нархи баландтар харидорӣ менамояд.

Аз ин лиҳоз, аз нигоҳи андозбандӣ тибқи талаботи КА ҶТ дар амалиёти овардашудаи Муробаҳа, фурӯши таҷҳизот ба бонк даромади фурӯшанда ва минбаъд аз ҷониби бонк ба мизоҷ ба маблағи 1100 сомонӣ фурӯши хамин таҷҳизот бо таъхири вақти пардохт, даромади бонк ба шумор рафта, масъалаҳои андозбандии андоз аз фоида, ААИ ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро ба миён меорад.

Таваррук ҳангоме амалӣ мегардад, ки мизоҷ ба пул эҳтиёҷ дорад ва бонки исломӣ мехоҳад бе эҷоди қарзи суднок вайро бо пул таъмин намояд. Бо ин мақсад бонки исломӣ молеро мехарад, ки хело ба соддагӣ ва бо каме даромаднокӣ фурӯхта мешавад. Мисоли оддӣ, хариди як миқдор мис дар бозори металлҳои қимматнок шуда метавонад. Бонк бефосила бо пардохти 1000 сомонӣ мисро мехарад ва ҳуқуқи соҳибмулкиро ба мизоҷ бо нархи 1100 сомонӣ бо таъхиргузории вақти пардохти маблағ ба муҳлати як сол медиҳад. Мизоҷ ҳуқуқ дорад дарҳол мисро бо арзиши 1000 сомонӣ фурӯшад ва ба ин восита соҳиби 1000 сомонии нақде мешавад, ки бонки исломӣ барои хариди мол харҷ намуда буд ва мизоҷ уҳдадор мешавад, ки дар давоми як сол 1100 сомонӣ ба бонки исломӣ пардохт намояд. Ин 100 сомонии иловагӣ аз нигоҳи иқтисодӣ арзиши маблағгузорӣ мебошад.

Таъкид кардан лозим аст, ки дар амалиёти Таваррук чандин масъалаҳои андозбандӣ ба миён меояд. Нахуст ин, ки дар амалиёти мазкур бо мақсади дастрасии мизоҷ ба пул як мол се маротиба фурӯхта мешавад ва аз нигоҳи андозбандӣ манбаи андоз аз фоида, ААИ ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро ба миён меорад.

Аз ҷумла, тибқи моддаи 106 КА ҶТ объекти андозбандии андоз аз фоида барои резидент даромади умумие мебошад, ки ба маблағи тарҳҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур кам карда мешавад. Тибқи қисми 2 моддаи мазкури КА ҶТ даромади умумӣ аз даромадҳо, подошпулиҳо ва манфиатҳои андозсупоранда дар шакли пулӣ ва моддӣ (ғайримоддӣ), аз ҷумла тамоми воридоте, ки боиси афзоиши дороиҳои софи андозсупоранда мегардад, ба истиснои воридоте, ки аз андоз аз фоида озод аст, иборат мебошад. Яъне, дар навбати аввал тибқи моддаи 157 КА ҶТ, бонки исломӣ аз даромади умумие, ки аз фурӯш (1100 сомонӣ) гирифтааст, бо меъёри 1% пардохти ҷории андоз аз фоида ва аз хароҷоте, ки вобаста ба харид анҷом

додааст бо меъёри 1% андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро (талаботи боби 37 КА ЧТ) ҳисоб ва ба буҷети

> Дар қиёс ба ин, бонки анъанавӣ, ки танҳо ба мизоҷ бар ивази пардохти фоиз, қарз (пул) медиҳад ва ба хариду фурӯш ва то андоза ба натиҷаи фаъолияти вай бастагӣ надорад, нисбат ба бонки исломӣ дар ҳолати афзалиятнок қарор дорад.

дахлдор пардохт мекунад. Илова бар ин, тибқи моддаи 164 КА ЧТ амалиёти Муробаҳа ва Таваррук манбаи андоз аз арзиши иловашуда ҳисобида шуда, бо меъёри 18% мавриди андозбандӣ қарор мегирад.

Ҳамчунин, яке аз масъалаҳои муҳими дигар ин ҳуқуқи тарҳи хароҷоти мизоҷ вобаста ба ҳисоб ва пардохти андоз аз фоида мебошад. Мизоҷ миқдори мисро ба маблағи 1100 сомонӣ бо таъхири вақти пардохт ба муҳлати як сол харидорӣ намуд ва онро ба маблағи 1000 сомонӣ, ки пардохташ билфосила сурат мегирад, фурӯхт. Мутаносибан мизоҷ ба маблағи 100 сомонӣ зарар дид ва акнун савол ба миён меояд, ки мизоҷ ҳуқуқи тарҳи хароҷоти вобаста ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фоидаро дорад?

Агар низоми андози кишвари марбута амалиёти мазкурро аз нигоҳи иқтисодӣ арзёбӣ кунад, пас возеҳ аст, ки мизоҷ зуд имкони истифодаи 1000 сомониро бар ивази пардохти 1100 сомонӣ дар муҳлати як сол пайдо мекунад. Ин 100 сомонии иловагӣ ҳамчун хароҷоти молиявӣ ҳисобида мешавад ва хароҷоти тарҳшаванда мебошад, чӣ гунае, ки барои пардохти фоиз ба бонкҳои анъанавӣ имкони тарҳ бо мақсадҳои андоз аз фоида иҷозат дода шудааст. Ҳамзамон, низоми андози баъзе кишварҳо амалиёти дар боло зикршударо он гуна, ки баён шуд, тасниф намекунанд, аз ҷумла дар кишвари мо.

Аз нигоҳи қонунгузорӣ мизоҷ мисро ба маблағи 1100 сомонӣ харидорӣ намуд ва баъд онро билфосила бо пардохти 1000 сомонӣ фурӯхт. Мутаносибан аз харид ва аз нав фурӯхтани мис мизоҷ зарар мебинад ва тибқи боби 18 КА ЧТ мизоҷ ҳуқуқи тарҳи ин хароҷотро дорад, зеро хароҷоти мазкур ба гирифтани даромади мизоҷ мансуб аст.

Вале, чун фаъолияти соҳибкорӣ дар маҷмуъ мақсади гирифтани фоида аз ҳар як амалиётро дорад, аз ин лиҳоз, бо мақсадҳои андоз аз фоида чунин зарар метавонад тарҳ карда нашавад. Барои мисол, мувофиқи моддаи 23 КА ЧТ агар шакли амалиёт (аҳд) ба мазмунаш мутобиқат накунад, мақомоти андоз ҳуқуқ доранд мувофиқи вазъи воқеӣ онро тағйир диҳанд ё аз нав муайян кунанд, ҳамчунин мувофиқи моддаи 24 КА ЧТ мақомоти андоз нархи бозориро ҳангоме, ки нархи иштирокчиёни аҳд аз нархҳои аҳдҳои вобаста ба молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) шабеҳ (якхела) зиёда аз 15 фоиз фарқ кунад, татбиқ мекунад.

Дар қиёс ба ин, бонки анъанавӣ, ки танҳо ба мизоҷ бар ивази пардохти фоиз, қарз (пул) медиҳад ва ба хариду фурӯш ва то андоза ба натиҷаи фаъолияти вай бастагӣ надорад, нисбат ба бонки исломӣ дар ҳолати афзалиятнок қарор дорад. Илова бар ин, мувофиқи сархати чоруми зербанди б) қисми 6 Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фоида» (фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 07.12.2012, №14-ф тасдиқ шуда, дар Вазорати адлия санаи 17 январи соли 2013, №632 «а» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст) гирифтани маблағи асосии қарз ҳамчун даромади умумӣ эътироф карда намешавад, тибқи қисми 4 моддаи 251 КА ЧТ қарзҳои додашавандаи ташкилотҳои қарзӣ ба манбаи андоз инҳо дохил карда намешаванд ва тибқи банди 2, қисми 2 моддаи 169 КА ЧТ хизматрасониҳои алоҳидаи молиявӣ бар ивази подошпулӣ ААИ озод мебошанд. Яъне, бонки анъанавӣ танҳо аз 100 сомонии даромади фоизии гирифтааш андоз аз фоида пардохт мекунад ва ин бонки исломиро дар қиёс ба бонки анъанавӣ дар ҳолати ғайрирақобатпазирӣ мегузорад.

Бинобар ин, ба андешаи мо, дар чунин вазъ барои ҳалли масъалаҳои андозбандии ташкилотҳои қарзии исломӣ ва баробар кардани шароити фаъолият дар бозори молиявӣ бо бонкҳои анъанавӣ ду роҳи ҳалли

масъалаҳои зикргардида мавҷуд аст:

Якум: Дар доираи қонунгузории амалкунанда дарёфти роҳҳо ҷиҳати фароҳам овардани шароити якхелаи фаъолияти бонкҳои исломӣ бо бонкҳои анъанавӣ.

Дуюм: Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мутобиқ ба муқаррароти моддаи 912-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи шартномаҳои супориш, як тараф (вакил, шахси боваринок) аз ном ва аз ҳисоби тарафи дигар (ваколатдиҳанда) иҷро кардан ё ба ҷо овардани амали муайяни ҳуқуқиро ӯҳдадор мешавад. Вобаста ба муомилае, ки вакил анҷом медиҳад, ҳуқуқ ва вазифаҳоро бевосита ваколатдиҳанда пайдо мекунад. Тибқи муқаррароти моддаи 913-и Кодекси мазкур ваколатдиҳанда, агар дар шартнома пешбинӣ шуда бошад, вазифадор аст ба вакил подошпулӣ пардохт намояд.

Инчунин, мутобиқи муқаррароти моддаи 927-и Кодекси граждани тибқи шартномаи комиссия як тараф (комиссионер) уҳдадор мешавад бо супориши тарафи дигар (комитент) бо подошпулӣ як ё якчанд аҳдро бо номи худ, вале аз ҳисоби комитент анҷом диҳад. Комитент тибқи муқаррароти моддаи 928-и Кодекси мазкур вазифадор аст ба комиссионер подошпулӣ пардохт намояд.

Амалиёти Муробаҳаи ташкилотҳои қарзии исломиро, ки ба муқаррароти зикргардидаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон наздик мебошад, метавон бо истифодаи он дар амалиёти мазкур танҳо аз ҳисоби подошпулие, ки бонки исломӣ вобаста ба таъхир гузоштани пардохти арзиши мол аз мизоҷ медиҳад, андозбандӣ намуд. Илова бар ин, тибқи сархати дуюми зербанди б) қисми 6 Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фоида» фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 07.12.2012, №14-ф тасдиқ шуда, дар Вазорати адлия санаи 17 январи соли 2013, №632 «а» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, объекти андоз аз фоида подошпулии дар асоси шартномаҳои супоришӣ ва ё комиссионӣ ба даст омада, ба ҳисоб меравад.

Тибқи боби 18-и КА ҶТ бо мақсади ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фоида хароҷоти вобаста ба даромади гирифташуда аз манбаи андоз аз фоида тарҳ карда мешаванд, яъне хароҷоте, ки вобаста ба гирифтани подошпулӣ карда шудааст. Мутаносибан мувофиқи моддаи 249 КА ҶТ хароҷоти мазкур ба объекти андоз аз ифтифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дохил мегарданд.

Бо мақсадҳои озод намудани хизматрасониҳои бонки исломӣ шабеҳи бонкҳои анъанавӣ кофӣ аст, ки номгӯйи амалиётҳои бонкҳои исломӣ ба Номгӯи амалиёте, ки ба истилоҳоти “хизматрасониҳои молиявӣ” (аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 апрели соли 2008 № 3-12/192 тасдиқ шудааст) шомил карда шаванд. Ҳамзамон, бо мақсади маҳдуд намудани суистифода аз имтиёзи мазкур зарур аст, ки дар эзоҳ ба номгӯйи хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ муқаррароти зерин илова карда шавад: «Озодкунӣ аз андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба болонархии аз фурӯши мол (таҳвили мол ва хизматрасонӣ) ба харидор, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии исломӣ ба ҳайси миёнарави савдо мувофиқи амалиётҳои дар асоси принсипҳои маблағгузории исломӣ анҷом дода мешаванд, амалӣ мегардад».

### ВОБАСТА БА РОҲИ ДУЮМ.

Роҳи мазкур тағйир додани қонунгузории соҳаи андозро пешбинӣ мекунад, ки дар шароити феълии сиёсати андоз ва бо мақсади рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ ҳатмӣ мебошад. Аз ҷумла:

-дар қисми 2 моддаи 106-и КА ҶТ пас аз калимаҳои “озод аст” калимаҳои “ва арзиши молу мулке, ки аз тарафи ташкилотҳои қарзии исломӣ ба сифати предмети амалиётҳое, ки ташкилотҳои қарзии исломӣ дар доираи хизматрасонии молиявӣ тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ ба имзо расонидааст, истифода мебаранд” илова карда шаванд. Иловаи мазкур бо мақсади фароҳам овардани шароити якхелаи фаъолияти бонки исломӣ бо бонки анъанавӣ мебошад. Зеро, бонкҳои анъанавӣ танҳо аз ҳисоби даромади фоизии қарз пешпардохти андоз аз фоидаро пардохт мекунанд ва

1% даромади умумии онҳо низ аз ин ҳисоб ташкил мегардад. Дар бонки исломӣ бошад, фоизи қарзи бонкӣ комилан манъ буда, бонки исломӣ барои гирифтани даромад аввалан дороии дархостшудаи мизоҷро ба номи худ харидорӣ карда, баъдан онро ба мизоҷ ба амалиётҳои бонки исломӣ мефурӯшад. Дар натиҷа хароҷоти бонки исломӣ бамаротиб нисбат ба бонки анъанавӣ афзуда, рақобатпазирӣ ва фоиданокии он ғайримкон мегардад.

- дар қисми 5 моддаи 107-и КА ҶТ сархати нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: "-маблағҳое, ки ба ташкилоти қарзии исломӣ дар шакли ҷарима вобаста ба амалиётҳои маблағгузории исломӣ пардохт мегарданд, пурра ба мақсадҳои хайриявӣ равона мегарданд ва маблағҳои мазкур, ки барои хайрия харҷ шудаанд ба тарҳи хароҷот вобаста ба гирифтани даромад дохил карда намешаванд". Ба фарқ аз бонкҳои анъанавӣ, ҷаримаҳое, ки бонкҳои исломӣ вобаста ба вайрон кардани ин ё он аҳдҳо аз ҷониби мизоҷон аз онҳо меситонад, даромади бонки исломӣ ба ҳисоб нарафта, онҳо пурра бо мақсадҳои хайриявӣ истифода мегарданд.

- ба банди 1) қисми 1 моддаи 109-и КА ҶТ сархати чорум бо мазмуни зайл илова карда шавад: "-аз 1-уми январи соли 2019 – 13 фоиз, вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ барои ташкилотҳои қарзии исломӣ, ки фаъолияти истеҳсолиро маблағгузорӣ менамоянд". Дар қиёс бо бонкҳои анъанавӣ, (ки танҳо ба ивази амонати мизоҷ фоиз дода, бар ивази қарзи ба мизоҷ додааш фоиз мегирад ва дар муомилоти мазкур таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ (ғайри додани пул) анҷом намеёбад ва хавфҳои амалиёт ба зиммаи қарзгиранда гузошта мешавад), бонки исломӣ қисми хавфҳоро ба души худ гирифта, танҳо дар сурати даромади воқеии гирифтаи мизоҷ даромад мегирад. Бо ин тартиб фаъолияти бонки исломӣ шарикии сармоягузорӣ буда, ҳангоми зарар дидани мизоҷ, бонки исломӣ ва амонатгузорони он низ даромад намегиранд.

- дар моддаи 111-и КА ҶТ қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад: "ҷиҳати баробар кардани фаъолияти бонкҳои исломӣ ба бонкҳои анъанавӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад тарҳҳои иловагии хароҷоти вобаста ба гирифтани даромадро барои ҷонибҳои аҳдҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ муайян намояд". Тағйироти мазкур имкон медиҳад, ки дар сурати ба миён омадани духӯрагиҳо ва нобаробариҳо (нисбат ба бонкҳои исломӣ дар қиёс бо бонкҳои анъанавӣ) вобаста ба тарҳи хароҷот аз даромади умумии ташкилотҳои қарзии исломӣ ва мизоҷони онҳо дар робита ба аҳдҳои байни онҳо, дар фурсати кӯтоҳ духӯрагиҳо ва нобаробариҳо аз байн бурда мешаванд.

Мақолаи мазкур, қадами нахуст барои омӯзиши фарогир оид ба масъалаҳои андозбандии амалиётҳои бонки исломӣ буда, тақозо мекунад, ки баҳри рушди фаъолияти бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу омӯзишҳои иловагӣ гузаронида шуда, баҳри дарёфти роҳҳои мукаммалгардонии қонунгузории андоз пешниҳодҳо манзур карда шаванд.

***Собир Вазиров, номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи Раёсати такмили қонунгузории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ***

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири соли 2012, №901.
2. Номгӯи амалиёте, ки ба истилоҳоти "хизматрасониҳои молиявӣ" (аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 апрели соли 2008 № 3-12/192 тасдиқ шудааст).
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декбри соли 1999, №884.
4. Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фоида» фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 07.12.2012, №14-ф тасдиқ шуда, дар Вазорати адлия санаи 17 январи соли 2013, №632 «а» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.
5. https://en.wikipedia.org/wiki/Islamic_banking_and_finance.
6. https://en.wikipedia.org/wiki/Murabaha.
7. https://islamicmarkets.com/education/tawarruq

# IT'S TIME TO MINIMIZE THE PANDEMIC'S ECONOMIC IMPACT

*The National Bank of Tajikistan's magazine "Bonkdori Tarakiyot Jahonishavi" has interviewed with some heads of international financial institutions in Tajikistan about their activities on the consequences of the financial crisis following the outbreak of coronavirus, technical and financial assistance of partners and donors of Tajikistan for supporting the country's economic and financial institutions, Tajikistan's anti-crisis program and their recommendations for reducing negative impact of external risks on the country's economy, ensuring budget revenues and preventing the consequences of the financial crisis. Here are our interviews with Ms Ayten Rustamova, The European Bank for Reconstruction and Development Head of Office in Tajikistan and Mr Pradeep Srivastava, Country Director, Tajikistan Resident Mission of Asian Development Bank:*



**Ayten Rustamova, The EBRD Head of Office in Tajikistan:**

**-What has the EBRD done, as one of Tajikistan's partners, to support the country's economic and financial institutions? How will you contribute to Tajikistan's anti-crisis program?**

-The coronavirus pandemic is having a profound impact on the countries where the EBRD works, posing enormous challenges across all our regions, including Tajikistan. To respond to these challenges, we have established a comprehensive Solidarity Package, first unveiled on 13 March. The EBRD Board of Directors in late April approved the increase of its Resilience Framework to €4 billion. The resources are available to the Bank's clients in order to support their urgent liquidity, short-term working capital and trade finance needs and allow them continue their business activities despite the outbreak of the coronavirus pandemic.

We are closely coordinating our work with the government of Tajikistan, other international organizations and donors, helping our private sector clients, including local financial institutions and small businesses to survive this period of unprecedented disruption; ensuring continued public investment in vital infrastructure; protecting the process of market-oriented reforms and transition.

On the one hand, we are taking the necessary emergency action – providing our clients with finance and expert advice, helping them shift part of their sales online, consulting on legal and HR issues.

On the other hand, we are planning ahead, employing our investment and policy advice to address Tajikistan's longer-term needs as it emerges from the current crisis. For example, one of our strategic objectives is to facilitate the country's integration into the regional and global economy –through improved transport links, cross-border electricity transmission lines and digital connectivity. Another objective is to help make Tajikistan more competitive and resilient to future challenges– by diversifying the economy and making it less dependent on commodity imports, developing additional sources of renewable energy and investing in energy efficiency.

For example, we are going to use the experience gained

through a highly successful pilot project implemented in the Sughd region for similar projects in the Dushanbe and Khatlon regions aimed at upgrades of electricity distribution networks. These projects, which will be supported with grants by the EU and the Asian Development bank, will help generate significant energy savings, enabling Tajikistan to increase its electricity exports by about € 15 million per year.

Finally, we are very keen on making Tajikistan's economy more inclusive: providing new opportunities for women entrepreneurs, creating better conditions for female employees, reducing youth unemployment and closing gaps in vocational training. We'll also be looking at the creation of new jobs and business opportunities in Tajikistan's rural areas and smaller towns. It is worth noting that more than 70 percent of our project beneficiaries – across all programs – are based outside Dushanbe.

Supported by the Swiss State Secretariat for Economic Affairs, our Women in Business programme engages Tajikistan's banks, business trainers and consultants in offering support to woman-led microenterprises. It includes financial support, knowledge transfer and networking event. Funds worth around US$ 6 million have been already disbursed for these purposes.

**-Please tell us whether your organization's assistance is directed only to the healthcare sector or to other social and industrial spheres? Can the banking and financial sector, small business and trade also benefit from your assistance?**

-The EBRD is not directly involved in financing public healthcare systems but we are facilitating PPP solutions for this sector in the region and supporting them financially. Our primary focus is the development of private sector. We also serve as a catalyst for foreign direct investment (e.g. we supported the expansion s of Coca Cola and Auchan) and support small and medium-sized businesses. The development of public infrastructure, including electricity, heat and water supply, is among our key objectives in the country. Reliable road infrastructure and grid, proper broadband connection are equally important for the well-being of households, the development of trade and business generally. That is why, a significant part of or total investments in Tajikistan, over US$ 800 million since 1993, has been allocated for infrastructure projects.

In line with this philosophy, since 2009, the EBRD has been working with the State Unitary Enterprise Khojagii Manziliyu Kommunali to improve water supply in more than 20 Tajik municipalities. Earlier this year, we have signed our largest (US$ 150 million) investment in Tajikistan to date the rehabilitation of a section of the Vahdat-Kyrgyz Border road. We are very proud to have contributed US$ 110 million to the CASA-1000 project, which will create high-voltage transmission infrastructure connecting Central Asia with Afghanistan and Pakistan. Such initiatives are really about Tajikistan's future as Central Asia's renewable energy, trade and transport hub.

In today's crisis situation we are quite pleased to see positive results of our private sector investments in Tajikistan's **banking sector**, which was badly affected by the developments in 2009 and 2015-2016, and is now better prepared to weather the storm caused by the crisis. Thanks to improvements in the National Bank of Tajikistan's prudential regulations, which we continue to support together with other IFIs, Tajik financial institutions have better governance systems and liquidity buffers. This allows us to work with them and supply much-needed working capital to SMEs as well as support critically important trade transactions. The EBRD will continue supporting the growth of financial institutions in Tajikistan contributing to their growth and promoting sound banking and governance principles.

When it comes to support of small businesses, we have two

important priorities. Firstly, we are very keen on empowering **female entrepreneurs**.

Our second priority is the facilitation of a gradual transition to more **energy-efficient and climate-friendly technologies**. We have worked with Dushanbe mayor's office to make it the second green city in Central Asia. Modern, energy-efficient trolleybuses, the procurement of which we have financed, are now a highly visible component of Dushanbe's public transport system. Our Enhanced Competitiveness of Tajik Agribusiness Programme, supported by the EU, disbursed about US$ 7.5 million in concessionary loans along with US$ 1.2 million in investment grants, allowing Tajik businesses to acquire modern equipment, reducing energy losses and CO2 emissions, and ultimately becoming more productive and competitive. The Bank's Green Economy Financing Facility, which is under implementation since 2019, is focusing on financing green investments in Tajikistan. In the current crisis situation, it is extremely gratifying to see some of the EBRD-supported women-entrepreneurs at the forefront of fighting the COVID-19 pandemic. One of our partners, Ms Shakhlo Vatanova, who is in the business of manufacturing specialized work clothes, responded to COVID-19 by quickly organizing the production of reusable face masks for medical clinics, stores and public transport. Local company Insoft, led by Zarrina Mulloeva and employing more than 20 staff, switched from the manufacturing of matrasses to the production of protective suits and masks. Such flexibility is a sign of maturity on the part of Tajikistan's SME community, boding well for the country's future.

**-In addition, what recommendations do you have for reducing the negative impact of external risks on the country's economy, ensuring the revenue side of the country's budget and preventing the consequences of the financial crisis?**

-COVID-19 is challenging all health systems irrespective of their maturity. Even the strongest and most resilient health systems are stretched beyond their limits and no country is spared. In Tajikistan like in all other parts of the world we witness a wave of solidarity sweeping across the country, as businesses and individuals are switching to the production of medications, masks, overalls and other protective equipment, or by purchasing and donating these items.

A nation-wide action plan coordinated with the World Health Organization and IFIs is a good starting point. It will allow to stake stock of what the most pressing priorities are and what resources will be required to address them.

**Pradeep Srivastava, Country Director, Tajikistan Resident Mission of Asian Development**

**Bank:**

**-According to the official information many international financial organizations have already provided assistance to their member countries in connection to economic crisis following the outbreak of coronavirus. What has done your organization, as one of Tajikistan's partners and donors for supporting the country's economic and financial institutions till now and what is its program for the future? Will your organization contribute to the implementation of Tajikistan's anti-crisis program? What is your organization doing for providing technical and financial support to prevent the consequences of spreading coronavirus disease in Tajikistan?**

-ADB is fully committed to supporting Tajikistan in its fight against COVID-19. In response to the request from the Tajikistan leadership, ADB is currently preparing a special budget support program to assist the government's COVID-19 countercyclical responses and financing needs and mitigate the adverse health, social and economic impact of the

crisis, while targeting fiscal sustainability in the medium term. Details of this budget support program are currently being developed in close coordination and consultations with the government and other development partners.

**-Please tell us, whether your organization's assistance is directed only to the health sector or at the same time to other social and industrial spheres? Can the banking and financial sector, small business and trade also benefit from this assistance?**

- In March, ADB reallocated $100,000 grant from the ongoing Maternal and Child Healthcare Project to finance medical supplies and equipment for the country. Tajikistan will also get $928,200 grant from ADB to further procure urgently needed personal protective supplies. We coordinate this support through the Ministry of Healthcare and Social Protection, being the designated focal point agency for the pandemic.

**- In addition, what recommendations do you have for reducing the negative impact of external risks on the country's economy, ensuring the revenue side of the country's budget and preventing the consequences of the financial crisis?**

-In response to the 3rd question on possible recommendations, we would like to draw your attention to a recently published blog co-authored by the ADB Director General for Central and West Asia Mr. Werner Liepach and ADB's Economist Ms. Lilia Aleksanyan. The blog provides some observations on the economic impact of the COVID-19 crisis in Central and West Asia and recommends several policy actions to keep the region's economies afloat and to contain the pandemic: "Bold action is required by policymakers and central bankers to keep the region's economies afloat and contain the pandemic.

The COVID-19 outbreak will push the world economy into severe recession in 2020. Since early March, the pandemic has rapidly spread across Central and West Asia, which includes the countries of Afghanistan, Armenia, Azerbaijan, Georgia, Kazakhstan, the Kyrgyz Republic, Pakistan, Tajikistan, Turkmenistan and Uzbekistan.

The region now needs to cope with disruptions in global and regional linkages affecting supply chains, tourism, remittances and financial flows. At the same time, domestic outputs are expected to decline due to containment measures. On top of this, oil exporters have to deal with the sharp decline in oil prices. For many economies of the region, the downturn is now expected to be worse than during the 2008–2009 global financial crisis and the 2014–2015 fall of oil prices.

This blog post puts early observations on the economic impact of the COVID-19 crisis in perspective with the experience of Central and West Asia during the global financial crisis and the 2014–2015 oil price fall. Based on these experiences, we argue that limited monetary and fiscal buffers will slow down recoveries, compared to previous crises.

**1. As with past crises, growth in Central and West Asia may not recover pre-crisis rates.** In 2008–2009 and again in 2014–2015, Central and West Asia was affected by harsh external shocks. While economies quickly recovered from the initial shocks, average growth in 2010–2013 and 2016-2019 remained below pre-crisis rates. ADB forecasts gross domestic product (GDP) growth in Central and West Asia to slow down considerably in 2020, followed by a weak recovery in 2021. More recent projections of other international financial institutions take an even bleaker view of the expected economic downturn (Figure 1). This global pandemic could leave permanent scars, resulting in fundamental and long-run changes to the global economy. Setbacks from the relatively open pre-crisis trade and investment system could be harmful for growth in Central and West Asia.

**2. As in past crises, monetary policy faces the challenge of**

**providing liquidity to support demand while stabilizing the economy.** During the global financial crisis, economic downturns combined with low inflation allowed most central banks in Central and West Asia to cut policy rates and provide liquidity to the banking sector. In contrast, during the oil price fall of 2014-2015, most central banks tightened monetary policies to curb inflation arising from local currency depreciations, which particularly affected oil exporters and countries dependent on remittances from oil-exporting countries. The COVID-19 crisis creates inflationary pressures from supply chain disruptions, although low demand is expected to somewhat counter these pressures. In March 2020—when the COVID-19 outbreak began in Central and West Asia—inflation slightly accelerated in Kazakhstan, the Kyrgyz Republic and Tajikistan, while it remained stable in Armenia, Georgia and Uzbekistan, and slowed down in Pakistan. In some countries, monetary authorities cut rates to support economic activity (e.g. Armenia, Pakistan), however, in others, sharper currency depreciations put upward pressure on inflation and limited the scope for accommodative monetary policies (e.g. Kazakhstan, the Kyrgyz Republic, Tajikistan).

**3. Fiscal policy is more constrained as public debt has increased, notably to cope with past crises.** During the previous two crises, governments largely used countercyclical fiscal policies to contain the slowdowns, resulting in increased fiscal deficits and public debt. This, in turn, reduced fiscal buffers and required fiscal consolidation in the recovery years. Similarly, lower tax revenues, support packages and public health expenditure in 2020 are expected to weigh heavily on government budgets, ultimately adding to the existing debt.

The size and scope of the economic downturn due to COVID-19 will be unprecedented. In this context of extreme uncertainty, this blog post compares the early signs of the current crisis with what happened in the previous two crises.

Now is the time for governments and central banks to do "whatever it takes" – to quote the former president of the European Central Bank while fighting to preserve the Euro. So far, most of the policy actions have mirrored past responses. But this time, margins for action are thinner. Yet bold actions are required to keep economies afloat and to contain the pandemic. Central banks should provide greater liquidity to support access to credit. A timely fiscal stimulus is critical to ensure that doctors are paid and personal protective equipment is provided, but also to support businesses, preserve jobs and expand social protection.

It is encouraging that most countries of the region already announced fiscal packages ranging from 0.1% of GDP (Kyrgyz Republic) to 9% of GDP (Kazakhstan). But where will the money come from? Governments will need to reprioritize public spending, eat into existing fiscal buffers, seek grants or debt financing, and find new ways of engaging the private sector in the relief and recovery effort. The recovery may also provide an opportunity to rebalance the role of the state and the private sector in the region. The private sector needs to be unshackled and allowed to grow and fully contribute to revitalizing economies and creating jobs.

After the storm has passed, governments will of course need to restore fiscal space and reduce debt vulnerabilities. They will also need to renew their commitment to reforms, to enable a strong and sustained private sector-led recovery. The COVID-19 crisis has demonstrated the critical importance of efficiency in public management and inclusiveness of social safety nets to ensure resilience against disasters. The roof will need to be repaired and strengthened, so when the next storm hits, the house is ready and resilient to headwinds".

***Prepared by Aslam Muminov, "BDG".***




# КВД «Тоҷиксуғурта» хавфҳои иҷтимоии коронавирусро кам мекунад!

**Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» бо ҳадафи паст кардани хавфҳои иҷтимоии бемории сироятии коронавирус ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрӣ аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ тағйироту иловаҳои заруриро ворид намуда, дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон ба мизоҷон хизматрасонии наверо барои ихтиёран суғурта кардани шаҳрвандон пешниҳод кард.**

Корхона дар робита ба Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2020, №АП-1365 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва кам кардани таъсири хавфҳои эҳтимолии короновирус ба иқтисодиёти миллӣ, ки бо имзои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2020, № 17234 (22.2) тасдиқ гардидааст, ситоди дохилиидоравӣ таъсис дода, Нақшаи чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирӣ, интиқол ва кам кардани таъсири хавфҳои пайдоиши ин бемории сироятиро таҳия ва мавриди амал қарор дод.

Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» бо ин ҳадаф дар Нақшаи чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирӣ, интиқол ва кам кардани таъсири хавфҳои пайдоиши бемории сироятии коронавирус ба бандҳои дахлдори Қоидаи суғуртаи ихтиёрӣ аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ

> Тибқи ҳисоботҳои фаврӣ дар семоҳаи якуми соли 2020 Корхона бо шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар маҷмуъ 167318 адад шартномаҳои суғуртавӣ ба маблағи умумии беш аз 7955,7 ҳазор сомонӣ ба имзо расонид, ки нақшаи пешбинигардидаи даромад 100,1 фоиз таъмин карда шуд.



тағйироту иловаҳои дахлдор дар самти ҳолати суғуртавӣ шуморидани сироятёбӣ аз бемории коронавирус ворид намуда, онро бо Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқа намуд. Ин намуди хизматрасонӣ хавфҳои иҷтимоии пайдоиши сирояти нави коронавирусро коҳиш медиҳад ва ба шаҳрвандон имкон фароҳам меорад, ки саломатии худро суғурта намуда, дар ҳолати мубтало шудан ба ин беморӣ аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» кумак дарёфт кунанд.

КВД «Тоҷиксуғурта» минбаъд низ ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи суғурта бо дарки масъулияти баланд муносибат намуда, азм дорад, ки ҷиҳати иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда, беҳтар намудани вазъи молиявӣ ва даромаднокии Корхона, бештар намудани шумораи шартномаҳои суғуртавӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, дар иҷрои нақша ва чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок намояд.

Феълан, корхонаи мазкур барои семоҳаи дуюми соли 2020 нақшаи воридоти ҳаққи суғуртавиро аз рӯи ҳамаи намудҳои суғурта дар ҳаҷми 8344 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз рӯи шаклҳои суғуртаи ҳатмӣ 2392 ҳазор сомонӣ ва аз рӯи шаклҳои суғуртаи ихтиёрӣ 5952 ҳазор сомонӣ муқаррар намудааст.

Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» дорои 63 филиал ва 6 намояндагӣ дар вилоятҳо, минтақа ва шаҳру ноҳияҳои кишвар буда, хизматрасониро аз рӯи 22 намуди суғурта, 13 намуди суғуртаи ҳатмӣ ва 9 намуди суғуртаи ихтиёрӣ ба роҳ мондааст. Айни замон шумораи умумии кормандони ин корхона 715 нафар буда, 243 нафар ё 34%-ро занҳо ташкил медиҳанд. Аз шумораи умуми кормандон 383 нафар кормандони воҳидӣ ва 240 нафар маъмурони (агентҳои) суғурта мебошанд.

Бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кадрҳо, баланд бардоштани сифат ва самаранокии фаъолияти корманд, гирифтани иттилооти объективӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ ва сатҳи дониши касбии кормандон, Корхона аттестатсияи кормандони филиалҳои худро дар шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гузаронид.

Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии

Корхона дар семоҳаи якуми соли 2020 ба шахсони ҳуқуқию воқеие, ки ба молу амвол ва ё ҳаёту саломиташон зарар расидааст дар ҳаҷми 1197,6 ҳазор сомонӣ маблағи суғуртавӣ пардохт намуд, ки аз ин 175,6 ҳазор сомонӣ ба шаклҳои ҳатмии суғурта ва 1022,0 ҳазор сомонӣ . . .

Тоҷикистон, амру дастурҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон ва нишондодҳои Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар пешбурди фаъолияти худ ба роҳбарӣ гирифта, дар семоҳаи якуми соли 2020 ҷиҳати иҷрои нақшаҳои корӣ оид ба афзун намудани шумораи мизоҷон, даромаднокӣ, баланд намудани сифати хизматрасонии суғуртавӣ ва беҳтар кардани вазъи молиявӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Тибқи ҳисоботҳои фаврӣ дар семоҳаи якуми соли 2020 Корхона бо шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар маҷмуъ 167318 адад шартномаҳои суғуртавӣ ба маблағи умумии беш аз 7955,7 ҳазор сомонӣ ба имзо расонид, ки нақшаи пешбинигардидаи даромад 100,1 фоиз таъмин карда шуд.Аз шартномаҳои суғуртавии басташуда 17718 адад ба маблағи 2157,2 ҳазор сомонӣ ба шакли ҳатмии суғурта ва 149600 адад ба маблағи 5838,5 ҳазор сомонӣ ба шакли ихтиёрии суғурта тааллуқ дошта, аз маблағҳои умумии ҳаққи суғуртавии воридгардида 73 фоиз ба намудҳои ихтиёрии суғурта ва 27 фоиз ба намудҳои ҳатмии суғурта мансуб мебошад. Аз маблағҳои умумии воридгардида 206,8 ҳазор сомонӣ ба суғуртаи ҳатмии давлатии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон рост меояд.

Корхона дар семоҳаи якуми соли 2020 ба шахсони ҳуқуқию воқеие, ки ба молу амвол ва ё ҳаёту саломиташон зарар расидааст дар ҳаҷми 1197,6 ҳазор сомонӣ маблағи суғуртавӣ пардохт намуд, ки аз ин 175,6 ҳазор сомонӣ ба шаклҳои ҳатмии суғурта ва 1022,0 ҳазор сомонӣ ба шаклҳои ихтиёрии суғурта рост меояд ва мутаносибан 8,1 ва 17,5 фоизи воридоти маблағи ҳаққи суғуртавии ин шаклҳои суғуртаро ташкил медиҳад. Аз маблағҳои умумии пардохтгардида 760,0 ҳазор сомонӣ, ё 63,5 фоиз ба суғуртаи ихтиёрии ҳаёт рост меояд.

Ҳамчунин дар ин давра Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» ба буҷети ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 1626,4 ҳазор сомонӣ пардохт намуд, ки аз ин 167,4 ҳазор сомониро 70 фоизи ҳиссаҷудокуниҳо аз суғуртаи ҳатмии хизматчиёни давлатӣ, 192,3 ҳазор сомониро 70 фоизи ҳиссаҷудокуниҳо аз суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 514,7 ҳазор сомониро андозҳо ва 752,0 ҳазор сомониро пардохтҳои фонди ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳанд.

Дар асоси супориши Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз гумрук сармоягузорӣ ва бонкҳо ва ҳамзамон бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кадрҳо, баланд бардоштани сифат ва самаранокии фаъолияти корманд, гирифтани иттилооти объективӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ ва сатҳи дониши касбии кормандон, Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» аттестатсияи кормандони филиалҳои худро дар шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гузаронид.

Умед аст, ки ворид гардидани тағйироту иловаҳо ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрӣ аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ ва ҳодисаи суғуртавӣ шуморидани бемориҳои сироятӣ, аз он ҷумла Коронавирус (COVID-19) фаъолияти Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» дар самти ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон боз ҳам тавсиа меёбад ва ба коҳиши ёфтани таъсири хавфҳои мубтало шудани шаҳрвандон ба бемории сироятии коронавирус мусоидат хоҳад кард.

***Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта».***

# НАЗАРСАНҶӢ ВОҚЕИЯТИ ВАЗЪРО МУАЙЯН ВА НИШОН МЕДИҲАД

**аз рӯи натиҷаи назарсанҷӣ доир ба “Муайянсозии ҳолат ва сатҳи фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз 27 то 31 –уми январи соли 2020)**



Назарсанҷии аҳолӣ бо мақсади муайянсозии ҳолат ва сатҳи фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 то 31 январи соли 2020 гузаронида шуд.

Барои гузаронидани назарсанҷии мазкур, мутахассисони шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кулоб, Хоруғ, Бохтар ва шаҳраки Ғарм, ҳамчунин мутахассисони Департаменти сиёсати монетарӣ, тадкиқот ва рушд, Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадкиқотӣ ва Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии БМТ сафарбар карда шуданд. Шумораи респондентон (муштариён), ки дар назарсанҷии мазкур иштирок намуданд, дар маҷмӯъ - 1627 нафар, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе – 189 нафар, вилояти Суғд – 200 нафар, вилояти Хатлон – 196 нафар, вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон – 204 нафар ва ноҳияҳои минтақаи Рашт – 838 нафарро ташкил медиҳад.

Дар асоси ҷавобҳои ҷамъбасти назарсанҷӣ таҳлил аз рӯи ду самт: истифодабарӣ ё истифода набурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ арзёбӣ карда шуда, натиҷаи он ба таври зерин пешниҳод мегардад:

## ИСТИФОДАБАРИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ РАСМИИ МОЛИЯВӢ АЗ ҶОНИБИ РЕСПОНДЕНТОН

Тибқи маълумоти диаграммаи 1 муайян карда шуд, ки аз ҷамъи умумии ҷавобҳои додашуда ҳиссаи 77,9 фоизи респондентҳо аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифода менамоянд. Зимнан ҳиссаи 22,1 фоизи респондентон аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифода намебаранд. Таносуби ҳиссаи истифодабарандагон ва ҳиссаи истифоданабарандагони хизматрасониҳои расмии молиявӣ 3,5 маротиба зиёд аст. Натиҷаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар сатҳи баланд қарор дорад.

Тавре аз маълумоти диаграммаи 2 бармеояд, сохтори респондентони дар назарсанҷӣ иштироккнамуда, аз рӯи аломати гуруҳҳои синну солӣ ба таври зайл тавсиф карда шудаст: 15 то 24 сола – 13,9%, 25 – 34 сола – 31,3%, 35 то 44 сола – 26,8%, 45 – то 54 сола –15,3%, 55 то 64 сола – 10,6% ва 65 сола ва калон -2,2%.

**Диаграммаи 1. Тақсими респондентҳо доир ба истифодабарӣ ва истифода набурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ**



**Диаграммаи 2. Тақсими респондентҳо аз рӯи гурӯҳҳои синну сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Синну соли миёнаи респондентон, ки аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифода мебаранд 38 солро ташкил медиҳад.

Зимни маълумотҳо доир ба респондентҳо аз рӯи аломати гурӯҳҳои синнусолӣ имконият пайдо шуд, ки гуногунсохтории талаботҳои мизоҷон ҷиҳати истифодабарии намуди хизматрасониҳои расмии молиявӣ арзёбӣ карда шавад.

Дар истифодаи намуди хизматрасониҳои расмии молиявӣ фаъолии респондентҳо аз рӯи аломати ҷинсӣ номутаносиб буда, тибқи маълумотҳои ҷамъбастии назарсанҷӣ муайян карда шуд, ки аз ҷамъи умумии респондентон ҳиссаи мардон– 63,0% ва занон – 37,0% -ро ташкил медиҳад (ниг.ба диаграммаи 3).

**Диаграммаи 3. Тақсими респондентҳо аз рӯи ҷинс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Дар раванди истифода (ё дар оянда истифодабарии) хизматрасониҳои расмии молиявӣ, ҷамъоварии маълумот аз як ҷониб оид ба мавқеи ҷойгиршавии ташкилотҳои қарзӣ ва ғайрибонкӣ ва аз дигар тараф макони зисти респондентҳо муайян карда шуд. Зеро сатҳи хизматрасониҳои расмии молиявӣ ба мизоҷон аз рӯи маҳалли зист аз якдигар тавофут дорад.

Биноан ҳиссаи респондентҳо, ки дар назарсанҷии мазкур иштирок доштанд, аз рӯи сохтори маҳалли зист дар асоси маълумотҳои диаграммаи 4 чунин тавсиф карда мешаванд: шаҳр (23,0%), шаҳрак (15,0%) ва деҳа (62,0%).

Дар натиҷаи ҷамъбасти маълумотҳои назарсанҷӣ муқаррар карда шуд, ки 77,9 фоизи респондентҳо намудҳои гуногуни хизматрасониҳои расмии молиявиро дар фаъолияти хеш истифода бурдаанд. Дар асоси маълумотҳои диаграммаи 5 сохтори истифодабарии намудҳои хизматрасониҳои расмии молиявӣ ба тариқи зерин арзёбӣ карда шудааст: интиқоли маблағҳо – 39,4%, гирифтани қарз – 31,1%, пардохтҳо – 11,7%, пасандозгузорӣ – 9,8%, ломбардҳо – 1,2%, лизинг – 0,7%, суғурта – 0,4%, сармоягузорӣ – 0,9%, ва дигар –4,9%.

Аз рӯи сохтори намудҳои истифодаи хизматрасониҳои расмии молиявӣ натиҷагирӣ карда шуд, ки аз ҷониби респондентҳо аз ҳама бештар хизматрасониҳои қарзӣ 31,1 фоиз ва интиқоли маблағҳо 39,4 фоизро истифода менамоянд. Албатта, истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби аҳолӣ мақсад ва мушкилиҳои худро дорад, ки нисбати онҳо дар поён сухан меравад.

**Диаграммаи 4. Тақсими респондентҳо аз рӯи маҳалли зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Муҳимтарин масъалае, ки дар назарсанҷии мазкур муайян карда шуд, ин арзёбии аҳолӣ ҷиҳати тағйирёбии дастрасии аҳолӣ ба бонкҳо, филиалҳои онҳо, POS – терминалҳо ва ғ. мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки нишондиҳандаи дастрасии (фарогирӣ ба таври физикӣ) амиқи хизматрасониҳои молиявиро инъикос карда, воридшавӣ ё дастрасӣ ба бонкҳо, филиалҳои онҳо, POS – терминалҳо ва монеаҳоро, ки аз талаботи муштариён ҳангоми дастрасии онҳо ба муассисаҳои молиявӣ, ба монанди арзиш ва маълумот оид ба маҳсулотҳои молиявӣ бармеоянд, ифода менамояд.

Ҳиссаи 8,0%-и респон-дентҳо

**Диаграммаи 5. Тақсими респондентҳо аз рӯи истифодаи намудҳои расмии хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




ҷавоб доданд, ки дастрасӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта вазнинтар гардидааст, 11,0% - андаке вазнин гардидааст, 16,0% - тағйир наёфтааст, 30,0% - андаке сабук гардидааст ва 35,0%

**Диаграммаи 6. Тақсими респондентҳо доир ба арзёбии тағйирёбии дастрасӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ҶТ**




- сабуктар гардидааст.

Масъалаи дигари муҳим, ки мебояд нисбати он тазаккур дод, ин муайян намудани ҳолати истифода бурда тавонистани хизматрасониҳои расмии молиявӣ, яъне мунтазамӣ ва саривақт истифода шудани маҳсулотҳо ё хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби муштариён мебошад.

Ҳиссаи 8,0% -и респондентҳо ҷавоб доданд, ки истифодаи хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта вазнинтар гардидааст, 11,0% - андаке вазнин гардидааст, 20,0% - тағйир наёфтааст, 23,0% - андаке сабук гардидааст ва 38,0% - сабуктар гардидааст.

Арзёбии сифати хизматрасониҳои расмии молиявӣ, яъне маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ ба ниёз ё эҳтиёҷоти муштарӣ мувофиқат мекунад, номгӯи намудҳое, ки барои муштарӣ дастрас аст (доираи имконот), инчунин, сатҳи огоҳӣ ва фаҳмиши муштарӣ оид ба маҳсулотҳои молиявӣ, масъалаи ниҳоии хизматрасониҳои расмии молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Қобили қайд аст, мубрамтарин масъалаи таҳлил дар айни замон ин арзёбӣ намудани тағйирёбии ҳолати сабукгардӣ ё вазнингардии шартҳои дастрасии ҳамаи гуруҳҳои аҳолӣ ба намудҳои мухталифи хизматрасониҳои расмии молиявӣ мебошад.

**Диаграммаи 7. Тақсими респондентҳо доир ба арзёбии тағйирёбии истифодабарии хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ҶТ**




Дар ин ҷода бояд ёдовар шуд, ки дар таҷрибаи бонкҳои марказии ҷаҳон, аз қабили ИМА, Канада, Британияи Кабир, Япония, Россия, Белорусия ва ғайра барои муайян намудани ҳолати сабукгардӣ ё вазнингардии шартҳои дастрасии ҳамаи гуруҳҳои аҳолӣ ба намудҳои мухталифи хизматрасониҳои расмии молиявӣ усулҳои

**Диаграммаи 8. Тақсими респондентҳо доир ба арзёбии тағйирёбии сифати хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ҶТ**




муосири таҳлил, бахусус индекси "диффузӣ" ("diffusion index") ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Дар пайравии бонкҳои марказии ҷаҳон, Пажуҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии БМТ низ барои арзёбӣ намудани ҳолати сабукгардӣ ё вазнингардии шартҳои дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ индекси "диффузӣ" ("diffusion index") –ро мавриди истифода қарор додааст. Бояд иброз дошт, ки индекси "диффузӣ" ("diffusion index") дар асоси маълумотҳои ҷамъбастии ҷавобҳои респондентҳо ҳисоб карда мешавад.

Индекси "диффузӣ" ("diffusion index") барои ҳамаи нишондиҳандаҳои фарогирии молиявӣ (дастрасии физикӣ, истифода, сифатнокӣ) дар шакли зерин ҳисоб карда шудааст:

$$DI = \frac{271+0,5 \times 360-0,5 \times 910-1295}{271+360+612+910+1295} \times 100\% = -37,7\% .$$

Натиҷаи индекси "диффузӣ" ("diffusion index") ба -0,377 (DI = -0,377) баробар аст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар маҷмӯъ дастрасӣ ба раванди хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи **37,7% сабук гардидааст.** Барои собит намудани натиҷаи мазкур, лозим дониста мешавад, ки нишондиҳандаи сабукгардӣ ё вазнингардии шартҳои дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ тибқи маълумотҳои ҳисоботи расмии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва ғайрибонкӣ таҳлил карда шавад.

Қайд намудан зарур аст, ки масъалаи дигари муҳими таҳлил ин муайян намудани мақсадҳои истифода бурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳиссаи 67,2 фоизи респондентон аз ҷамъи умумии мизоҷони дар назарсанҷӣ иштирокдошта, мақсадҳои истифода бурдани намудҳои хизматрасониҳои расмии молиявиро номбар намуданд. Зимнан мақсадҳои истифода бурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ аз ҷониби респондентон гуногун мебошанд. Бинобар он зарурият ба миён омад, ки таснифоти мақсадҳои истифодабарии хизматрасониҳои расмии молиявӣ асосан ба самтҳои калони зерин алоқаманд мебошад:

- **гирифтани даромад ва манфиат.** Ҳиссаи **23,7 фоизи** респондентон мақсади истифода бурдани намудҳои хизматрасониҳои расмии молиявиро бо гирифтани **даромадҳои мухталиф** алоқаманд менамоянд.
- **хароҷоти пулӣ ва пасандозҳои аҳолӣ.** Ҳиссаи **69,1 фоизи** респондентҳо **изҳори нигаронӣ намуданд,** ки хизматрасониҳои расмии молиявиро бо мақсади хариди молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ, гузаронидани тую маъракаҳо, пардохти қарз, ҳаққи шартномаи таҳсил, андоз ва маблағҳои коммуналӣ, таъмир ва сохтмони манзили истиқоматӣ ва ғайраи истеъмолӣ, инчунин пасандозҳо истифода мебаранд.
- **рушди соҳибкорӣ, тиҷорат ва бизнес.** Ҳиссаи **7,2 фоизи**

**Ҷадвали 1. Ҳисоби индекси "диффузӣ"** (diffusion index) **барои муайян намудани тағйирёбии шартҳои дастрасии аҳолӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳои фарогирии молиявӣ | Вазнинтар гардидааст +($Nt_2$),адад | Андаке вазнин гардидааст +($Nt_1$), адад | Тағйир наёфтааст ($Nt_0$), адад | Андаке сабук гардидааст -($Ns_1$), адад | Сабуктар гардида-аст -($Ns_2$), адад | Индекси "диффузӣ" (DI) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дастрасӣ | 97 | 123 | 189 | -349 | -401 | -0,332 |
| Истифода | 89 | 131 | 233 | -271 | -431 | -0,392 |
| Сифатнокӣ | 85 | 106 | 190 | -290 | -463 | -0,402 |
| Ҳамагӣ | 271 | 360 | 612 | -910 | -1295 | -0,377 |

**респондентҳо изҳори қаноатмандӣ намуданд,** ки мақсади асосии истифода бурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ ҷиҳати рушди соҳибкорӣ, тиҷорат ва бизнес мебошад.

## ИСТИФОДА НАБУРДАНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ РАСМӢ АЗ ҶОНИБИ РЕСПОНДЕНТОН

Бояд иброз дошт, дар давраи таҳлилӣ тибқи маълумотҳои назарсанҷӣ муайян карда шуд, ки ҳиссаи муайяни респондентҳо аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифода намебаранд. Бахусус тибқи маълумотҳои диаграммаи 1 муайян карда шуд, ки ҳиссаи 22,1 фоизи респондентон аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифода намебаранд. Ҳолати мазкурро ба назар гирифта, Пажуҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотӣ дар назди худ вазифа гузошт, ки ба таври мушаххас аз ҷониби респондентон ба таври ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрӣ истифода набурдани хизматрасониҳои расмиро мавриди таҳлил қарор диҳад. Зеро, ки дар таҳқиқотҳои то инҷониб гузаронидаи Пажӯҳишгоҳ ва дигар воҳидҳои сохтории БМТ ба таври ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрӣ истифода набурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ аз ҷониби респондентон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода нашудааст.

Қобили қайд аст, теъдоди респондентҳо, ки аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифода намебаранд, синну соли гуногун доранд (ниг. ба диаграммаи 9).

Гуруҳбандии синнусолии респондентон, ки дар назарсанҷӣ иштирок намуда, аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифода намебаранд, ба таври зерин тавсиф карда мешавад: 15 то 24 сола – 12,1%, 25 – 34 сола – 34,0%, 35 то 44 сола – 29,4%, 45 – то 54 сола – 14,1%, 55 то 64 сола – 9,5% ва 65 сола ва калон -0,9%. Синну соли миёнаи респондентон, ки аз **хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифода намебаранд 25 солро** ташкил медиҳад.

**Диаграммаи 9. Тақсими респондентҳо аз рӯи гуруҳҳои синну сол, ки хизматрасониҳои расмии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намебаранд**




Дар мавриди истифодаи набурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ низ фаъолии респондентҳо аз рӯи аломати ҷинсӣ нобаробар мебошад, ки тибқи маълумотҳои диаграммаи 10 аз ҷамъи умумии респондентон, ҳиссаи мардон – 61,2% ва занон – 38,8% ташкил медиҳад. Макони зисти респондентҳо, ки хизматрасониҳои расмии молиявиро истифода намебаранд, дар шаҳр (48,9%), шаҳрак (12,5%) ва деҳа (38,7%) ташкил медиҳад.

Тавре натиҷаи назарсанҷӣ нишон медиҳад, ҳиссаи респондентоне, ки аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифода намебаранд 22,1% дар ҳолатҳои ба вуҷуд омадани талаботи фаврӣ ба пул тибқи ҷавобҳои додашуда онҳо, эҳтиёҷоти худро аз сарчашмаҳои зерин қонеъ мегардонанд: аз ҳисоби хешу табор - 42,8%, рафиқон – 10,7%, ҳамсояҳо – 3,1%, чизеро мефурушам – 18,3% ва аз дигар сарчашмаҳо мегирам – 14,6%. Ҳиссаи 10,4 фоизи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо аз он далолат медиҳанд, ки дар сурати ба вуҷуд омадани эҳтиёҷоти фаврӣ ба пул намедонанд, аз кадом сарчашмаҳо эҳтиёҷоти худро қонеъ гардонанд (диаграммаи 12).

**Диаграммаи 10. Тақсими респондентҳо аз рӯи ҷинс, ки хизматрасониҳои расмии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода наменамоянд**




Дар асоси гуфтаҳои боло чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки дар ҳоле респондентон эҳтиёҷи фаврии худро аз ҳисоби хешу табор, аз дигар сарчашмаҳо ва рафиқон қонеъ менамоянд, ҳоло ҳам аз ҷой доштани нобоварии аҳолӣ нисбат ба фаъолияти ташкилотҳои молиявии қарзӣ дар минтақаҳои кишвар дарак медиҳад.

Қобили қайд аст, ки ҷанбаи муҳими таҳлил ин арзёбӣ намудани сабабҳои истифода набурдани хизматрасониҳои расмии

молиявӣ аз ҷониби респондентҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, сабабҳои истифода набурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ аз ҷониби респондентҳо ба ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ ҷудо карда шудааст.

**Диаграммаи 11. Тақсими респондентҳо аз рӯи маҳалли зист, ки хизматрасониҳои расмии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намебаранд**




Мафҳуми "ихтиёрӣ" дар таҳлили мазкур, аз рӯи майлу хоҳиши худ истифода набурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар фаъолияти хеш аз ҷониби респондентҳо дар назар дошта шудааст. Аз 22,1 фоизи респондентони аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифоданабаранда, ҳиссаи 84,6 фоиз бо ихтиёри худ ва 15,4 фоиз ғайриихтиёрӣ аз ин ё он хизматрасониҳои расмии молиявӣ даст кашидаанд (ниг. ба диаграммаи 13).

Албатта, ихтиёран ва ғайриихтиёран истифода набурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ аз ҷониби респондентҳо сабабҳои худро доранд, ки дар диаграммаи 14 ба таври муфассал оварда шудаанд.

Тавре аз диаграммаи 14 дида мешавад, аз рӯи теъдоди ҷавобҳои додашудаи респондентон аз 84,6% ба таври ихтиёран истифода набурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ бо сабаби эҳтиёҷот надоштан ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ 56,6%, сарфаҳм нарафтан оид ба нозукиҳои хизматрасониҳои молиявӣ – 14,5%, аз рӯи шариати динӣ – 6,3%, ҷой доштани дастрасиҳои бавосита – 4,7% ва дигар сабабҳо – 17,9% аз истифодабарии хизматрасониҳои расмии молиявӣ даст кашидаанд. Ҳолати мазкур аз нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки сабаби ихтиёран истифода набурдани хизматрасониҳои молиявӣ то андозае аз интихоби худи истеъмолкунандагон вобаста аст, аммо аз нигоҳи Пажӯҳишгоҳ ин аз мадди назари ташкилотҳои қарзии молиявӣ дур мондани ин истеъмокунандагони потенсиалӣ буда, баъдан дар сатҳи паст қарор доштани дониш ва маърифати молиявии онҳо ба ҳисоб меравад. Ин нуктаи назар бо он маънидод карда мешавад, ки ҳиссаи 56,6% эҳтиёҷот надоштан ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ ва 14,5% сарфаҳм нарафтан ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ аз фаъолияти сусти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти пешниҳоди маҳсулотҳои молиявии ҷонеъкунандаи эҳтиёҷот ва бурдани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ дарак медиҳад. Аз ин лиҳоз, ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст, ки фаъолияти худро дар ин самтҳо ҷоннок намоянд.

Тавре дар боло қайд карда шуд, ҳиссаи 15,4 фоизи респондентҳо изҳор доштанд, ки ғайриихтиёрӣ хизматрасониҳои расмии молиявиро истифода намебаранд. Аз ин лиҳоз, сабабҳои ғайриихтиёрӣ истифода набурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ ба таври мушаххас дар диаграммаи 15 оварда шудааст.

Сохтори сабабҳои ғайриихтиёрӣ истифода набурдани хизматрасониҳои расмии молиявиро метавон ба тариқи зайл муаррифӣ намуд: нокифоягии даромад – 20,7%, хавфи баланди истифодабарии хизматрасониҳои расмии молиявӣ – 12,7%,

**Диаграммаи 12. Тақсими респондентҳо доир ба истифодаи сарчашмаҳо дар сурати ба вуҷуд омадани эҳтиёҷи фаврӣ ба пул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**



**Диаграммаи 13. Тақсими респондентҳо оиди ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрӣ истифодаи набурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




таҳқиркунӣ – 1,3%, урфу одат/расму оин – 5,3%, норасоии иттилоот – 7,3%, қонеънагардонии хусусияти маҳсулотҳои пешниҳодшаванда – 3,3%, набудани робита ё тамос оид ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ – 1,3%, монеаҳои нарх бо сабабҳои номукаммали бозор – 4,0%, набудани нуқтаҳои дастраси пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои расмии молиявӣ – 8,0% гарон будани хизматрасониҳои молиявӣ – 18,0% ва дигар – 18,0%. Аз ҳолати ҷойдошта метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки ташкилотҳои қарзии молиявиро мебояд фаъолиятро дар самти паст намудани хавфҳои пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ, коркарди маҳсулотҳои нави инноватсионӣ, инкишофи инфрасохтори пешниҳоди хизматрасониҳо ва паст намудани арзиши пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ ҷоннок намоянд.

Бо вуҷуди сабукгардии хизматрасониҳои расмии молиявӣ, инчунин респондентҳо дар варақаҳои назарсанҷӣ қайд намудаанд, ки ҳангоми истифодаи хизматрасониҳои расмии молиявӣ бо як қатор мушкилиҳо дучор гаштаанд, ки ба таври сахеҳшуда дар шакли зерин пешниҳод карда мешавад:

- ҳангоми гирифтани қарз аз ҷониби ташкилотҳои бонкӣ ҷамъоварии зиёди ҳуҷҷатҳо талаб карда мешавад;
- ҳангоми гирифтани пул тариқи интиқоли маблағ аз Федератсияи Русия пули рублро бо сомонӣ мубадал менамоянд ва фоизи баланд мегиранд;
- ҳангоми гирифтани қарз аз ташкилотҳои қарзӣ бо асъор ва баландшавии қурби он баргардонидани қарз барои мизоҷон душвор мегардад;
- фаъолияти сусти кормандони бонкҳо;
- фоизҳои баланди хизматрасониҳои бонкӣ, бахусус қарз, кам будани фоизи маблағи пасандоз;
- мушкилот оиди конвертатсияи асъори хориҷӣ;
- набудани пул дар банкоматҳо, кам будани миқдори банкоматҳо дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе;
- интернети бонкҳо суст кор мекунад;
- муносибати номувофиқи кормандон;
- паст намудани ҳақи хизматрасониҳо;
- мушкил будани пардохти пасандозҳо аз ҷониби бонкҳо;
- интизорӣ ва нарасидани асъори хориҷӣ.

**Диаграммаи 14. Тақсими респондентҳо доир ба сабабҳои ихтиёрӣ истифодаи набурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО:

1. Муайян карда шуд, ки ҳиссаи 77,9 фоизи респондентҳо, ки дар назарсанҷии мазкур иштирок доштанд, аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифода намуданд. Гарчанде, ки ҳиссаи 22,1 фоизи респондентон изҳор

**Диаграммаи 15. Тақсими респондентҳо доир ба сабабҳои ғайрихтиёрӣ истифода набурдани хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, (%)**




намуданд, ки ба таври воқеӣ бо сабабҳои ихтиёрӣ 84,6 фоиз ва ғайриихтиёрӣ 15,4 фоиз аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ истифода намебаранд. Ҳолати мазкур аз нигоҳи аввал чунин менамояд, ки барои ихтиёран истифода набурдани хизматрасониҳои молиявӣ то андозае аз интихоби худи истеъмолкунандагон вобаста аст, аммо аз нигоҳи Пажӯҳишгоҳ ин аз мадди назари ташкилотҳои қарзии молиявӣ дур мондани ин истеъмокунандагони потенсиалӣ буда, баъдан дар сатҳи паст қарор доштани дониш ва маърифати молиявии онҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст, ки фаъолияти худро дар ин самтҳо ҷоннок намоянд.

2. Натиҷагирӣ карда шуд, ки сабукгардии ҳолати шартҳои дастрасии (дастрасии физикӣ, истифодабарӣ ва сифатнокӣ) аҳолӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ омили муҳими рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зимнан натиҷаи ҳисоби индекси диффузӣ “diffusion index” аз он шаҳодат медиҳад, ки дастрасӣ ба раванди хизматрасониҳои расмии молиявӣ дар соли 2019 дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта, дар маҷмӯъ 37,7% сабук гардидааст.

3. Фарогирии занҳо дар назарсанҷии мазкур ин аз як тараф муайян намудани сатҳи дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ (37 фоиз) бошад, аз тарафи дигар сатҳи таъмини иҷрои ҳадафи панҷуми рушди устувор “Баробарии гендерӣ” ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки аз ҳиссаи умумии истифоданабарандагони хизматрасониҳои расмии молиявӣ 38,8 фоизашро занҳо ташкил дода, 84,6 фоиз бо сабабҳои ихтиёрӣ алоқаманд аст. Вобаста ба ин, ташкилотҳои қарзии молиявиро мебояд, ки дар масъалаи баланд бардоштани саводнокии молиявии занон диққати бештар диҳанд.

4. Ташкилотҳои қарзии молиявиро мебояд фаъолиятро дар самти паст намудани хавфҳои пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ, коркарди маҳсулотҳои нави инноватсионӣ, инкишофи инфрасохтори пешниҳоди хизматрасониҳо ва паст намудани арзиши пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ ҷоннок намоянд.

5. Дар баробари пешниҳоди як қатор хизматрасониҳо, таҳия ва амалӣ намудани механизмҳои ҳавасмандгардонии ҷалби аҳолӣ барои истифодаи дигар намудҳои хизматрасониҳои молиявӣ, аз қабили сармоягузорӣ, лизинг ва суғурта мувофиқи мақсад мебошад.

***Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ.***

# Самой главной целью КИБТ является предоставление достоверных, надежных отчетов о состоянии кредиторов кредитным организациям, чтобы снизить риски кредитования и улучшить процедуры риск-менеджмента

**Манучехр Абдусамадзода, Генеральный директор Кредитно-Информационного бюро Таджикистана**



“В связи с популяризацией финансовых продуктов, едва ли найдется человек, который не знает о кредитных историях. Кредитно-Информационное бюро Таджикистана всегда было заинтересовано в том чтобы повысить уровень осведомленности Финансовых Институтов о потенциальных заемщиках, давая возможность для более точного прогнозирования возможности ссуд, основанного на реальной оценки надежности заёмщиков”.

Прежде всего, нужно сказать, что несколько лет назад термин «кредитное бюро» в Таджикистане не был известен очень многим людям. Но, сегодня обстановка в стране очень быстро меняется и деятельность кредитного бюро касается почти каждого гражданина Республики Таджикистан.

В 2009 году Правительством Таджикистана был утвержден «Закон о кредитных историях», согласно которому, с целью недопущения чрезмерной задолженности, все Финансовые Организации обязаны предоставлять информацию о своих клиентах Кредитным бюро. После этого, 12 декабря 2012 года Национальный банк Таджикистана выдал Кредитно-Информационному бюро Таджикистана (КИБТ) лицензию на осуществление деятельности с целью аккумулирования информации о кредитных историях физических и юридических лиц и их кредитоспособности. Следует отметить, что мажоритарным акционерам КИБТ является КРИФ С. п. А. (Италия), а также крупные банки и микрофинансовые организаций Таджикистана.

За период с 2012 по 2013 гг. объем кредитных историй КИБТ и количество запросов стремительно увеличивалось, база данных превысило более 1 миллиона субъектов, охватив рынок почти на 90%. В 2017 году было принято решение расширить ассортимент продукции, добавив Инструменты Мониторинга, новую скоринговую модель оценки субъектов и продукт CLARA.  Сегодня в сфере безопасности КИБТ использует передовые технологии защиты таких всемирно известных брендов как Microsoft, Checkpoint Inc, Semantec, Cisco и SSL. Ассортимент комплексных решений, Кредитно-Информационное бюро Таджикистана тщательно разрабатывало на протяжении всей своей деятельности.

А в январе 2018 года в силу вступили поправки к Закону Республики Таджикистан «О кредитных историях». Основным и существенным изменением можно считать то, что в дальнейшем информация о заёмщиках может предоставляться после их уведомления. В апреле этого же года была создана Ассоциация Провайдеров

Кредитной информации, куда вошли Кредитно-информационные бюро Таджикистана, Азербайджана, Белоруссии, Грузии, Казахстана, Кыргызстана и Украины. На наш взгляд, это событие является одним из основных достижений нашего бюро.

На сегодня Кредитно-Информационное бюро Таджикистана имеет 8-летний опыт на рынке финансовых услуг и осуществляет свою деятельность на территории страны. Только за 2019 год увеличилось в два раза количество обращений в КИБТ от граждан за кредитной историей. Это объясняется тем, что во многих банках появились новые кредитные программы с более выгодными процентными ставками, определяющим условием которых является наличие положительной кредитной истории. А в соответствии с требованиями закона РТ «О кредитных историях» раз в год жители страны могут ознакомиться со своей кредитной историей бесплатно.

Главной целью КИБТ является обеспечение актуальными данными Финансовые Институты страны, для решения которого мы направляем свое пристальное внимание для выяснения потребностей в бизнесе, а также и предоставления передовых решений в банковском и финансовом секторах. Тем самым стараемся облегчить миллионам потребителям и компаниям более легкий доступ к кредитам, поддерживая предпринимателей и потребителей, чтобы они смогли сохранить доверия к нашим решениям.

Наряду с этим, деятельность Кредитного бюро оказывает существенное влияние на развитие кредитного рынка страны. Наличие надежной и полной информации позволяет кредиторам увеличить объемы кредитования и выдавать надежным заемщикам кредиты с более высоким показателем соотношения размера кредита и стоимости предмета залога. А также наличие кредитной отчетности, формируемой КИБТ, стимулирует заемщиков погашать кредиты своевременно, поскольку в противном случае они рискуют в будущем не получить кредит в другой кредитной организации. В целом, правильно организованная система обмена информацией между кредиторами оказывает значительное влияние на повышение устойчивости и стабильности кредитного рынка.

Базовое понимание финансовых вопросов, грамотное отношение к деньгам каждого члена общества позволит нашей стране стать успешной и процветающей, а всем нам – гордиться обществом в котором мы живем.

А теперь уважаемые читатели, предлагаем Вашему вниманию отзывы партнеров Кредитно-Информационного бюро Таджикистана:

**Зарина Одинаева, Глава проекта Группы Всемирного Банка по укреплению финансовой инфраструктуры в Центральной Азии и Азербайджане**



«Самой главной ролью КИБТ стало предоставление достоверных, надежных отчетов о состоянии кредиторов банкам и микрофинансовым организациям нашей страны, что позволило снизить риски кредитования, улучшить процедуры риск-менеджмента и расширить продуктовые линейки. На сегодня Кредитно-информационное бюро Таджикистана является одним из передовых кредитных бюро в регионе, предоставляя значительное количество различных продуктов аналитического характера Финансовым Институтам страны для поддержания бесперебойности операций кредитования населения и бизнеса».

**Фаррух Хасанов,
Начальник отдела
кредитных операций
ЗАО “Первый
Микрофинансовый Банк”**



«Кредитно-Информационное бюро Таджикистана обладает уникальной технологией и методикой обработки информации для выявления и предсказания поведения субъекта кредитной истории в погашении займа с высокой степенью надежности. На основе скоринговой системы Кредитного бюро мы пересмотрели оценку платежеспособности наших клиентов. Это оказало весьма положительное влияние на бизнес».

**Алишер Нуралиев,
Директор управления
кредитованием
МДО «Хумо»**



«Благодаря сотрудничеству с КИБТ мы снижаем риск кредитного портфеля нашей организации, который в значительной степени зависит от репутации и успеха нашей организации на финансовом рынке. Деятельность КИБТ оказала положительное влияние на сокращение чрезмерных задолженностей в стране. Кредитные отчеты используются Финансовыми организациями для разработки планов действий и снижения затрат в своих интересах, что повышает устойчивость организации. В целом, все это приводит к одной важной вещи, которая заключается в эффективности организации.»

**Шафиев Азимджон,
Директор департамента по
управлению рисками
ЗАО Банк «Арванд»**



«Философия Кредитного бюро подразумевает индивидуальный подход к каждому партнёру, что является успешной моделью бизнеса. Именно это позволило им завоевать основную нишу рынка. Кредитное бюро выступают одним из важных звеньев финансовой инфраструктуры нашей страны. КИБТ содействуют росту не только рынка кредитования, но и частного предпринимательства в целом, способствуя более динамичному и устойчивому экономическому развитию РТ».

**Умеджон Юсупов,
Директор по рискам ЗАО
МДО «Имон Интернешнл»**



«Внедрение системы кредитного информирования привило к уменьшению времени, затрачиваемого на принятие решения о выдаче кредита, что, в свою очередь, значительно увеличило количество выдаваемых кредитов. Мы получили возможность получать информацию из одного источника. Нам нет необходимости пользоваться дополнительными базами данных либо сверять эту информацию. Получая ее от компетентного органа в лице Кредитно-Информационного бюро Таджикистана и в полной мере мы можем доверять этой информации.

# НОМИ НЕКИ Ӯ БИМОНАД ДАР ҚАЛБҲО



Баҳори имсол қалби Салмон Ҷамолов, яке аз собиқадорони Бонки миллии Тоҷикистон, ки то охирин рӯзҳои ҳаёти худ дар хизмати миллат буд, аз таппиш бозмонд. Марги ӯ барои кулли дӯстону пайвандонаш ногаҳонӣ фаро расид. Ҳарчанд умраш аз 80-солагӣ гузашта буд, вале то охирин нафасҳои худ фаъолият мекард. Маҳз бо ибтикори ӯ, Осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистон ташкил ёфта, осори гаронбаҳои таърихӣ (ҳатто сиккаҳо аз замони давлатдории Сомониёну Сосониён) дар он гирд оварда шуд, ки ҳоло яке аз ганҷинаҳои миллӣ маҳсуб меёбад.

Ӯ ҳар яке аз осори муомилоти пулии ниёгонро деҳ ба деҳу шаҳр ба шаҳр ҷустуҷӯ намуда, аз сокинон харидорӣ мекард ва ба ин осорхона ворид менамуд. Вақте меҳмонон аз осорхонаи бунёднамудаи ӯ боздид менамоянд, бо дидани тангаҳои умрашон 1100-солаи тоҷикон ё аз мушоҳидаи харитаи паҳншавии онҳо аз Осиё то Аврупо дар ҳайрат мемонанд ва ба тамаддуни халқи тоҷик эҳтиром қоил мешаванд.

Салмон Ҷамолов рафт, вале чунон осоре гузошт, ки боиси ифтихори ояндагон хоҳад буд. Номбурда соли 1955 ба факултаи таъриху филологияи Университети Давлатии Тоҷикистон дохил шуда, онро дар соли 1960 бо баҳои аъло хатм намуда, ҳамон сол ба Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии Академияи фанҳои ҷумҳурӣ ба кор даромадааст. Соли 1962 ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС даъват шуда, баъд аз хатми курсҳои ихтисосӣ Академияи ҳарбии сиёсии Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС то соли 1990 дар низоми Саридораи кашшофии Ситоди кулли Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС дар шаҳрҳои Москва, Тошканд ва хориҷ аз кишвар, аз ҷумла, дар дастгоҳи Атташеи низомии Сафорати Иттиҳоди Шӯравӣ дар Кобул хизмат намудааст. Баъди хизмати қариб сисола соли 1990 бо рутбаи ҳарбии полковник бознишаста гардида, ба шаҳри Душанбе баргашт. Худи ҳамон сол фаъолияти меҳнатиашро дубора дар Академияи фанҳои ҶССТ ба сифати сардори Шуъбаи якуми Президиуми АФ оғоз намуд. Ҳамзамон, солҳои 1990-1994 ҳамчунин Раисии Кумитаи иттифоқи касабаи Президиуми АФ иҷро намудааст.

Соли 1994 фаъолияти меҳнатиашро дар Бонки миллии Тоҷикистон ба сифати сардори Шуъбаи якум оғоз намудааст. Бо ташаббуси Салмон Ҷамолов, ҳамон сол Идораи амнияти Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки аввалин таҷрибаи ташкили чунин сохтор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз соли 1995 то соли 2008 вазифаи раиси Иттифоқи касабаи Бонки миллии Тоҷикистонро низ ба ӯҳда дошт. Баъдан роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон донандаи хуби таърихи муомилоти пулӣ будани Салмон Ҷамоловро ба назар гирифта, ба ӯ масъулияти ташкили Осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистонро месупорад. Салмон Ҷамолов солҳои 2012-2015 Осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистонро таҳти унвони “Муносибатҳои пулӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон аз бостон то кунун” ташкил намуд. Дар ин давра 15 мақолаи илмӣ-оммавӣ дар бораи таърихи пули миллӣ ва таърихи Бонки миллии Тоҷикистон навишта, дар маҷаллаи касбии “Бонкдорӣ дар Тоҷикистон” ба табъ расонид. Ғайр аз ин, ӯ соли 2016 “Раҳнамои Осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистон”-ро дар ҳаҷми 100 саҳифа бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ) таълиф ва нашр намуд ва қисмати дуюми Раҳнамои мазкур бахшида ба пулҳои ҷаҳон низ аз чоп баромад. То лаҳзаҳои охирини зиндагиаш вазифаи масъули Осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистонро ба зимма дошт.

Рафиқон, дӯстон ва ҳамкоронаш Салмон Ҷамоловро ҳамчун марди соҳибмаърифату беозор ва кашшофи адабиёту таърих ёд намуда, ӯро донандаи беназири таърихи бонкдории кишвар медонанд ва мегӯянд: “Бо ин марди соҳибхираду соҳибном солҳои дар Бонки миллӣ фаъолият доштанашон шинос шуда будем. Дар баробари таърихи миллат, таърихи муассисаҳои бонкии кишвар, бахусус Бонки миллиро низ хуб медонист, метавон гуфт, ки энсиклопедияи гӯёи миллат буд. Имрӯз мо бо некӣ ва эҳтироми хоса ба ёд меорем, бо вуҷуди он ки синну соли ин марди воқеан шарифу хоксор ва фурӯтан аз 80 гузашта (забонамон намегардад) буд гӯем, пайваста меомӯхт, мутолиа ва талош мекард, то ки баъд аз худ саҳму нақши сазоворе ба ёдгор гузорад.” Наздикон ва дӯстон ифтихор аз он доранд, ки Салмон Ҷамолов бо ду ордени ”Ситораи Сурх”, ордени “Барои хизмат ба Ватан дар Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС”, 11 медали Иттиҳоди Шӯравӣ ва нишони сарисинагии “Аълочии Бонки миллии Тоҷикистон” мукофотонида шудааст. Соли 1999 бошад, ӯ ба унвони “Корманди шоистаи Тоҷикистон” сазовор гардид.

Бобои Салмон марди зиндадилу суҳбатоsærо ва дӯсти қадрдону падари хуб ва бобои меҳрубон буд. Ӯ ҳамеша дар ғаму хурсандии дӯстону рафиқон, ҳамкору ҳамкасбон худро шарик медонист ва доимо дар паҳлуяшон ҳозир буд. Вай дар зиндагӣ беҳтарин шиор дошт ва ҳамеша тибқи он амал мекард:

**Бо ҳар диле, ки шод шавад, шод мешавам,**
**Обод ҳар кӣ гашт, ман обод мешавам.**

Имрӯз қалби наздикон, ҳамкорон ва дӯстонаш ниҳоят ғамгин аст. Бовар дорем, ки хотироти нек аз Салмон Ҷамолов дар дили ҳар яки онҳо солҳои зиёд боқӣ мемонад. Рӯҳат шоду макони охиратат обод бод, Салмон Ҷамолови азиз!

**Маҷаллаи “БТҶ”.**

# АГАР ХОҲЕД, КИ ХУД ВА НАЗДИКОНАТОН БА БЕМОРИИ КОРОНАВИРУС ГИРИФТОР НАШАВАНД, ҚОИДАҲОИ ЗЕРИНРО БОЯД ҲАТМАН РИОЯ НАМОЕД:



ДАР ҶОЙҲОИ ҶАМЪИЯТӢ НИҚОБРО ИСТИФОДА БАРЕД



ДАСТОНРО БО МАҲЛУЛҲОИ АНТИСЕПТИКӢ ТОЗА НАМОЕД



БО ДАСТ САЛОМ ВА ҲАНГОМИ ВОХӮРӢ АЗ ОҒӮШ ХУДДОРӢ НАМОЕД.






ФОСИЛАИ ЗАРУРИРО РИОЯ НАМОЕД



МАҲЛУЛҲОИ АНТИСЕПТИКИРО БАРОИ ТОЗА НАМУДАНИ АШЁҲО ИСТИФОДА БАРЕД



БА ДАҲОН, БИНӢ ВА ЧАШМ ДАСТ НАРАСОНЕД.



ДАР НАҚЛИЁТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ХӮРОК ИСТЕЪМОЛ НАКУНЕД